4. Народонаселение. – М.: Статистика, 1973. – 136с.
5. Население Республики Таджикистан в 2010 г. – Душанбе, 2010. -287 с.
6. Население Средней Азии. – М.: Финансы и статистика, 1985. – 96с.
7. Население СССР. – М.: Практической литературы, 1983. – 191с.
8. Салиев А.С. Проблемы расселения и урбанизации в республиках Средней Азии. – Ташкент, Фан, 1991. – 110с.
9. Этнический состав населения [Электронный ресурс] http://worldofscience.ru/geografija-mira/272-jetnicheskij-sostav-naselenija-grazhdanstvo.html.

СТРУКТУРЫ СЕЛЬСКОГО НАСЕЛЕНИЯ КУЛЯБСКОГО ЗОНЫ

Разнообразие в развитии общества, неравномерное распределение труда, неравномерное распределение труда сказались на разнообразии структуры населения Кулябского района, особенно его сел. Автор описывает основные аспекты жизни сельского населения региона и подробно объясняет его основные особенности. Структура сельского населения Кулябского района отражается на этническом составе населения (национальном составе), возрастной структуре, половом составе. Структура сельского населения в Кулябе аналогична другим частям Таджикистана. Поэтому открытие его отличий привело автора к всестороннему исследованию.

Ключевые слова: *нация, структура населения, регион, плотность, половой состав, село, рост, половой состав.*

STRUCTURES OF THE RURAL POPULATION OF THE KULYAB ZONE

Diversity in the development of society, uneven distribution of labor, uneven distribution of labor affected the diversity of the population structure of the Kulyab region, especially its villages. The author describes the main aspects of the life of the rural population of the region and explains in detail its main features. The structure of the rural population of the Kulyab region is reflected in the ethnic composition of the population (ethnic composition), age structure, and gender. The structure of the rural population in Kulyab is similar to that in other parts of Tajikistan. Therefore, the discovery of its differences led the author to a comprehensive study.

Key words: *nation, population structure, region, density, gender composition, village, growth, gender composition.*

Сведения об авторе:

Мирзоев Азиз Киматович *- соискатель кафедры географии и туризма КГУ имени Абуабдулло Рудаки. Адрес: Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова,16,телефон: 918-51-56-80? Email: aziz.mirzoev.1988@mail.ru*

About the outhor:

Mirzoev Aziz Kimatovich: *cockatiel of the Department of Geography and tourism of KSU named of the. Abuabdullo Rudaki. Address: Republic of Tajikistan, Kulob, S. Safarov str. 16.Phone: 918-51-56-80, Email: aziz.mirzoev.1988@mail.ru*

ТДУ 339.543

БАҲОДИҲИИ САТҲИ ХИЗМАТРАСОНИҲО ДАР РАВАНДИ ИНТИХОБ ВА ИСТИФОДАИ НИЗОМҲОИ ГУМРУКӢ

Ғаюрова Р.С.
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Дар раванди пешбурди фаъолияти гумрукӣ ҳалли масъалаи баланд бардоштани сифати хизматрасонии гумрукӣ бо назардошти истифодаи низомҳои гумрукӣ ҷойи махсусро ишғол мекунад. Ин раванд пеш аз ҳама ҳангоми афзоиш намудани ҳаҷми амалиётҳои содиротӣ-воридотӣ ва шумораи субъектҳои фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ, бартараф намудани камбудиҳо ҷиҳати ҳуҷҷатгузорӣ зиёд шуда, аз мақомоти гумрукӣ беҳдошти фаъолиятро тақозо менамояд.

Пеш аз ҳама ҳалли ин масъалаҳо баланд бардоштани самаранокии назорати гумрукӣ ва риояи қонунгузориро ҳангоми иҷрои амалиётҳои гумрукӣ, такмил додани системаи менеҷменти сифатӣ ҷавобгӯи будани ба стандартҳои байналмилалӣ равона карда шудааст.

Дар раванди гузаронидани таҳлили рушди хизматрасониҳои гумрукӣ ва истифодаи низомҳои гумрукӣ муайян кардани омилҳо ва сабабҳое, ки ба сатҳу сифати онҳо таъсир мерасонанд хело муҳим аст ва ин аз фаъолияти пурсамари кормандони мақомоти гумрук вобаста аст.

Дар асоси таҳлили фаъолияти ҷузъу томҳои гумрукӣ мо муайян кардем, ки ба сифати хизматрасонии гумрукӣ ҷой доштани хатогиҳо ҳангоми ҳуҷҷатгузорӣ ва истифодаи низомҳои гумрукӣ таъсирири бевосита мерасонад Ин хатогиҳо ҳангоми пур кардани декларатсияҳои гумрукӣ ва ҳуҷҷатҳои дигар аз ҷониби иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ ва кормандони гумрук рух медиҳад.

Дар баъзе ҷузъу томҳои мақомоти гумрукӣ ин хатогиҳо беш аз 25% -ро ташкил медиҳанд, ки аз омили инсонӣ, истифодаи нодурусти воситаҳои техникию типографӣ ва роҳ додан ба хатогиҳои грамматикӣ ва тавсифи нопурраи молҳои интиқол дода шуда ба вуҷуд меояд. Дар бисёр ҳолатҳо ин аз беэътиноии кормандони масъули гумрукӣ сурат мегирад.

Аз тарафи дигар кормандони хадамоти гумрук на ҳамеша таҳлили сифатии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо анҷом дода, тарҷумаҳоро аз/ба забонҳои хориҷӣ, инвентаризатсияи дақиқи ҳуҷҷатҳо, хулосаи коршиносон, ҳуҷҷатҳои нопурраи техникӣ намегузаронанд ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои иловагиро талаб намекунанд. Ин боиси он мегардад, ки дар асоси онҳо пардохтҳои иловагии гумрукӣ ситонида нашуда ё парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шаванд.

Дар ин раванд инчунин мушкилоти маъмултарин ҷиҳати сифати пасти хизматрасонии гумрукӣ аз қисматҳои зерин иборат аст:

- истифодаи нодурусти рамзи номгӯйи молҳои фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ ва кишвари истеҳсолкунандаи мол;
- вуҷуд надоштани асос барои тасдиқи маълумоти дар ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда мавҷудбуда;
- нодуруст пур кардани декларатсияи электронии гумрукии бор, нишон додани қурби асъор ва санаи тартиб додани ҳуҷҷатҳо, бақайдгирии аризаҳо оид ба тағйир додани декларатсияи гумрукӣ ва ғайра.

Аз ин лиҳоз, пеш аз ҳама имрӯз ташкил ва амалисозии бозомӯзии кадрҳо ҷиҳати омодасозии ҳуҷҷатҳо, ислоҳ намудани камбудиҳо нисбати вайронкунандагони қоидаҳои гумрукӣ зарур мешуморем. Аз тарафи дигар пурзур намудани назорати раванди натиҷагириро нисбати тартиб додан ва дуруст пур кардани ДГБ, риояи қонунгузории гумрукиро ҳангоми иҷрои амалиёти иқтисодии байналмилалӣ, зарурияти пешгирии чунин ҳолатҳоро мувофиқи мақсад мешуморем.

Дар ҷадвали 1 омилҳое, ки сабаби кам шудани ҳаҷми воридоти мол ба Тоҷикистон гардидаанд оварда шудааст.

Ҷадвали 1.

Омилҳое, ки боиси кам шудани ҳаҷми воридоти мол ба Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидаанд

	Номгӯйи омилҳо
1.	Татбиқи имтиёзҳои гумрукию андозӣ нисбат ба воридоти таҷҳизоти технологии истеҳсолӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини раванди устувори соҳибкории истеҳсолӣ дар кишвар
	Озод намудани воридоти таҷҳизоти ҳозиразамони истеҳсолию технологӣ аз супоридани пардохтҳои гумрукӣ
	Паст намудани меъёри боҷҳои гумрукӣ барои ворид намудани ашёи хом барои истеҳсоли маҳсулоти воридивазшаванда ва зиёд намудани ваъзе аз меъёрҳо
	Маҳдуд намудани ниёзи бозори дохилӣ аз моли хоричӣ, ҳамчун заминаи устувор барои рушди истеҳсоли молҳои ватанӣ
	Муносибати нодурусти кормандони гумрукӣ бо субъектҳои фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ ва сифати пасти дараҷаи кории онҳо
	Давра ба давра мадуд намудани воридоти молҳое, ки истеҳсолашон дар кишвар ба роҳ мондашудааст: (семент, ангишт, орд ва маҳсулоти аз орд тайёршуда, маҳсулоти либосворӣ (либоси ҳарбӣ ва мактабӣ), маҳсулоти қолинӣ, қаннодӣ, мебел, рангҳои сохтмонӣ, маводҳо барои шустушӯй, маҳсулоти аз асбест тайёршуда, маҳсулоти аз оҳан тайёршуда ва ғайра)

Манбаъ: пешниҳоди муаллиф.

Инчунин ҳангоми баҳодиҳии натиҷаи пешбурди фаъолияти гумрукӣ баррасии омилҳои иҷро нагардидани нақшаи воридоти пардохтҳои гумрукиро ҷудо кардан зарур аст. Ба ин омилҳо дохил мешаванд:

- фаъолияти мавсимии гузаргоҳи сарҳадии Ҷумҳурии Халқии Хитой бо Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар фасли зимистон);

-мушкилоти транзити молҳо тавассути қаламрави Ҷумҳурии Исломии Афғонистон вобаста ба вазъи нооромии сиёсии ин кишвар;

-гарон будани тарифҳои транзитӣ (махсусан тариқи роҳи оҳан) дар Ҷумҳурии Узбекистон;

-тафовути меъёри андозбандӣ ва то ҳол шаффоф мондани сарҳад миёни ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон ва ғайра.

Ба хатогиҳое, ки аксар вақт мутахассғайрисон ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ ба он роҳ медиҳанд, аз қабили нодуруст ҳисоб кардан ё ситонидани пардохтҳои гумрукӣ, додани имтиёзҳо; надоштани маълумот дар бораи шиносномаи муомила, тарҷумаҳои ҳуҷҷатҳо, пур кардани нодурусти нусхаҳои электронии декларатсияҳои гумрукӣ, нишон додани санаи ҳуҷҷатҳо, рамзҳои асъорӣ ва ғайра мебошанд.

Бо назардошти ин амалӣ намудани тадбирҳои зеринро зарур мешуморем:

- таҳлили ҳамаҷонибаи камбудиҳои дар раванди барасмиятдарории гумрукӣ мавҷудбуда, бо муайян кардани масъулияти шахсии кормандон;
- дар раванди такмили ихтисоси кормандон зарур аст, мунтазам кор бо ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, ташкили семинарҳо, таҷрибаомӯзӣ, гузаронидани аттестатсияи кормандон, ба роҳ монда шавад;
- зиёд кардани шумораи мутахассисоне, ки шаҳодатномаи тахассусӣ доранд;
- огоҳкуи ва пешбурди корҳои мақсаднокро оид ба кам кардани хавфҳои иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди байналмилалиро ба роҳ монадан;
- баланд бардоштани истифодаи расмиёти соддагардонидашудаи гумрукӣ ҳангоми интиқоли мол ва воситаҳои нақлиётӣ;
- ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ба раванди гумрукӣ;
- бо технологияи нав муҷаҳҳаз нардонидани инфрасохтори фаъолияти гумрукӣ ва ғайра.

Бояд қайд намуд, ки баъди ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо, талабот ба сифати кори мутахассисони гумрук, зарурати истифодаи технологияҳои муосир, баланд бардоштани ихтисоси кормандон, касбияти онҳо ва дар ниҳояти кор, сифати хизматрасониҳои гумрукиро зарур аст.

Дар ин раванд инчунин беҳдошти тартиби ҳуқуқии интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ муҳим буда, дар баробари ғанӣ гардонидани буҷаи давлат, мебояд субот ва амнияти дар қаламрави гумрукӣ таъмин карда шавад.

Пеш аз ҳама нақши мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини амнияти иқтисодӣ калон мебошад. Аз тарафи дигар дар шароити рушди устувор беҳтар шудани ҳамгироиҳои иқтисодӣ хело муҳим аст [1].

Аз тарафи дигар танзими хизматрасониҳои гумрукӣ аз муқаррар намудани тартиб ва қоидаҳое иборат мебошад, ки шахсон ҳангоми риоя намудани онҳо ҳуқуқи аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол додани мол ва воситаҳои нақлиётро амалӣ намуда дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар сурат мегирад[2].

Дар ин раванд назорати гумрукиро мақомоти гумрукӣ ҳамчун маҷмӯи тадбирҳое, ки ӯ бо мақсади таъмини риояи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ месозад. Новобаста ба ин имрӯз зарурияти такмил додани назорати гумрукӣ баъди иҷозати мол ба миён омадааст, ки аз иҷрои корҳои зерин дарак медиҳад:

1. Созмон додани механизми пайгирикунандаи гардиши мол аз лаҳзаи ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудан то лаҳзаи ба истеъмолкунанда додани он, инчунин рушди ниҳоди тамғагузории мол бо мақсади аз байн бурдани истифодабарии нақшаҳои гуногуни саркашӣ кардан аз пардохтҳои гумрукӣ ва дигар аз ҷониби санҷишкунандагон, ки ситонидани пардохтҳо ба зиммаи мақомоти гумрук вогузор шуда, ба самаранок гузаронидани назорати гумрукӣ мусоидат мекунад, аз ҷумла аз шахсоне, ки савдои яклухт ва чаканаи моли ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшударо ба роҳ мондаанд;

2. Тарҳрезӣ ва истифодаи механизми ягонаи маъмуригардонии гумрукию андоз, инчунин, назорати асъори ба таъсис ва истифодаи технологияҳои иттилоотию телекоммуникатсионии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ асосёфта;

3. Такмили воситаҳои таъсисёфтаи ба таъмини ҷамъоварии пурраи пардохтҳои гумрукӣ ва дигар равонашуда, бо дар назар доштани азнавтақсимкунии сарбории маъмурӣ оид ба назорати гумрукӣ нисбати иштирокчиёни бовиҷдони ФИБ аз марҳилаи декларатсиякунонии гумрукӣ ва иҷозати мол ба марҳилаи баъди иҷозати мол;

4. Интихоби объектҳои назорат, инчунин, равандҳои назоратӣ бо мақсади амалисозии назорати баъди иҷозати мол;

5. Истифодаи оқилонаи шаклҳои назорат бо ҳамзамон баланд бардоштани самаранокии онҳо.

Дар ин радиф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд системаи чорабиниҳои сиёсию ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва дигар чорабиниҳои ба мақсади танзими фаъолияти гумрукӣ барои ҳифзи манфиатҳои дохилию берунии давлат,ташкилоту корхонаҳо ва шаҳрвандон равона карда шавад.

Ҳангоми такмили сиёсати давлатӣ бояд хизматрасонии гумрукӣ яке аз вазифаҳои муҳимро иҷро бояд намояд. Аз ин лиҳоз дар шароити муосири иқтисоди бозорӣ хизматрасонии гумрукӣ бояд ҳамчун шохаи муҳимтарини фаъолияти иқтисодии байналмиллалӣ ба роҳ монда шуда, дар тадбиқи рушди иқтисодиёти миллӣ аз ҷиҳати ҳавасмандсозӣ ва ҷалби иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ ва беҳатар намудани сифати он саҳми босазоро гузорад. Дар ин ҷода қайд кардан бамаврид аст, ки ҳамаи ин фаъолиятҳои номбаршуда танҳо дар натиҷаи ташкили дурусти танзими хизматрасониҳои гумрукӣ ва истифодаи низомҳои гумрукӣ амалӣ карда мешаванд[4].

Барои беҳтар намудани самаранокии танзими хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ барои рушди манфиатҳои иқтисодӣ такмили маъмуригардонии гумрукӣ хело муҳим мебошад.

Дар ин раванд ҳангоми такмили кори мақомоти гумрук дар гузаргоҳҳои сарҳади истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва иттилоотонии пешакӣ ҷойи асосиро ишғол мекунад, чунки ин имконият медиҳад истифодаи воситаҳои иловагии назорат кам карда шавад.

Омили баланд шудани сифати хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ - ин пурра гузаштан ба декларатсиякунонии электронии моли таҳти расмиёти гумрукии транзити байналмилалӣ қарордошта мебошад. Ин имконият медиҳад ба иштирокчиёни ФИБ пешниҳоди якмаротибаи ҳуҷҷатҳои барои гузаронидани амалиёти гумрукӣ зарурӣ имконият дода шавад. Декларатсикунонии электронии расмиёти гумрукӣ барои такмил додани маъмурикунонии гумрукӣ дар самти татбиқи технологияҳои иттилоотӣ нақши асосиро мебозад. Омили дигари рушди хизматрасониҳои гумрукӣ ин такмил додани назорати гумрукӣ баъди иҷозати мол мебошад. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии низоми назорати гумрукӣ пас аз иҷозати мол аз тартиби истифодаи содагардонии он вобаста аст[3].

Инчунин дар ин замина мо арзёбӣ ва идоракунии сифати хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукиро зарур мешуморем. Самти муҳими такмили хадамоти гумрук баланд бардоштани самаранокии назорати гумрукӣ ва риояи қонунгузорӣ ҳангоми амалиёти гумрукӣ буда, бояд ҷорӣ намудани системаи идоракунии сифат дар асоси стандартҳои байналмилалӣ ба роҳ монда шавад.

Дар асоси омӯзиши фаъолияти мақомоти гумрук бояд ба муайян кардани омилҳо ва сабабҳое, ки ба сатҳи сифати хизматрасонии гумрукӣ таъсир мерасонанд зарур буда, пешниҳодҳои тавсияшаванда оид ба масъалаи мазкур ба субъектҳои фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ равона карда шавад. Аз ин лиҳоз категорияи муҳими идоракунии кори гумрукӣ, ин сифати расонидани хизматрасониҳо мебошад. Бояд қайд намуд, ки мазмуни мафҳуми «сифати хизматрасонии гумрукӣ» бо мафҳуми асосии категорияи сифат асос ёфтааст.

Дар асоси гуфтаҳои боло системаи идоракунии сифати хизматрасониҳои гумрукӣ аз қисматҳои зерин иборат аст (расми 1):

Расми 1. – Мавқеи системаи идоракунии сифати хизматрасониҳои гумрукӣ дар низоми идоракунии мақомоти гумрук

Аз расми 1 бармеояд, системаи идоракунии сифатии хизматрасониҳои гумрукӣ бояд ба принсипҳои идоракуние асос ёбад ва баррасии субъект ва объекти идоракунӣ зарур аст.

Ба ақидаи мо сохтори системаи манфиатҳои ҷонибҳо дар раванди идоракунии сифати хадамотрасониҳои гумрукӣ чунин пешниҳод намудан зарур аст (расми 2).

Расми 2. – Таркиби системаи манфиатҳо дар раванди идоракунии сифати хизматрасониҳои гумрукӣ

Дар раванди баҳодиҳии системаи манфиатҳо таҳқиқи талаботи аз ҷониби иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ гузошташударо дар асоси ба даст овардани фоидаи зарурӣ муайян намудан бо нишон додани ҳадафҳо ва вазифаҳои гузошташуда имконпазир аст[5]. Дар маҷмӯ омӯхтани сохтори андозаҳои арзёбии сифати хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукиро муҳим мешуморем, ки ин бо сатҳи таъминоти моддию техникӣ, сатҳи ташкили фаъолияти мақомоти гумрук, сифати меҳнати кормандони мақомоти гумрук, сатҳи назорати сифати хадамоти гумрук, сифати дастгирии иттилоотӣ ва таъминоти меъёрии фаъолияти мақомоти гумрук алоқаманд мебошад (расми 3).



Расми 3. – Таркиби сифати баҳодиҳии хизматрасониҳо ва низомҳои гумрукӣ

Дар раванди таҳқиқи сифати хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ мо истифодаи натиҷаи фаъолияти мақомоти гумруки ҷумҳуриро зарур мешуморем. Дар ҷадвали 2 натиҷаи таҳлили муқоисавии ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи гумрук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2020 оварда шудааст. Аз ҷадвали 2 дида мешваад, ки соли 2020 дар соҳаи гумрук дар ҷумҳурӣ 4280 қонуншиканӣ ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2019 18 адад зиёд аст (+ 0,4%). Шумораи бештари ҷиноятҳо ба вилояти Суғд рост меояд - 3147 (73,5%); дар вилояти Хатлон 409 қонуншиканӣ (9,6%); дар Душанбе бошад - 11,1% (475) ба қайд гирифта шудааст.

Аз натиҷаҳо бар меояд, ки тамоюли афзоиши ҳуқуқвайронкуниҳо дар маҷмӯъ, дар кишвар ва субъектҳои соҳаи гумрук мавҷуданд. Ҳиссаи парвандаҳои барои ҷиноятҳои маъмурӣ оғозшуда дар ҷумҳурӣ -98,3%, дар вилояти Суғд -98,6%, дар вилояти Хатлон -98,8% ва дар Душанбе -96,6% -ро ташкил доданд.

Ҷадвали 2.

Натиҷаи таҳлили муқоисавии ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи гумрук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2020

I.	Нишондиҳандаҳо	Ҷумҳурии Тоҷикистон		Тағйирёбӣ(+,-)	Вилояти Суғд		Тағйиёбӣ (+,-)	Вилояти Хатлон		Тағйирёбӣ (+,-)	шаҳри Душанбе		Тағйирёбӣ (+,-)
		2019	2020		2019	2020		2019	2020		2019	2020	
1	Дар маҷмӯъ, қонуншиканӣ дар соҳаи гумрук ба қайд гирифта шудааст, воҳидҳо.	4262	4280	18	3137	3147	10	389	409	20	465	475	10
2	Парвандаҳои ҷиноии оғозшуда, таҳрир	92	72	-20	41	43	2	4	5	1	16	16	0
3	Корҳои ҷиноии радшуда, воҳид.	8	12	4	5	10	5	0	0	0	0	2	2
4	Парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда шуд, воҳид.	16	0	-16	3	0	-3	0	0	0	6	0	-6
5	Парвандаҳои оғозшуда оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, таҳрир.	4170	4208	38	3096	3104	8	385	404	19	449	459	10
6	Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ барои молҳои зераксизӣ, адад	544	333	-211	529	324	-205	2	1	-1	7	6	-1
7	Ҷамъ барои содир кардани	4025	3956	-69	2951	2882	-69	385	404	19	449	429	-20

	ҳуқуқвайр онкунии маъмурӣ, воҳидҳо												
8	Ҷаримаҳо барои ҳуқуқвайр онкунии маъмурӣ, ки бо қарори суд пешниҳод шудаанд, сомонӣ	4654996	4025110	-629886	4139217	3168384	-970833	34354	223052	188698	347278	452872	105594
9	Маблаги пардохтҳо и гумрукӣ барои ҳуқуқвайр онкунии маъмурӣ дар асоси қарори суд сомонӣ	1354495	43948	-1310547	1047145	43984	-1003197	3248	0	-3248	290491	0	-290491
2.0	Шумораи молҳои мусодира шуда бо қарори суд, адад	2029	2055	26	2011	2022	11	2	7	5	13	19	6
3.1	Маблаге, ки аз мусодираи молҳо бовар карда шудааст, сомонӣ	7171031	5107303	-2063728	6720730	4285089	-2435641	21207	339152	317945	320519	303390	-17129

Манбаъ: дар асоси ҳисоботи Хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст. - Душанбе, 2020. -126с.

Дар асоси баҳодиҳии динамикаи ҷиноятҳои номбаршуда барои солҳои 2019 - 2020 муайян намудем, ки ба ин нишондиҳанда + 0,9% афзудааст. 3956 субъект ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷалб карда шуданд, ки ин нисбат ба соли 2019 - 69 адад камтар аст. Маблаги ҷазо барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар маҷмӯъ дар кишвар 4 025 110 сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2018 -13,6% камтар аст. Пардохти гумрукӣ барои ин ҳуқуқвайронкуниҳо дар асоси қарори суд 43 948 сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2019 - 67,6% камтар аст. Аз мусодираи молҳо аз ҷониби хадамоти гумруки ҷумҳурӣ, ки бо қарори суд -5 107 303 сомонӣ ба даст омадааст, шумораи қонуншиканиҳо дар ин самт бошад - 2055 ададро ташкил додаанд.

Миқдори зиёди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба декларатсия ё эътимод надоштани он (52,4%) оғоз карда шудаанд.

Дар асоси маълумотҳои Хадамоти гумрук, мо муқаррар кардем, ки ҳиссаи декларатсияи электронии бори гумрукӣ (ДБГ) дар мӯҳлати муқаррарӣ баровардашуда дар сатҳи баланд - 99,24% боқӣ мондааст. Ҳиссаи декларатсияҳои гумрукии ба мақомоти гумрук пешниҳодшуда бо хатогиҳо аз 3,5% дар соли 2015 то 2,6% дар соли 2019, аз ҷумла бо хатогиҳои интиқодӣ аз 0,16% то 0,09%. коҳиш ёфт. Коҳишёбии маблаги пардохтҳои иловагии гумрукӣ, аз рӯи натиҷаҳо чунин баҳогузорӣ карда шудаанд: аз 0,92% дар соли 2015 то 0,19% дар соли 2019. Ҳиссаи мутахассисоне, ки ба хатогиҳои ҷиддӣ роҳ дода, боиси пардохти иловагии гумрукӣ гардиданд, дар соли 2019 то 4% коҳиш ёфтааст, ки ба ин омил - сатҳи тахассуси кормандон - то 87%, ки тақрибан ҳамаи онҳо дар доираи барномаҳои такмили ихтисос таълим гирифтаанд, таъсир расонидааст.

Дар Раёсати минтақавии гумруки шаҳри Душанбе, тамоюли афзоиши истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ дар сохторҳои гумрук ба назар мерасад, ки сатҳи он 68,0% -ро ташкил додааст. Дар маҷмӯъ, вазъи кунуниро мусбат арзёбӣ кардан мумкин аст. Аммо, бо вуҷуди тамоюлҳои мусбат ҳоло , шумораи ҳам қонуншиканҳо дар соҳаи гумрук зиёд мебошад.

Дар Раёсати минтақавии гумруки вилояти Суғд афзоиши ҳуқуқвайронкуниҳо 10,3% (+ 294 адад), аз ҷумла маъмурӣ - 9,7%; шумораи ҷиноятҳо дар ин самт 2,1 маротиба афзудааст. Дар ин радиф ҳаҷми ҷаримаҳои ситонидашуда 2,4 маротиба, миқдори молҳои мусодирашуда 5,8 маротиба афзудааст, ки ин пурзӯр шудани назорат дар расмиётҳои гумрукиро нишон медиҳад. Ҳамзамон, бо коҳиш ёфтани шумораи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хоричӣ 20,6% ҳаҷми миёнаи ҷаримаҳо барои ҳар як иштирокчӣ 3 маротиба зиёд шудааст.

Дар баъзе ҳолатҳо, ҷиноятҳо қасдан содир нашудаанд, балки онҳо аз сабаби хатогиҳо қайдгузорӣ карда шудаанд. Таҳлилҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки мушкилии муайян ин тафтиши эътимоднокии маълумоти дар ДБГ пешниҳодкарда, аз ҷумла, вобаста ба рамзи таснифи мол мебошад, ки дар робита ба ин озод кардан аз пардохт ё кам кардани боҷҳои гумрукӣ ва андозҳоро кормандони гумрук амалӣ намудаанд. Мушкилоти дигар муайян кардани арзиши мол маълумоти объективии нархҳо мебошад, ки манбаи он пойгоҳи дохилии гумрукӣ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки самаранокии раванди хизматрасонии гумрукӣ аз татбиқи манфиатҳои иштирокчиёни ин раванд вобаста аст, ки онҳо ба чунин омилҳо таъсир мерасонанд:

1. Манфиати намояндаи гумрукӣ аз содда намудан ва ягонасозии расмиёти бақайдгирӣ ва назорати устувории онҳо дар рушди соҳибкорӣ.

2. Мақомоти гумрук ба коҳиш додани шумораи декларантҳои номувофиқ, баланд бардоштани сатҳи касбии кормандони гумрукӣ ва эътимоднокии маълумоти пешниҳодшуда манфиатдоранд.

3. Иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ ба кам кардани мӯҳлати ҳуҷҷатгузорӣ ва хароҷот манфиатдоранд.

Дар маҷмӯ татбиқи комплексии манфиатҳои номбаршуда бояд ба заминаи меъёрие, ки ба талаботи муосири рушди фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ ҷавобгӯ бошанд, мувофиқат кунад.

Масъалаи дигар дар ин раванд омӯзиши сиёсати нархгузории аз ҷониби мақомоти гумрук амалишаванда ба иштирокчиёни савдои байналмилалӣ имкон медиҳад, ки барои бақайдгирӣ ҳуҷҷатҳои гумрукиро интихоб намоянд.

Дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС, талабот нисбат ба фаъолияти гумрук афзудааст, ки ин пайваста ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, баланд бардоштани ихтисоси кормандон, касбияти онҳо ва дар ниҳоят, сифати хизматрасониҳои гумрукиро тақозо мекунад.

Аз тарафи дигар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти гумруки ҷумҳурӣ, сифати хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ, аз бисёр омилҳо вобаста аст, ки таъсири онҳоро бо истифодаи PESTLE-таҳлил муайян намудан хело муҳим аст.

Барои истифодаи ин усул мо дар асоси пурсиши 300 нафар иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди байналмилалиро гузаронидем, дар мудириятҳои минтақавии гумрукии Тоҷикистон гузаронидем.

Дар ҷадвали 3. натиҷаҳои PESTLE - таҳлили хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ ва омилҳое, ки ба сифати хизматрасониҳои гумрукӣ таъсиррасон пешниҳод гардидааст.

Ҷадвали 3.

Натиҷаи PESTLE - таҳлили хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар мудириятҳои минтақавии гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ишора	Тавсифи омилҳо	Аҳамият барои мақомоти гумрук (АТ) (1, ..., 5)	Дараҷаи таъсир ба мақомоти гумрук (АЗ) (1, ..., 10)	Самт (N) (+/-)	Дараҷаи В * С * Н
Р1	Зарурати риояи талаботи Созмони умумиҷаҳонии савдо	5	9	+	+45
Р3.	Равандҳои ҳамгиро дар Иттиҳоди иқтисодии Авроу Осиё	5	7	+	+35
Е1	Тағйирёбии нархи энергия	5	8	-	-40
Е2	Зарурати диверсификатсияи амалиётҳои содиротӣ-воридотӣ	5	5	-	-25
Е3	.Тақвияти функсияи назорати молиявӣ дар фаъолияти мақомоти гумруки ҶТ	5	9	+	+45

Идомаи ҷадвали 3.

S1	Таъсиси системаи муассири идоракунии кадрҳо дар хадамоти гумруки ҶТ бо дарназардошти истифодаи технологияҳои муосир	5	5	+	+25
S2	Рушди низоми ҳавасмандгардонии молиявии кормандони Хадамоти гумруки ҶТ	4	4	+	+16
T1	Модернизатсия ва автоматизатсияи ХГ НҲҶТ	4	5	+	+20
T2	Таъсиси платформаҳои иттилоотии умумӣ	5	10	+	+50
T3	Таъминоти электронии хадамоти гумрук	5	10	+	+50
L1	Истифодаи танзимӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти мақомоти гумрук ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ	3	10	+	+30
L2	Баланд бардоштани самаранокии ҳамкорӣ дар доираи СУС	3	10	+	+30
L3	Андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	4	10	+	+40
E1	Иштирок дар барномаҳои экологӣ	5	5	+	+25
E2	Беҳтар намудани шароити зисти кормандони хадамоти гумруки ҶТ	5	6	+	+30

Манбаъ: ҳисобҳои муаллиф

Дар асоси натиҷаҳои ба дастовардашуда мо ба хулосаҳои зерин омадем:

1. Омилҳои асосие, ки ба сифати хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ таъсири назаррас мерасонад, истифодаи технологияи ҳозиразамон ва риояи талаботҳои ҳуқуқиро дар бар мегиранд.

2. Истифодаи усули маърифатӣ ба арзёбии хизматрасониҳою истифодаи низомҳои гумрукӣ имкон медиҳад, ки сатҳи самаранокии татбиқи стратегияи рушд ҳамаҷониба арзёбӣ карда шавад.

Барои беҳтарсозии пешниҳоди хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ амали намудани чораҳои зеринро зарур мешуморем:

- ба амал баровардани назорати муосири гумрукӣ дар асоси истифода ва интихоби низомҳои гумрукӣ;
- таъмини расмиётҳои содагардонидашудаи гумрукӣ ба иштирокчиёни ФИБ;
- пешбурд ва ҳалли масъалаи додани машваратҳои гумрукӣ ба иштирокчиёни ФИБ ва ғайра.

Дар асоси ин бандҳо инчунин пешниҳодҳои зеринро мавриди баррасӣ қарор доданд бамаврид аст:

- аз нав дида баромадани нақшаҳои таълимӣ дар Донишкадаи такмили ихтисоси Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста пешниҳоди хизматрасониҳои муосир ва истифодаи асосноки низомҳои гумрукӣ;
- беҳдошти равандҳои ҳамгирой бо гумруки давлатҳои хориҷӣ;
- дуруст ба роҳ мондани пешбурд ва ташаккул додани амали омори гумрукии махсус дар тамоми ҷузъу томҳои мақомоти гумрук.

Инчунин бо назардошти ба назар гирифтани манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли чунин масъалаҳо зарур аст:

- тезондани суръат, амалинамоии бозсозии сохторӣ ва саноатикунонии иқтисодиёти кишвар;
- таъмини ҳаракати озоди мол, хизматрасонӣ ва сармоя дар ҳудуди Иттиҳоди давлатҳои муттаҳид;
- таъмини гардиши озоди қувваи коргарӣ дар миқёси байнидавлатӣ;
- тавонбахшии иқтидори содиротии кишвар;
- табдилдиҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз минтақаи сарбаста ба минтақаи транзитӣ ва ғайра.

Ҳамин тариқ, таҳлили баҳодиҳии сифати хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар ҷумҳурӣ, зарурати такмили онҳоро тавассути истифодаи усулҳои инноватсионӣ ва амали намудани стратегияи оптималии рушди мақомоти гумрук дар чорчӯбаи Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2030 тақозо мекунад.

Бо амалӣ шудани чунин самтҳо, ҳалли мушкилоти беҳтарсозии самаранокии танзими хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар раванди ҳимояи манфиатҳои иқтисодӣ ба амал бароварда мешавад.

АДАБИЁТ

1. Азамат А. Развитие механизма повышения качества таможенных услуг в условиях рыночной экономики (на примере Республики Таджикистан) автореф. дисс. …. канд. экон. наук: 08.00.05/ Азамат Азими.-Душанбе, 2019.-182с.
2. Азими А. Внешнеэкономическая деятельность как основа развития сферы таможенных услуг в Республике Таджикистан//Вестник Белгородского университета коопераци, экономики и права, №2, 2019.- с. 181.
3. Алиев М. Б. Организационно-экономические аспекты улучшения таможенного сервиса в Республике Таджикистан: дисс. канд. экон. наук: 08.00.05/ Алиев Махмаджон Бахронович.-Душанбе, 2016.-175с.
4. Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2015.-232с.
5. Нидоев П.Ф. Роҳҳои муосири таъмини амнияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Монография. - Душанбе: «Ирфон», 2017.- 138с.

ОЦЕНКА УРОВНЯ УСЛУГ В ПРОЦЕССЕ ВЫБОРА И ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ТАМОЖЕННОГО РЕЖИМА

В статье рассматриваются предоставление таможенных услуг на основе оценки его результатов и анализа областей, чтобы расширить использование таможенных систем, использованием таможенных режимов. Исследования, проведенные для того, чтобы эту оценку формирования и динамичного развития внешнеторговых грузов, расчет и взимание таможенных платежей подходит в качестве основы соблюдения таможенного законодательства в отношении использования режимов. Прежде всего, решение этих вопросов направлено для повышения эффективности таможенной деятельности, в сделках и полном выполнении перевозок, в течение короткого периода через таможенную границу и соблюдения законодательства при выполнении таможенных операций.

***Ключевые слова**: таможенные дела, таможенные услуги, таможенные режимы, управление таможенного дела.*

EVALUATION OF THE LEVEL OF SERVICES IN THE PROCESS OF SELECTING AND USING CUSTOMS REGIME

The article discusses the provision of customs services based on the assessment of its results and analysis of areas in order to expand the use of customs systems, using customs regimes. Studies conducted in order for this assessment of the formation and dynamic development of foreign trade cargo, the calculation and collection of customs payments is suitable as the basis for compliance with customs legislation regarding the use of regimes. First of all, the solution of these issues is aimed to improve the effectiveness of customs activities, in transactions and full transportation, during a short period across the customs border and compliance with legislation in the fulfillment of customs operations.

***Key words**: customs, customs services, customs regimes, customs management.*

Сведения об авторе:

***Гаюрова Рано Саидмуродовна** – старший преподаватель кафедры таможенного дела Таджикского государственного университета коммерции. Душанбе. Республика Таджикистан. Тел.: +992909113378. Email: vestnik-tsuc@mail.ru.*

About the author:

***Gayurova Rano Saidmurodovna** - Senior Lecturer, Department of Customs, Tajik State University of Commerce. Dushanbe. The Republic of Tajikistan. Tel.: +992909113378. Email: vestnik-tsuc@mail.ru.*

ВАЗИФАҲОИ ДАВЛАТ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚАВӢ

Деҳқонов С. А.

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Яке аз масъалаҳои асосӣ дар рушди иқтисодиёти минтақавӣ ин вазифаҳои иқтисодии давлат мебошад, ки хусусиятҳои хоси худро дорост. Аз ин лиҳоз аз нуқтаи назари амалия рушди иқтисодии минтақа аз вазифаҳои давлат ба ҳисоб рафта ба идоракунии кадрӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳо вобастагии зиёд дорад. Дар солҳои охир рушди иқтисодиёти аксари мамлакатҳоро бе иштироки васеи давлат тасаввур кардан номумкин аст.

Масъалаҳои нақши давлат дар рушди иқтисоди минтақавӣ дар асарҳо ва китобҳои олимони ватанӣ Л.Х., Саидмуродов, Муминова Ф.М., Мирбобоев Р.М., ва китобҳои дарсии Саидмуродова М., ва Убайдов Ф.С., мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ва дар таҳлилҳои онҳо минтақа марҳалаи муҳими татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ ва таъмини рушди устувори кишвар мебошад. Дараҷаи минтақавии ҷойгиршавӣ ва инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда ҳамеша бо сатҳи умумидавлатӣ алоқаи доимӣ дорад, ки тамоюли ҳаракати ичтимоию иқтисодиро умуман муайян мекунад [6, 3].

Зеро рушди иқтисодиёти муосир омехта гаштааст. Ин маънои онро дорад, ки батанзимдарории бозор ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ вобастагӣ дошта, аз тарафи давлат тавозун нигоҳ дошта мешавад. Истифодаи самараноки захираҳо ва рушд додани минтақаҳову ноҳияҳо, ҷамоату шаҳракҳо ва рушди деҳот низ яке аз вазифаҳои муҳими стратегияи давлати соҳибистиқлол мебошад.

Оид ба рушд намудани минтақаҳо бошад Ф.С. Убайдов қайд менамояд, ки фаъолияти якҷояи давлат ва сектори хусусӣ иқтисодиётро босуръат пеш мебарад[1,.111]. Яъне дар ин равишҳо давлатҳо чунин вазифаҳоро иҷро мекунанд: роҳнамой, танзимгарӣ, идоравӣ, маҳдудкунӣ, ҳавасмандгардонӣ. Аз ин лиҳоз баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ вазифаи бунёдии низоми идоракунии давлатӣ ва рушди минтақаҳо чун аломати муҳими давлати соҳибихтиёри тоҷикон ба миён омад ва ин масъала дар зери назорати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомали Раҳмон мунтазам қарор дорад. Вобаста ба шароити муосир навгониҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ сиёсӣ дар низоми молияву андоз, бонкдорӣ, рушди соҳаи кишоварзӣ, саноату сохтмон, роҳсозӣ, инъикос меёбад, ки зарурати рушди инфрасохтор ва қабули онро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22декабри соли 2016 чунин таъкид карда буданд: Масъулинро зарур аст, ки вобаста ба шароити иқлим ва имкониятҳои истеҳсолии ҳар як минтақаи мамлакат ҷиҳати мунтазам зиёд намудани масоҳати заминҳои кишти пахта, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва ба ин васила зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли он, инчунин, беҳтар намудани ҳавасмандии кишоварзон ба афзун гардонидани истеҳсоли пахта ва бо ашёи хом таъмин намудани корхонаҳои саноати сабук тадбтрҳои иловагӣ андешанд[4, 16].

Дар адабиётҳои иқтисодӣ навъҳои гуногуни таснифи вазифа ва мақсадҳои давлатро дар самти иқтисод вохурдан мумкин аст. Ба таснифоти пешниҳодкардаи иқтисодшиносони амрикой К. Макконнелл ва С. Брю таваҷҷуҳ мекунем, ки мавқеашон равиши омехтаро аз дидгоҳи неоклассикон ва институтсионализм инъикос мекунанд. Агар мушаххастар ба мавқеи мактаби институтсионалӣ назар кунем, ба ақидаи пайравони ин мактаб вазифаи асосии давлат дар фазои ҳуқуқӣ махсусгардонӣ ва ҳимояи ҳуқуқи моликият мебошад, ки дар навбати аввал сухан дар бораи ҳуқуқи моликият ба захира ва сарватҳо меравад[3, 39]. (расми 1.).

Вазифаҳои давлат
(мавқеи неоклассика ва институтсионализм)

Ислоҳи низоми бозорӣ (аз ибтидо нуқсонҳои муайян дорад)

Давлат, барои он ки ҳамкории мутақобилаи ниҳодҳо самарабахш шавад, бояд вазифаҳои иҷтимой-иқтисодии зеринро иҷро намояд.

1. Вазифае, ки ташаккули моликияти хусусиро таъмин мекунад (тавассути хусусигардонии корхонаҳои давлатӣ, аз ҷумла қонунигардонии ҳуқуқи шахсони воқеӣ ба таъсиси корхонаҳои нав, фурӯши қисми бештари моликияти давлатӣ ва аз инҳисор баровардани истеҳсолот дар соҳаҳои гуногун. Зимнан моликияти хусусӣ бояд дар тамоми соҳаҳои иқтисод бартарият дошта бошад. Ба ин васила дар иқтисоди бозорӣ бахши ғайридавлатӣ ташаккул ёфта, иқтидори меҳнатӣ низ фаъол мегардад. Масъалаи муҳими дигар ин иқтидори меҳнатии минтақа мебошад, ки аз муаммоҳои асосӣ ба ҳисоб рафта, дар аксари ҳолат дар натиҷаи тадбирҳои иқтисодию иҷтимой амалӣ карда мешавад. Ба ақидаи олимони соҳа Х.М. Давлатов иқтидори меҳнатӣ дар деҳот қисми бозори меҳнати миллиро ташкил медиҳад ва аз ин рӯ, ба қонуниятҳои умумии фаъолияти он итоат карда, ҳамзамон дорои хусусияти худ мебошад. Дар ин хусус, нишондиҳандаи асосии иқтидори меҳнатӣ дар деҳот ҳангоми муқоиса кардани минтақаҳо бо зичии гуногуни аҳолӣ ва масофаҳои гуногун байни маҳалаҳои аҳолинишин метавонад ба хулосаҳои ғалат оварда расонад[2, 69].

Тибқи ақидаи маъмул, дар байни андозаи бахши давлатӣ ва сатҳи рушди иқтисодӣ вобастагии мустақим вуҷуд дорад: чӣ қадаре ки сатҳи рушди иқтисодӣ баландтар бошад, ҳамон қадар талабот ба бахши давлатӣ воқеан камтар аст. Аз ин ҷо, андозаи муносиби бахши давлатӣ дар иқтисоди бозории рушдёфта бояд аз 15%-и ММД зиёд набошад. Чуноне ки таҷрибаи кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ва ИМА нишон медиҳад, ин бо суръати афзоиши устувори ММД - 2,5—3,5% дар як сол мувофиқ аст[7, 160].

Аммо барои иқтисоди Тоҷикистон, ки хусусияти гузаришро аз сар гузаронида истодааст, муддати дарози вақт лозим меояд то ин, ки сатҳи баланди ҳиссаи бахши давлатӣ дар ММД (то 35% ва беш аз ин) афзоиш ёбад.

2. Вазифае, ки эҷоди шароит барои соҳибкории озод, рақобат, низоми бозорҳо, инчунин иқтисоди кушодаро ба туфайли пешбурди танзими оқилонаи зиддиинҳисорӣ ва риояи манфиати шахсӣ ҳангоми қабули қарорҳо таъмин мекунад. Ин ба он маъност, ки давлат бояд заминаи ҳуқуқии хоҷагидориро бо мақсадҳои зерин ташкил ва такмил диҳад: а) баланд бардоштани нақши қонунҳо дар фаъолияти тамоми субъектони иқтисоди бозорӣ, ки ба тартиботи фаъолияти онҳо мусоидат

мекунанд; б) ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии бахшҳои воқеии иқтисод, ки метавонанд рушди босуръати иқтисодиро аз ҳисоби сиёсати дурусти пулию қарзӣ, молиявӣ ва асъорӣ таъмин намоянд.

3. Вазифаи иҷтимоӣ.

Татбиқи ин вазифаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд ёфтани низоми иқтисоди бозориеро таъмин хоҳанд кард, ки дар он неруҳои бозори озод имконияти ба вуҷуд овардани шароит баҳри рушди босуръати иқтисодӣ ва беҳсозии сатҳи зиндагии аҳолиро имконият медиҳанд.

Давлат ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ бояд тавозунро нигоҳ дошта манфиатҳои хусусӣ ва ҷамъиятиро тариқи нақшаҳои тасдиқгардида қонеъ намояд. Дар назарияи иқтисодӣ равияҳои гуногуни фаҳмиши нақши иқтисодии давлат вуҷуд доранд. Масалан, дар ақидаи либералҳо маҳдудияти нақши иқтисодии давлатро пайдо метавон кард. Хусусан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи гузаштан ба низоми иқтисоди бозорӣ ва дигаргунсозии низомҳои давлатӣ нисбат ба дигар давлатҳои ҳамсоя барқарорсозии муносибатҳои моликият ҳаҷму таркиби фаъолияти давлат дар соҳаи иқтисод ба таври назаррас рушд наёфтааст. Ба ҷои усулҳои идоракунии мустақими фармондиҳӣ, ки то пешбурди сиёсати ислоҳоти иқтисодӣ (с.1991) ҳукмфармо буданд, ба мадди аввал танзими институтсионалӣ, ё ғайримустақими ҳаёти иқтисодӣ баромад менамояд. Ва дар ин ҷода рушд ва дастгири намудани корхонаҳои саноати дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияҳои тобеъи он бо дастгирии давлат ва бахшиши хусусӣ хело муҳим ва натиҷаовар мебошад.

Вазифаҳои иҷтимоии давлат дар иқтисоди бозаргонӣ асосӣ буда, дар навбати худ заминаи ҳуқуқии давлатро дигаргун месозанд. Давлат ҳуқуқҳои махсусро оид ба бозтақсимкунии неъматҳо соҳиб шуд ва ба ин васила вазифаи махсуси таъмини воқеии баробарии расмии одамонро ба уҳда гирифт. Зарурати маҳдудсозии ҳуқуқии озодии соҳибкорӣ ва тақвияти вазифаи иҷтимоии давлат заминаро барои «муъҷизаи олмонӣ»-и Л. Эрхард фароҳам кард. Дар нимаи дувуми асри ХХ консепсияи хоҷагии бозории дорои иршоди иҷтимоии ӯ мавқеи устувори худро дар назария ва амалияи танзими давлатии кишварҳои мутараққӣ ишғол кард. Ба ибораи дигар, «паллаи тарозуи иҷтимоӣ» нисбат ба нақши пешини давлат дар иқтисоди бозаргонӣ афзалтар мегардад. Яке аз ниҳодҳои умумии он шарикии иҷтимоӣ гашт, ки муносибатҳои усулан навро дар байни кормандон, кордеҳон ва давлат ташаккул медиҳад. Ин бо мақсади ҳалли ихтилофоти вобаста ба вазъи гуногуни субъектони низоми бозорӣ - кормандони кироя ва кордеҳон амалӣ мешавад, ки фикри мо дар низоми иқтисоди бозори муносибатҳои субъектони дар боло овардашударо вусъат медиҳад. Ин ҳолат иштироки фаъоли шарики сеюм, яъне давлатро дар муносибатҳои иҷтимоӣ талаб мекунад.

Дар шароити тағйирёбии васеи муносибатҳои хусусигардонии моликият, ва гузариш ба низоми иқтисоди бозорӣ татбиқи васеи фишангҳои молияву андозӣ, мустақилияти субъектҳои хоҷагидор ва ғайримутамарказонии маълуми идора ҳаҷму таркиби фаъолияти давлат дар соҳаи иқтисод тағйир меёбад. Ҷои усулҳои мустақими фармондиҳиро танзими ғайримустақим (маъмурӣ)-и давлатии иқтисод мегирад, ки вазифааш аз эҷоди шароити мусоид барои хоҷагидорӣ иборат аст. Мувофиқ ба ин тамоми маҷмӯи василаҳои идора бояд тағёир ёбад. Аз ин ҷиҳат олими русс С.С.Носовой қайд менамояд, ки давлат, барои он ки фаъолияташ самарабахш бошад, бояд вазифаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии зеринро иҷро намояд:[7, 160].

1. Давлат бояд заминаи ҳуқуқии хоҷагидориро бо нияти ноил гаштан ба ҳадафҳои зерин созад ва такмил диҳад: а) баланд бардоштани нақши қонунҳо дар фаъолияти тамоми субъектони хоҷагидории иқтисоди бозорӣ, ки ба тартиботи фаъолияти онҳо мусоидат мекунанд; б) ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии бахшҳои воқеии иқтисод, ки метавонанд рушди босуръати иқтисодиро таъмин намоянд; в) истифодаи густардаи усулҳои шартномавии танзими муносибатҳои иқтисодӣ.

2. Дар низоми иқтисоди бозорӣ (бозаргонӣ) давлатро мебояд, ки тартиботи ҳуқуқии иқтисодиро ҳамроҳ бо ташкили бозорҳои озоди меҳнат ва сармоя, инчунин шароити баробар барои ширкаткунандагони гуногуни иқтисоди бозаргонӣ муқаррар намояд. Инчунин муносибати нобаробар ба фаъолони мухталифи бозор эҳтимолияти сармоягузории хориҷиро, ки барои ташкили бозорҳои озоди меҳнату сармоя бениҳоят зарур аст ва аз ҳисоби сармоягузорӣ таъмин кардани ҳалли мушкилоти рушди босуръати иқтисодӣ лозим аст, коҳиш медиҳад.

3. Дар робита бо ин ҳиссаи хароҷоти давлатиро дар ММД коҳиш дода, ба ин восита андозаи бахши давлатиро кам кардан зарур аст. Ин имкони додани посух ба саволи «нуфузи давлат дар иқтисоди бозаргонӣ бояд чӣ қадар бошад?» таъмин мекунад.

Аз таҳлилҳои дар боло овардашуда бармеояд, ки барои иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оянда сатҳи баланди ҳиссаи хароҷоти давлат дар ММД (то 35%) дар назар дошта мешавад. Ба ин васила, дар иқтисоди даврони гузариш суръати баланди рушди иқтисодӣ (7% ва бештар аз он) дахолати зиёди давлатро ба иқтисод талаб мекунад. Ин чунин маъно дорад, ки давлат бояд «қоидаҳои саҳеҳи бозӣ»-ро барои муомилот муқаррар намояд. Ин вазифа якчанд ҷанбаро дар бар мегирад. Ҳадди ҳуқуқҳои моликиятро муайян бояд кард чунки ин масъала баҳсҳои зиёдеро дар иқтисодиёт талаб намуда истодааст. Инчунин низоми иқтисоди бозори талаб менамояд, ки ҳукумат

механизмеро таъмин созад, ки бо ёрии он шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ моликияти хешро ба амвол, чӣ замину чӣ сармояи манзилӣ ё молиявӣ, тасдиқ ва бе ягон мушкилот соҳибӣ карда тавонанд. Иҷроиши меъёрҳои танзимкунандаи озодии бастани шартномаро бо дахолати маҳдуди давлат ва дар оянда тамоман бекор намудани он бояд таъмин кард. Ҳангоми татбиқи сиёсати давлатӣ шароити баробарро барои ширкаткунандагони гуногуни иқтисоди бозаргонӣ ба вуҷуд овардан зурур аст. Муносибати нобаробар ба фаъолони мухталифи иқтисодӣ эҳтимолияти сармоягузории хориҷиро, ки барои таъмини рушди босуръати иқтисодӣ ва ба ҳам наздик кардани сатҳҳои рушд лозим аст, коҳиш медиҳад. Шароити мусоидро баҳри ҳаракати меҳнат ва сармоя фароҳам бояд кард. Дар ниҳояти кор Тоҷикистон бояд маблағҳои двлатиро мақсаднок истифода барад ва зиёда аз ин, ба маблағи худ зистанро таҷриба намояд, на аз ҳисоби қарз, барориши пул, миллисозии дороии хусусӣ.

Дар ин робита, ба ин давлате, ки дар низоми иқтисоди бозорӣ қарор дорад бояд вазифаҳои зеринро дар рушди иқтисоди минтақавӣ амали созадӣ:

Якум, вазифаи таъминкунандаи ташаккули моликияти хусусӣ тавассути хусусигардонии корхонаҳои давлатӣ, аз ҷумла қонунигардонии ҳуқуқи шахсони воқеи ба таъсиси корхонаҳои нав, фурӯши қисми бештари моликияти давлатӣ ва рушди истеҳсолоти ватанӣ дар соҳаҳои гуногун чи дар сатҳи ҷамоатҳо, деҳот ноҳияҳо, шаҳракҳо, вилоятҳо ва поитахти мамлакат. Дар ин ҳолат моликияти хусусӣ бояд чӣ дар саноат ва чӣ дар соҳаи кишоварзӣ афзалият дошта бошад. Он бояд аз ҷониби қонуне, ки ҳуқуқи моликро ҳимоя ва эътимоднокии иҷрои шартномаҳои хоҷагиро таъмин мекунад, тазмин гардад.

Дувум вазифае, ки барои фазои сармоягузорӣ эҷоди шароит муҳайё менамояд соҳибкории озод, рақобати озод, низоми бозорҳо, инчунин иқтисоди кушодаро ба туфайли пешбурди танзими оқилонаи зиддиинҳисорӣ ва риояи манфиатҳои шахсӣ ҳангоми қабули қарорҳо таъмин менамояд.

Бо итминон метавон гуфт, ки иҷрои ин вазифаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ёфтани низоми иқтисоди бозаргониеро таъмин хоҳад кард, ки дар он нерӯҳои бозори озод имкони эҷоди шароит баҳри рушди босуръати иқтисодӣ ва боло бурдани сатҳи зисти аҳолиро фароҳам меоваранд. Дар ин ҳангом фаромӯш набояд кард, ки мақсади асосии давлат дар даврони гузариш ин ноил гаштан ба самараи бештари иқтисодист, ки барои таъмини рушди устувори некуаҳволии мардум ва боло бурдани сифати зист мусоидат мекунад. Ин ҳадафҳо баёнгари манфиатҳои устувори миллат мебошанд. Ин ба он маъност, ки ҳамаи вазифаҳои фаъолияти давлат бояд аз лиҳози иҷтимоӣ муфид ва самарабхш бояд бошанд.

Дар адабиёти иқтисодии муосир одатан ду фаҳмиши асосии сабабҳои пайдоиш ва нақши идораи давлатиро дар амалкарди иқтисод ҷудо мекунанд:

• ҳамчун воситаи татбиқи манфиати ҷамъиятӣ (манфиати тамоми ҷамъият);

• ҳамчун воситаи татбиқи баъзе манфиатҳои хусусӣ (ширкатҳои алоҳида, гурӯҳҳои соҳибкорон ё хизматчиёни давлатӣ).

Фаҳмиши идораи давлатӣ ҳамчун фаъолияте, ки танҳо ба манфиатҳои ҷамъиятӣ хидмат мекунад, бори нахуст дар асарҳои А. Пигу пешниҳод шудааст. Он бо яке аз муқаррароти заминагузори назарияи иқтисодии муосир алоқаманд аст, ки тибқи он бозори рақобати мукаммал истифодаи пурсамартарини захираҳоро таъмин менамояд, вале инро танҳо ба шарте амали месозад, ки молҳои гардишхӯранда дар бозор самараи (асароти, омили) берунӣ надошта ва иштирокчиёни бозор аз тамоми иттилоот ва қобилиятҳои номаҳдуди ҳисоббарорӣ бархӯрдор бошанд.

Мавҷудияти асароти берунӣ ба нокомӣ (нуқсон)-и бозор оварда мерасонад. Ин нуқсонҳо дар он ифода меёбанд, ки интихоби истеъмолгар ноқис (нокомил) гашта, истеҳсолот (ҷониби арза)-ро ба иштибоҳ мебарад ва тақсимоти воқеии захираҳоро аз вазъи беҳтараш берун мегардад. Ғайр аз ин, дар иқтисодиёт неъматҳои моддӣ ҳастанд, ки бино бар хусусиятҳояшон, бозор онҳоро дар ҳаҷми номуносиб истеҳсол мекунад (ё ба қадри кофӣ истеҳсол намекунад). Бартараф намудани чунин нуқсонҳо, ба фикри муъҳаҳидони равиши назариявии мазкур, сабаби пайдоиши зарурати дахолати давлат ба иқтисод, тавассути муқаррарнамоии қоидаҳои махсуси рафтори фаъолони иқтисодӣ мегардад. Азбаски бозорҳои воқеан амалкунанда аз модели идеалии рақобати мукаммал хеле дуранд, фаъолияти аксари онҳо барои наздик шудан ба модели идеалӣ ба таъсири ислоҳкоронаи давлат, яъне ба танзими давлатӣ ниёзманд аст. Ва ба ақидаи мо дар ин ҷода назарияҳо, консепсияҳо ва стратегияҳои нави бозориро, ки ба талаботи низоми иқтисоди муосир ҷавобгӯ мебошанд бояд аз тарафи институҳои давлатӣ, аз он ҷумла Академияи милли илмҳо ва дигар ниҳодҳои давлатӣ дар якҷояги таҳия ва амали намоем.

Агар мушаххастар таҳлил намоем, тибқи назариёти мавҷудаи манфиатҳои ҷамъиятӣ, вазифаи танзими давлатӣ аз ҷуброн кардани чор нуқсони асосии марбут бо фаъолияти иқтисоди сирф бозаргонӣ иборат аст:[7, 156.]

- номукаммал будани рақобат;
- номавзунатии бозор;
- набудани бозорҳо:

- натиҷаҳои номатлуби фаъолияти (амалкарди) бозор.

Зимни таҳқиқи стратегияи идораи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инро метавон қайд кард, ки тамаркузи диққати давлат ба ҳалли мушкилоти кӯтоҳмуддат тартиби дохилии нишондиҳандаҳои рушди иқтисод ҳамчун низоми иерархиро вайрон мекунад. Аз ин сабаб таҳияи стратегияи дарозмуддати давлат дар сатҳҳои гуногуни рушди иқтисодӣ зарур мебошад. Иштироки фаъоли давлат дар ташакули низоми нави иқтисодӣ дар натиҷаи татбиқи сиёсати сохторӣ (саноатӣ, илмӣ-техникӣ) бо таҳияи маҷмӯи хоси василаҳои сиёсати фискалӣ ва қарзию пулӣ барои ин мақсадҳо лозим аст.

Ҳадафҳои стратегӣ танҳо дар натиҷаи таҷдиди иқтисод ҳосил мешаванд. Ягона тарзи коҳиш додани тафовути миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои мутараққӣ, ташкил кардани замина барои баландбардории сатҳи зисти аҳолӣ, ин рушди устувори босуръати иқтисод мебошад. Чунин рушди иқтисодиро бо истифодаи якҷояи ҷамъоварии захираҳои сармоявӣ ва зеҳнӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи онҳо, озодии ташаббуси соҳибкорӣ таъмин кардан мумкин аст,ки ба рушди иқтисодиёти миллӣ ва баланшавии сатҳи зиндагии аҳолӣ, бешубҳа таъсири мусбӣ мерасонад.

Рушди устувори иқтисоди миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ танҳо дар сурати баланд будани сатҳи рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар бозори ҷаҳонӣ имконият дорад. Ба ин васила, рақобатпазирии иқтисоди миллӣ омили ҳалкунандаест, ки мавқеъ ва нақши ҳар кишварро дар иқтисоду сиёсат муаян мекунад. Маҳз ба ҳамин сабаб нақши асосиро дар таъмини рақобатпазирӣ дар ҳама сатҳҳо давлат мебозад, давлат стратегия ва сиёсати иқтисодиро таҳия мекунад, амнияти иқтисодиро таъмин менамояд, шароиту механизмҳоро барои татбиқи бартариятҳои рақобатии истеҳсолкунандагони ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва ҷаҳонӣ фароҳам месозад. Дар низоми муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ иштироки мақомоти давлатӣ дар дастгирӣ кардани содироткунандагони ватанӣ, ҳимояи манфиати онҳо дар сатҳҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ меъёр шуда, нақши калидиро мебозад. Рақобатпазирии миллиро пеш аз ҳама қобилияти саноати ин ё он давлат дар инкишофи доимӣ ва истеҳсоли инноватсияҳо муайян мекунад. Ба ин васила, саноат ҳамчун соҳаи пешбари истеҳсолоти моддӣ нақши бениҳоят муҳимро дар рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мебозад, ки ин дар навбати худ заурияти ташаккул додани сиёсати самарабахши миллии саноатро муайян мекунад. Муқаррароти мазкур хусусан барои Тоҷикистони муосир муҳим аст, зеро дар ҷараёни ислоҳоти иқтисодии охири асри XX истеҳсолот шадидан таназзул кард, фаъолияти иқтисодӣ коҳиш ёфт, ва маблағгузории асосӣ хеле кам шуда, робитаҳои анъанавии иқтисодии хоричӣ дар аксари кишварҳо коҳиш гардидаанд, сохтори технологии саноат, алалхусус дар соҳаҳои марбути технологияи баланд ва илмбунёд, рӯ ба харобӣ оварданд. Дар ин ҷода иқдоми пешгирифтаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2021 «дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» таъкид намуданд, ки бинобар аҳамияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи малакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар пешниҳод шуд, ки солҳои 2022-2026, яъне то ҷашни 35-солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистон «Солҳои рушди саноат» эълон намудаанд[5, 3].

Вазифаи ташаккули сиёсати саноатӣ барои таъмини иқтисодӣ миллӣ дар шароити рақобатпазирии иқтисоди кушод вазифаи афзалиятноки давлатист, ки хусусан дар шароити фаъолшавии раванди пайвастани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони ҷаҳонии савдо, иҷроиши бетаъхирро металабад. Бар ҳамин асос муқаррароте ба вуҷуд омад, ки сиёсати саноатӣ ҳамчун қисми сиёсати умумии иқтисодӣ яке аз консепсияҳои пурмуҳокима ва ҳамзамон пурбаҳстарин дар адабиёти иқтисодӣ мебошад. Бо вуҷуди ихтилофи назари муҳаққиқони мухталиф худи далели мубоҳиса оид ба зарурати фаъолгардонии амалҳои давлат, бизнес, созмонҳои ҷамъиятӣ дар ин соҳа, аз мубрамӣ ва аҳамияти масъалаи мазкур дар рушди иқтисодӣ минтақавӣ дарак медиҳад. Алҳол Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки вобастагии аз ҳад бешро ба таносуби бозори ҷаҳонии манобеи энергия, истеҳсоли молҳои саноатӣ, паси сар кунад, ин ҳадаф танҳо дар сурате имконпазир аст, ки давлат принсип, ҳадаф, вазифа ва самтҳои афзалиятноки сиёсати саноатӣ ва сохтмони иншооти барқи обиро дар ростои баландбардории рақобатпазирии байналмилалии иқтисоди миллӣ аниқ муайян карда тавонад. Истифодаи дурусти қонунҳои иқтисодро бояд донист, бахусус: ворид намудани дастгоҳои замоавӣ, дастгирӣ намудани ихтирооту навовариҳо, мошинҳо, таҷҳизоти нав, боиси афзоиши ҳосилнокии меҳнат мегарданд. Яъне, хулоса кардан мумкин аст, ки тамоми навъҳои фаъолиятро бо инноватсияҳо ҷиҳозонидан лозим аст. Таҳлили амалии тамоюлу омилҳои рушди кишварҳои мутараққӣ дар даҳсолаи охир нақши афзудаи инноватсияҳо ва низоми рақобатро ҳамчун нерӯи ҳаракатдиҳандаи асосии рушди пурмаҳсултари иқтисодӣ минтақавӣ, ки дар афзоиши ММД таҷассум ёфтааст, нишон медиҳад.

АДАБИЁТ

1. Асосҳои иқтисодиёт, китоби дарсӣ барои синфи 11-ум Душанбе «Собириён» 2015с. – 188с. – С.111.
2. Давлатов Х.М. Современая состояния использования трудового потенциала в аграрном секторе Республики Таджикистан. Финансово-экономический вестник №4(24), научно практический журнал. Душанбе 2020г.-219с. – С.69.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21 декабри соли 2021 –Рӯзномаи Молия ва иқтисод, Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон №9(178) 28 декабри 2021с Душанбе, 2021с. – С.3.
4. Саидмуродов Л.Х., Муминова Ф.М., Мирбобоев Р.М. Регионы республики Таджикистан: теория и методология оценки Душанбе «Ирфон». 2012г. – 174 с.
5. Современные макроэкономические проблемы России / Под ред. С.С.Носовой-. - М.: Кнорус, 2010. - с. 160.

ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ЗАДАЧИ ГОСУДАРСТВА В РЕГИОНАЛЬНОМ РАЗВИТИИ

В данной статье анализируются основные задачи государства в региональном экономическом развитии по основам управления ролью государства в рыночной экономике, использованием экономических ресурсов в регионах Республики Таджикистан. На сегодняшний день сохраняется роль государства в развитии экономической системы регионов в условиях рыночных отношений. В условиях сложившегося в Республике Таджикистан неустойчивого соотношения возрастает роль государственной политики в поддержке бюджетной и финансово-инвестиционной деятельности регионов страны с целью выравнивания их уровня развития. В этом контексте государственное регулирование развития посредством реализации бюджетных возможностей может обеспечить стабильность экономической ситуации в регионах страны за счет снижения уровня разрывов в экономическом развитии между регионами.

Перед нами стоит основная задача – реализация основных задач государства по региональному экономическому развитию и переходу предприятий на новую систему жесткой экономии в условиях рыночной экономики.

Ключевые слова: *экономическое развитие, бюджет, использование финансовых ресурсов, управление экономикой регионов, устойчивые темпы роста, особенности использования ресурсов, хозяйственная деятельность региона.*

ECONOMIC CHALLENGES STATES IN REGIONAL DEVELOPMENT

This article analyzes the main tasks of the state in regional economic development on the basis of managing the role of the state in a market economy, the use of economic resources in the regions of the Republic of Tajikistan. To date, the role of the state in the development of the economic system of regions in the conditions of market relations remains. In the context of the unstable balance that has developed in the Republic of Tajikistan, the role of state policy in supporting the budgetary and financial and investment activities of the country's regions is increasing in order to equalize their level of development. In this context, state regulation of development through the implementation of budgetary opportunities can ensure the stability of the economic situation in the regions of the country by reducing the level of gaps in economic development between regions.

We are faced with the main task - the implementation of the main tasks of the state for regional economic development and the transition of enterprises to a new system of austerity in a market economy.

Key words: *economic development, budget, use of financial resources, regional economic management, sustainable growth rates, features of resource use, economic activity of the region.*

Сведения об авторе:

Дехконов Сохибназар Амирхочаевич, *аспирант кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734045, г. Душанбе ул. Нахимова 64/14, моб. (+992) 931999974, e-mail: Sohidnazar Dehkkonov@mail.ru*

About the author:

Dekhkonov Sokhibnazar Amirhochaevich*_postgraduate student of the Department of Economic Theory, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734045, Dushanbe st. Nakhimov 64/14, mob. (+992) 931999974, e-mail: Sohidnazar Dehkkonov@mail.ru*

БАЪЗЕ АҚИДАҲО ОИДИ РУШДИ РАҚОБАТ ДАР БОЗОРИ СОҲАВӢ

Ҷамолидинов С. Р.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ рақобатро дар бозорҳо шиддат дода нафақат ба рушди монополишавии онҳо, балки ба истифодабарии усулҳои рақобати номукаммал, муҳорибаи ноадолатона, бартарияти монополӣ ва вазъи ҳукмронӣ мусоидат намуд.
Усули ба ҳаракатдарорандаи низоми иқтисоди бозорӣ рақобат маҳсуб ёфта, бо худ муборизаи агентҳои бозориро барои шароитҳои мусоиди маблағгузорӣ ба истеҳсолот, соҳаҳои савдоӣ - хизматрасонӣ ва устуворсозии мавқеи худ дар бозор ифода мекунанд. Лекин, дар баробари ин, асосҳои рақобатро барҳам дода, монополия бо принсипи барҳамзании эҷодӣ кор мекунанд, яъне сухан дар бораи рушди ҳамкории монополӣ ва агентҳои рақобатӣ меравад.

Омӯзиши таҷдидии рақобати номукаммал аз асри XX оғоз меёбад. Намояндагони мактабҳои гуногуни иқтисодӣ самтҳои таҳқиқотро дар назарияи иқтисод тавсия доданд, ки механизми кӯшиши фаъолияти истеҳсолкунандагонро барои қонеъ намудани талаботи истеъмол-кунандагон таҳқиқ намуда, ҳаракати дарёфти асосӣ ин ҷараёнро ва даҳиккунии эҳтимолияти танзими бозорро бо ҳамон тарз карданд, ки самаранокии иқтисодиёт балантар бошад. Ин равияи таҳқиқот номи «назарияи бозорҳои соҳавӣ», «назарияи иқтисоди бозорҳои соҳавӣ»- ро гирифтааст. Имрӯзҳо ба масъалаи бозорҳои соҳавӣ аҳамияти муҳим дода мешавад.

Бояд қайд кард, ки назарияи бозорҳои соҳавӣ муносибатҳоро дар мезо-сатҳи низоми иқтисодӣ таҳқиқ намуда, рафтори иштирок-кунандагони муносибатҳои рақобатӣ ва натиҷаи эҳтимолии алоқа-мандии онҳоро дарбар мегирад, таъсири рақобатро ба некӯаҳволии ҷамъиятӣ ва дахолати давлатӣ меомӯзад [1, с. 60]. Дар таҳқиқотҳои худ А.И. Игнатюк қайд мекунад, ки назарияи бозорҳои соҳавӣ оғози худро аз таҳлили муносибатҳои молию пулӣ ва бозор мегирад ва якчанд даврaҳои ташаккулу рушди назарияи бозорҳои соҳавиро ҷудо намуд (нигаред ба ҷадвали 1).

Ҷадвали 1

Марҳилаҳои рушди бозорҳои соҳавӣ

Марҳилаҳо	Хусусият	Намояндагон
1. Охири садсолаи XVIII-ум ва нимаи аввали садсолаи XIX	Тавлиди назарияи бозорҳои соҳавӣ дар асоси таҳлили муносибатҳои бозорӣ: рақобат, таклифот, талабот, олигополия. Ташаккули асосҳои илмӣ-методологии таҳқиқоти табиати ширкатҳо	П. Буагилбер, А. Смит, Л. Валрас, В. Парето А. Маршалл, А. Пигу А. Курно, Ж. Бертранн
2. Охири садсолаи XIX- ум ва аввали садсолаи XX	Ташакулли ду самти рушти назарияи бозорҳои соҳавӣ: наза-риявӣ - дедуктивӣ ва таҷрибавӣ	**Самти назаривӣ-дедуктивӣ:** В. Джевонс Ф. Найт, Ф.И. Еджуорт, Ҷ. Б. Карл. **Самти эмпирикӣ:** А. Берли, Г.Минз, П. Сарджент Флоренс, Ҷ. Ален, Д. Пихно, П. Фомин, М. Туган-Барановский
3. Солҳои 20-70-уми садсолаи XX	Муттаҳидшавии ду самти таҳқиқот, тавлиди назарияи рақо-бати монополистӣ ва рақобати номукаммал. Ташакулли назарияи бозорҳои соҳавӣ, инкишофи он дар чор-чӯбаи самти институтсионалӣ, мактабҳои Гарвард ва Чикаго.	Е. Чемберлин, П.Сраффа, Дж. Робинсон, А. Лернер Дж. Бейн, Е. Мейсон Г. Демзетс, Ҷ. Стиглер Р. Коуз, О. Уилямсон

		А. Хербер, Й. Шумпетер В. Ойкен, Ҷ. Мак-Ги
4. Солҳои 70-уми садсолаи XX ва XXI	Рушди муосири назарияи бозорҳои соҳавӣ: таҳқиқи шир-кат, рақобати номукаммал, тан-зими давлатии бозор; муаммоҳои муносибатҳои амудӣ; дифферен-сиатсияи маҳсулот; тамоюлҳои инноватсионии рушди соҳаҳо. Таҳлили ҷаҳонишавии бозор-ҳои соҳавӣ, рақобати монополӣ ва олигополӣ дар бозорҳои бай-налхалқӣ ва ҳоказо.	М. Спенс, А. Диксит, М. Портер, У. Ҷ. Баумол, А. Волинский, Р. Шумалензи, П. Милгром, Дж. Робертс, А. Алчиян, Г. П. Марвел, М. Уотерсон, Т. Левитт, П. Кругман, М. Мелитс

Дар таҳқиқотҳои олимони мактаби классикии иқтисоди сиёсии охири асри XX ва оғози асри XXI-ум давраи якум бо таҳқиқотҳои муносибатҳои бозорӣ: рақобат, талабот, таклифот, олигополия ва ташаккули асосҳои илмӣ-методологии таҳқиқи табиати ширкат алоқаманд аст. Омилҳои барпокунандаи рақобати амалкунандаи бозори молҳои алоҳидаро намояндагони мактаби навклассикии иқтисоди сиёсӣ омӯхтаанд. Аз ҷониби онҳо модели рақобати мукаммал назариявӣ асоснок шуда буд, ки аз ҳисоби гузоштани нархҳои боадолатона ба тақсимоти нисбатан натиҷаноки захираҳо дар иқтисодиёт мусоидат мекунад.

Буагилбер П. - асосгузори иқтисоди сиёсии классикӣ, яке аз аввалинҳо шуда таҳқиқӣ самаранокии механизми бозориро дар асоси рақобати озод оғоз намуда буд. Ин ақидаро А. Смит дар кори худ «Таҳқиқот оид ба табиат ва сабабҳои боигарии халқҳо» назариявӣ асоснок намуд. Дар таҳқиқотҳои худ А. Смит мақоми аслии рақобатро шаклдарорӣ намуда, таъсироти онро чун «дасти нонамоён» баҳогузорӣ кардааст. Вай якумин бор муайян намуд, ки азбаски рақобат ба тақсимоти нисбатан самараноки захираҳо ва истифодаи онҳо мусоидат мекунад, пас он ҳимоятгари манфиат ва кафили болоравии некуаҳволии ҷамъиятист. Смит нархро чун силоҳи асосии муҳорибаи рақобатӣ маънидод намуда алоқамандии талабот ва таклифотро дар бозор қайд кард, зеро зиёдии молҳо дар бозор зарурияти рақобатро байни фурӯшандагон пеш меорад, ки нархро ба мол паст мекунад, баръакс камчинии молҳо рақобатро байни харидорон тавлид мекунад ва ин ба болоравии нарх оварда мерасонад.

А. Смит «маҷмӯи фоида ва зарарӣ ба кор бурдани меҳнат ва сармоя»- ро муайян кардааст, пас он чунин шарҳ дода мешавад - рақобат дар сифати қуввае баромад мекунад, ки бозорро тавассути таъсири мутақобилаи талаботу пешниҳод ба нуқтаи мувозинат меоварад. А. Смит тасдиқ мекунад, ки бозгашт ба нуқтаи мувозинат фақат дар бозори расида комилан вуҷуд дорад ва дар чунин ҳолати иқтисодиёт: якум - соҳаи мазкур (савдо ё саноат) бояд ба ҳама хуб ошно буда дар бозор истодагарӣ карда тавонад; дуюм - он бояд дар ҳолати муътадил ё муқаррарии худ мавҷуд бошад; сеюм - он бояд шуғли ягона ва ё асосии онҳое бошад, ки худро ба он мебахшанд» [5, с. 112]. Ваъзиятҳои дар боло оварда шуда минбаъд ба се хусусияти рақобати бозории бенуқсон табдил меёбанд ва ва чунин шарҳ дода мешаванд:

- якум, дастрасии баробар ва том (комил)-и ³амаи иштирокчиёни бозор ба маълумот;
- дуюм, ба нархи бозор, шумораи фурӯшандагон ва харидорон ҳар кадом дар алоҳидагӣ таъсир расонида наметавонад;
- сеюм, аз ҳисоби он, ки ҳар кадом истеҳсолкунанда ба истеҳсоли ма³сулоти (монанд) якхела махсусгардонида шудааст, набудани маҳсулоти фарққунанда (дифференсиатсионӣ) мушоҳида карда мешавад.

Бозори монополиро таҳлил намуда А. Смит ба хулосае омад, ки он дар натиҷаи «мавриди тасодуфӣ», ба монанди фармонҳои махсуси ҳукумат ва ё дастрасӣ ба маълумот надоштани дигар иштирокчиёни бозор ба вуҷуд меояд. Чи хеле, ки А. Смит менависад, монополия ин «душмани бузурги хоҷагии хуб» мебошад. Дар баробари ин, монополия ба ташаккули иқтисодиёт таъсир расонида тавассути муқаррар намудани нархи баланд аз сатҳи табии он дороии (вазъи некӯаҳволии) истеъмолкунандагонро паст мегардонад. «Нархи монополӣ дар ҳама ҳолатҳо баландтарин баҳисоб меравад. Нархи табиӣ ё нархи рақобати озод, баръакс дар худ нархи пасттаринро ифода мекунад, ки ба он розӣ шудан мумкин аст» [5, с. 145].

Бояд қайд кард, ки дар тавлид ва рушди назарияи бозорҳои соҳавӣ мавқеи махсусро асарҳои Альфред Маршал ишғол мекунанд, зеро:

- якумин, назарияи иқтисодиётро бо самтҳои амалии бизнес муттаҳид намуд;
- дуюмин, мароқ дошт барои бидуни назар кардан ба иҷронанамудани шартҳои алоҳидаи модели рақобати номукаммал, гарчанде вай рақобатро омили муҳими танзими бозор мешуморид.

А. Маршал, барои асоснок намудани назарияи мутаносибият модели рақобати мукаммалро таҳлил намуд, кадоме, ки чун набудани эҳтимолияти таъсиррасонӣ ба нарҳҳои бозорӣ бо шумораи зиёди фурӯшандагон ва харидорони новобаста аз ҳамдигар ва инчунин дастрасии озод ба бозор тавсиф карда мешуд. Ӯ механизми ноилшавиро ба таносубият (баробарвазнӣ) дар тамоили нарҳҳо аз сатҳи мутаносибӣ дар сифати тағйирёбии ҳаҷми фурӯш мебинад. Акси пурраи рақобат, чӣ хеле, ки А. Маршал мепиндорад, монополия баҳисоб меравад. Дар бозор ё яке, ё дигаре арзи ҳастӣ карда метавонад. Агар вазъи беҳтарини бозор - ин рақобати озод бошад, бараъкси он монополия мебошад, яъне ташкилоте, ки некуаҳволии ҷамъиятро паст мегардонад. Маршал мавҷудияти алоқамандиро байни сарфаркорӣ дар ҳаҷм ва муттамарказии истеҳсолот қайд намуда, чунин менависад: «Зиёдшавии ³аҷми истеҳсолот бартариятро дар назди рақибон тез боло мебардорад ва нархро паст мекунад ва имкон медиҳад, ки махсулоти худро фурӯшад» [2, с. 401]. Ӯ якумин шуда афзалияти истеҳсолоти калонҳаҷмро шаҳр дод. Дар баробари ин, мо ақидаи бисёр муаллифонро ҷонибдорӣ намуда, мепиндорем, ки А. Маршал ба таҳлили иқтисодиёт дар мезо-сатҳ тавассути таҳқиқи бозорҳои соҳавӣ дар асоси назарияи ширкатҳо ва назарияи бозорҳо шуруъ намудааст.

Дар илми иқтисодии аввали қарни ХХ-ум тамсилаи статикии рақобат ва монополия чун вазъияти бо ҳам муқобили бозор байни кадоме, ки ҳолати мобайнӣ вуҷуд надорад, ташаккул меёбад. Вобаста ба ин гуфтаҳо Джоан Робинсон назарияи рақобати номукаммалро баръакси дигар бозор - рақобати мукаммал пешниҳод намуд ва кӯшиши бартараф намудани ин фарқиятро кардааст. Гуногунии фаъолнокии рафтори ширкатҳоро ба эътибор гирифта, Робинсон тасдиқ мекунад, ки нафақат рақобат ва монополия чӣ хеле, ки то ин дам мепиндоштанд, балки вариантҳои дигару гуногуни ҳокимияти бозорӣ, яъне рақобат байни истеҳсолкунандагони ма³сулоти тафриқавӣ ва маҳдудкунии нархӣ низ метавонанд ба вазъи рақобати бозорӣ таъсир расонанд. Ӯ, инчунин як қатор дигар хусусиятҳои рафтори рақобатии ширкатҳоро пешниҳод менамояд, аз он ҷумла: сатҳи сифати ма³сулот, хароҷотҳои нақлиётӣ, му³лати қарз, хусусиятҳои хизматрасонӣ ба харидорон, нақши реклама, нуфузи ширкат. Ба вобастагии байни рақобати комил ва чандирии нархии талаботи бозории ширкат ишора намуда, ӯ қайд мекунад, ки «рақобати комил дар он сурат афзалият дорад, ки талабот ба маҳсулоти ҳар кадом истеҳсолкунанда комилан (тамоман) ноустувор бошад. Аз инҷо бармеояд, якум, шумораи фурӯшандагон зиёд ва ҳаҷми истеҳсолоти ҳар кадоме онҳо ҳиссаи ниҳоят камро аз ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти дода шуда ташкил мекунад; дуюми ин, ки ҳамаи харидорон дар муносибат ба имконияти интихоб байни фурӯшандагони рақобаткунанда дар ҳолату вазъияти баробар қарор доранд, бинобар ин дар бозор муносибати рақобати комил ҳукмфармост». Ба фарзияи мувозинаи бозорӣ равшанӣ андохта Робинсон қайд мекунад: «соҳа дар ҳолати мувозинаи пурра қарор дорад, дар сурате, ки тамоюли тағйирёбии шумораи ширкатҳои дар он фаъолияткунанда мушоҳида нагардад. Дар ин ҳолат, фоидаи ин ширкатҳо ҳамчун муътадил ба ҳисоб меравад» [4, с. 142].

Дар баробари ин, Робинсон монополияро омӯхта чунин соҳаҳоро ба монанди нақлиёти роҳи оҳан, электроэнергетика, саноати газӣ ҷудо намуд, ки дар онҳо рақобат ба назар дошта қудрати хусусиятҳои технологӣ (дар навбати аввал андозаи истеҳсолот) иҷронашаванда аст. Ба ақидаи Робинсон «агар шавад, ки дар чунин соҳа ду ширкат ҷалб шуда бошанд, онҳо маҷбур мешаванд ё байни худ рақобат кунанд (дар ин ҳол ҳеҷ кадоми онҳо наметавонад ҳатто хараҷотҳои худро рӯйпуш намояд) ва нисбатан заифтар муфлис мегардад, ё ин ки онҳо бояд муттаҳид гарданд» [4, с. 238].

Аз ин хулоса кардан мумкин аст, ки идеали иқтисодиёти бозорӣ барои Робинсон рақобати комил мемонад, ва ҳар кадом дуршавӣ аз идеали аналогӣ дар асл бояд ба таври ҳатмӣ таввассути сиёсати давлатӣ ислоҳ карда шаванд.

Давраи дуюми ташаккули назарияи бозорҳои соҳавӣ ба охири қарни XIX ва аввали қарни ХХ таълуқ дорад, ки дар асоси таҳлили дедуктивӣ ва эмпирикӣ (таҷрибавӣ) амалӣ мешаванд. Ҷонибдорони самти дедуктивӣ чунин иқтисоддонҳо ба монанди Дж. Б. Кларк, В.С. Джевонс, Ф. Найт ва Ф.И. Эджуорт буда дар таҳқиқотҳои худ диққати махсусро онҳо ба ҳаҷми истеҳсолот, нарх, таъсир онҳо ба самаранокӣ, дороии иқтисодӣ ва ҷобаҷогузории захираҳоро ҷудо намуданд. Амалан, ҷанбаҳои таърихӣ ва институтсионалиро ба эътибор нагирифта, таҳқиқотҳои гузаронидашуда бо маълумотҳои эмпирикӣ ба мувофиқа оварда нашуда буданд. Ба асоси омӯзиши бозорҳои соҳавӣ моделҳои зерин гузошта шуда буданд:

а) рақаботи комил - дар чорчӯбаи ин модел фаъолияти ширкат аз ҳақиқат дур буд;
б) монополия - ин модел ба ҳақиқат нисбатан наздик буд, лекин дар натиҷа фарзия оиди нестии рақобати ҳақиқӣ ба воқеъияти мавҷуда ҷавобгӯ набуд.

Бар хилофи самти якумин, дар натиҷаи кадоме, ки номувофиқии моделҳои назариявӣ ба рафтори аслии бозории ширкат ба миён омад, самти дигари таҳлили бозор ва ширкат ташкил гардид ва намояндагони он Дж. Аллен, Флоренс П.С., Г. Минз ва А. Берли ба ҳисоб мераванд. Ҷонибдорони ин самт, дар корҳои илмии хеш ҷанбаҳои амалӣ ва эмпирикиро таҳлил намуда, таърихи рушди соҳаҳои алоҳидаро таҳқиқ карданд.

Аз солҳои 20-70 уми асри XX давраи сеюми ташаккули бозорҳои соҳавӣ оғоз меёбад. Он чун якшавии самтҳои алоҳидаи таҳқиқот дар асарҳои илмии П. Сраффи баён карда мешуд, дар кадоме, ки вай номақбулии модели «рақобати комил»- ро исбот кардааст. Инчунин, асарҳои илмии Эдуард Чемберлин «Назарияи рақобати монополӣ» ва Ҷ. Робинсон «Назарияи иқтисодии рақобати нокомил» идомаи мантиқии таҳқиқот дар ин самт гаштанд.

Бояд қайд кард, ки модели Чемберлин барои рушди назарияи бозорҳои соҳавӣ мавқеъи муҳимро доро буд ва барои таҳқиқи ҷараёни рақобат асос гузошт. Чемберлин, ғояи синтези рақобат ва монополияро собит намуда назарияи рақобати монополиро идома дод. Таъкид мешавад, ки тафриқаи маҳсулот пеш аз ҳама ба ин навъи сохтори бозор асос карда мешавад. Чемберлин мепиндорад, ки фарқият дар хоҳишҳо, даромадҳо, ҷойи ҷойгиршавии харидорон ва тафовут дар тарзи истеъмоли молҳо ва гуногунрангии талабот ишора намуда зарурияти ивазнамудани консепсияи «идеали рақобатӣ» - ро ба идеали монополӣ ва рақобатро дар бар гиранда пеш меорад. Бинобар ин, механизме, ки талаботи афзуда истодаи ҷамъиятро ба тарзи беҳтарин қонеъ мегардонад - ин рақобатӣ монополӣ мебошад. Ҳар кадом фурӯшанда дар як вақт ҳам монополист ва ҳам рақиб ба ҳисоб меравад, агар моли вай дифференсиатсияшуда (тафриқавӣ) бошад. Чемберлин бо назарияи рақобати монополӣ на фақат шакли нархии муҳорибаи рақобатиро асоснок намуд, балки муҳити нав (ғайринархӣ), яъне тафриқаи маҳсулот, беҳсозии сифат, реклама, баланд бардоштани нуфузи ширкат ва аломати молии онро ошкор намуд. Мақоми бузургро дар шароити иқтисодиёти бозорӣ рақобати ғайринархӣ ишғол менамояд. Чемберлин дахолати давлатро ба ҷараёни бозорӣ зиёдатӣ меҳисобад, зеро он зарурият надорад. Ба ақидаи ӯ, ин созиши пинҳонии ширкатҳои бузург ё ҷараёни муқаррарии рушти вазъият дар бозор мебошад ва мамониат намудан ба ин ҷараён - маънои дур шуданро аз ҳолати беҳтарини бозор дорад. Рақобати комилро чун идеали ҳаёти иқтисодӣ инкор намуда Чемберлин қайд мекунад, ки «дарки пурраи ин ҳолат, ки маҳсулот доими тафриқавӣ аст, моҳияти муаммои гуногуниро кушода медиҳад ва мефаҳмонад - рақобати комилро дар ҳама муносибатҳо дигар «идеал» барои некуаҳволии иқтисодӣ шуморидан мумкин нест» [6, с. 302].

Дар натиҷа, муамморо таҳлил намуда, вақте, ки ширкатҳо бо ҳамдигар рақобат мекунанд, аммо дар натиҷаи тафриқаи маҳсулоти сатҳи муайян қудрати монополиро нигоҳ медорад, Чемберлин дар ду самт ташшакули назарияи бозорҳои соҳавиро муайян намуд:
- таҳқиқи рафтори олигополӣ;
- таҳқиқи рафтори ширкатҳои алоҳида.

Ба ақидаи олими маъруфи австриягӣ Йозеф Шумпетер навоварӣ омили асосии рушд ҳисоб рафта, ба тағйирдодани тарзу воситаҳои истеҳсолот ва фурӯши молҳо мусоидат мекунад. Ӯ қайд мекунад, ки навоварӣ меҳвари рақобати навъи нав ба ҳисоб рафта дар фарқият аз рақобати анъанавии нархӣ басо хубтар таъсирбахш аст. Аз руйи гуфтаҳои вай ҳар кадом навоварӣ, шароит барои рақобати монополӣ эҷод мекунад. Корхонаҳое, ки технологияҳои куҳнашуда истифода мебаранд ва маҳсулоти харидоргир истеҳсол намекунанд тавассути механизми рақобат аз бозор танг карда мешавад. Механизме, ки иқтисодиётро аз ҳама куҳнашудаҳо озод мекунад, Шумпетер «вайроншавии офаринанда» ё «барқароркунандаи харобаҳо» номид. Аз рӯи гуфтаҳои Й. Шумпетер рақобат ихтисори назарраси харҷотҳо ва беҳтаршудани сифати маҳсулотро тамин намуда «вай ба ширкатҳои мавҷуда на бо камшавии фоида ва истеҳсолот, балки бо муфлисшавии пурра таҳдид мекунад» [7, с. 836]. Бинобар ин, иқтисодиёт бо туфайли барҳамдиҳии ширкатҳои куҳна, усул ва ғояҳо, бар ивази кадоме, ки нисбатан навтаринҳо, самаранок ва сердаромадтаринҳо меоянд, рушд меёбад. Монополия ва таназзулёбӣ мафҳумҳои номувофиқанд, зеро чи хеле, ки олими австриягӣ қайд мекунад - натиҷаи навоварӣ мансуб ёфта, монополия натиҷаи судманди рақобат аст. Ба ақидаи Шумпетер «тарзи самаранок андухтани воситаҳо барои маблағгузории сармояҳои иловагӣ ба соҳа» метавонад фоидаи монополӣ бошад. Ба монополистон воситаҳои истеҳсолоте, ки ба рақибони онҳо дастрас нестанд ё дастрасиашон мушкил аст нисбатан дастрасанд, ҳолати молиявии онҳо нисбатан устувортар аст ва ин бартарияти онҳоро дар бозор нишон медиҳад. Барои маблағгузории прогресси техникӣ дар

монополистон воситаҳо зиёданд, ки ин ба манфиати на фақат соҳаи мазкур, балки тамоми иқтисодиёт мебошад. Бо назари Шумпетер, рақобати комил харҷҳои иловагиро ба миён меоварад, ба монандӣ: самаранокии пасти ташкили дохилиширкатии истеҳсолот; технологияҳои маҳсулнокиашон паст; номумкин будани баҳодиҳии самаранок ва истифодабарии перспективҳои нав. Ӯ қайд мекунад, ки ин харҷотҳои зиёдатӣ чунин навъи бозорро на фақат номувофиқ, балки номатлуб низ мегардонанд [7, с. 864]. Дар баробари он соҳаҳое, ки ба рақобати комил наздиканд, чун намунаи самарнокии идеалӣ шуморида намешавад, зеро ки дучоршавиро ба буҳрон ва тағйирёбии вазъи иқтисодиётро нишон медиҳанд.

Ҳамин тавр, Шумпетер ҷараёни монополизатсияи иқтисодиётро асоснок намуда фаҳмиши рақобатро чун қонунияти хоҷагидори бозорӣ тавассути категорияи навоварӣ амиқ мекунад.

Аз солҳои 70-ум оғоз намуда 4-умин давраи рушди назарияи бозорҳои соҳавӣ оғоз меёбад. Марҳилаи мазкур бо он фарқ мекунад, ки вай дар сатҳи соҳа мутаҳид месозад, дучониба мукаммал мегардонад, ин чунин муносибатҳои маҷмӯъӣ ва микроиқтисодиро барои таҳқиқи бозорҳо пурра мекунанд. Дар байни солҳои ҳафтодум самтҳои нави таҳқиқоти таъсири давлат ба бозорҳои соҳавӣ оғоз ёфтаанд ва ин чун афзудани нобоварӣ вобаста ба таъсирбахшии танзими давлатӣ тавсиф карда мешавад.

Ҷолиби қайд аст, ки ба рушди назарияи рақобат ва рақобат дар бозорҳои соҳавӣ Майкл Портер ҳиссаи бузург гузоштааст. Ба таҳлили ҷузъиёти ҳамаи асарҳои ин олими маъруф дода нашуда, мо муаммои рақобатро вобаста ба як соҳаи алоҳида ва дараҷаи рушди рақобат дар он дида метавонем. Вай мафҳуми стратегияи рақобатиро ҷорӣ намудааст, ки чунин шарҳ дода мешавад: «Таҳияи стратегия рақобатӣ аслан ба ҷустуҷӯи тасвияи аниқи он, ки чӣ хел корхона рақобат мебарад, мақсадҳои он бояд кадомҳо бошанд ва кадом воситаҳову амалҳо барои ноилшудан ба ин мақсадҳо лозим меоянд, нигаронида шудааст» [3, с. 26].

Дар баробари ин бояд қайд намуд, ки ба тамоми ҷаҳон модели панҷ қувваи рақобатии Портер машҳур аст: «Панҷ қувваи рақобати аз он ҷумла, таҳдиди воридшавии иштирокчиёни нав ба бозор, таҳдиди пайдо шудани ивазкунандаҳо, таъсири бозории харидорон, қудрати бозории таҳвилгарон ва муҳориба байни рақибони амалкунанда - ҳамон далелро инъикос менамоянд, ки рақобат дар соҳа аз чорчӯбаи базингарони амалкунанда мебарояд. Истеъмолкунандагон, таҳвилгарон, ивазкунанда-гон, иштирокчиёни эҳтимолӣ - ҳамаи инҳо «рақибонанд» барои шаркат-ҳои соҳа, ки метавонад дар вобастагӣ аз ширкатҳои мушахас нисбатан таъсир расонида бошад. Рақобатро дар чунин як маънои васеъ метавон чун муҳорибаи кушод муайян намуда». Сатҳи шиддатнокии рақобат дар соҳа аз нигоҳи Портер на фақат бо муҳорибаи рақибон дар дохили соҳа, балки бо дигар қувваҳо низ муайян карда мешавад. Дар ин ҳолат ӯ меъёри муваффақияти шиддатнокии рақобатро дар соҳа чунин муайян мекунад: вақте, ки сатҳи фоида на паст, балки баландтар нисбати соҳаи рақобати соф бошад. Дар ин аст ҷолибии соҳа ва сармоягузорӣ ба ин соҳа аз ҳисоби бозингарони нав ва ё маблағгузорони нав дар худи соҳа нисбатан шиддатнок мегардад. Агар дар соҳае сатҳи фоида пастар аз соҳаи рақобати соф бошад, дар ин ҳолат ворид шудан ба соҳа ҷолиб нест. Портер мавқеъро ҷонибдоронӣ ва асоснок намуда таъкид медорад, ки дар ҳар ҳолатҳои гуногун қувваҳои гуногун метавонанд дар муайян намудани сатҳи рушди рақобат мавқеъи ҳалкунандаро дошта бошад.

Ғояи муҳими Портер он аст, ки қудрати рақобатии ширкатҳои алоҳидаро нафақат муборизаи онҳо бо рақибони худ, балки ҳолати худи соҳа низ муайян мекунад. «Самти назариявӣ ба вуҷуд омад, дар асоси кадоме, ки стратегия ба соҳа алоқамандӣ надорад, азбаски чун собит мегардад таркиби соҳавӣ ва марзҳо бо зудди тағйир меёбанд, фоиданокӣ бошад асосан бо мавқеъи инфиродии ширкатҳо муайян карда мешавад. Ман доимо таъкид мекардам ки ҳарду амал муҳиманд - соҳа ва мавқеъ ва ба этибор нагирифтани ҳар кадоме аз онҳо чун хавфи бузург ба ширкат таҳдид мекунад» [3, с. 26].

Ҳамин тавр, тадқиқоти илмии анҷомдодашуда имкон медиҳад, ки чунин хулосаҳо пешниҳод намоем:

- дастгоҳи категориявии асоси рақобати бозори соҳавӣ аниқ карда шудааст. Мафҳуми назариявии бозори соҳавӣ чун маҷмӯъи муносибатҳои дар ҷараёни ягонаи такрористеҳсолии низоми иқтисодии бозори молҳои истеъмолӣ муттаҳид шуда асоснок карда шудааст, ки дар он ҳамаи омилҳо бо ҳам алоқаманд ва бо ҳам вобастаанд.
- исбот карда шудааст, ки рақобат ва бозори соҳавӣ, таносубияти онҳо дар бисёр ҳолат дараҷаи рушди муҳити рақобатиро муайян мекунад.

- марҳилаҳои ташаккули бозори соҳавӣ ва асосҳои танзими онҳо муайян карда шудаанд.

АДАБИЁТ

1. Игнатюк А.И. Методология достижения функционирования отраслевых рынков. М. Экономическая теория. 2009.-№3.
2. Маршалл А. Принципы политической экономии. М.: Центр, 2007
3. Портер Е. Майкл. Конкурентная стратегия: Методика анализа отраслей и конкурентов. Пер. с англ. - М.: Альпина Бизнес Букс, 2005.
4. Робинсон Дж. Экономическая теория несовершенной конкуренции. М.: Прогресс, 1989.
5. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов. М.: Эксмо, 2016.
6. Чемберлин Э. Теория монополистической конкуренции. М.: Центр, 1997.
7. Шумпетер Й. Теория экономического развития. М.: Прогресс, 1982.

НЕКОТОРЫЕ ПРЕДСТАВЛЕНИЯ О РАЗВИТИИ КОНКУРЕНЦИИ НА ОТРАСЛЕВОМ РЫНКЕ

В статье рассматривается категориальный аппарат конкурентных основ отраслевого рынка. Теоретическая концепция отраслевого рынка основана как совокупность отношений в едином процессе воспроизводства экономической системы рынка потребительских товаров, в которой все факторы взаимосвязаны и взаимозависимы. Отмечено, что конкуренция и отраслевые рынки, их взаимосвязь во многих случаях определяют степень развития конкурентной среды. Определены этапы формирования отраслевых рынков и основы их регулирования.

Ключевые слова: *отраслевые рынки, конкуренция, несовершенная и совершенная конкуренция, монопольный рынок, конкурентная стратегия*

SOME IDEAS ABOUT THE DEVELOPMENT OF COMPETITION IN THE INDUSTRY MARKET

The article considers the categorical apparatus of the competitive foundations of the industry market. The theoretical concept of the branch market is based as a set of relations in a single process of reproduction of the economic system of the consumer goods market, in which all factors are interconnected and interdependent. It is noted that competition and industry markets, their relationship in many cases determine the degree of development of the competitive environment. The stages of formation of industry markets and the basis for their regulation are determined.

Keywords: *industry markets, competition, imperfect and perfect competition, monopoly market, competitive strategy*

Сведения об авторе:

Джамолидинов Сухроб Рустамджонович *- соискатель кафедры экономической теории ИЭТ ТГУК (Таджикистан, Худжанд), e-mail: dzhamol77@mail.ru*

About the author:

Dzhamolidinov Sukhrob Rustamjonovich *- Researcher of the department of economic theory of IET TSUK (Tajikistan, Khujand), e-mail: dzhamol77@mail.ru*

ИНДУСТРИЯИ МАВОДИ ҒИЗОӢ, ЗАХИРА ВА ТАШКИЛИ СОҲАИ ТАЪМИНОТИ ҒИЗОӢ САЙЁҲОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сангинов М.М., Ҳайдарова М.М.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ новобаста аз синну сол, ҷинс ва дорои давоми давраи саёҳат ба истеъмоли ғизои хушсифат ниёз доранд, ки он аз талаботҳои асосии организми инсон маҳсуб меёбад. Қонеъ гардонидани талаботи сайёҳон бо ғизои мувофиқ бо назардошти афзудани теъдоди сайёҳон ба соҳаи муҳими саноати хӯрокворӣ мубаддал ёфтааст. Мебояд қайд кард, ки олимону коршиносони соҳаи иқтисодиёт соҳаи таъминоти сайёҳон бо ғизоро ҳамчун соҳаи алоҳидаи иқтисодиёт меҳисобанд ва пешниҳод менамоянд, ки соҳаи мазкур дар радифи саноати хӯрокворӣ баррасӣ карда намешавад. Зеро, дар натиҷаи таснифоти таркибии соҳаи таъминоти ғизоӣ ошкор карда шудааст, ки хусусиятҳои соҳавӣ мавҷуданд, ки фарқияти куллии соҳаи таъминоти ғизоро аз саноати хӯрокворӣ нишон медиҳанд. Масалан, саноати хӯрокворӣ асосан коркарду истеҳсоли маводҳои мухталифи ғизои истеъмолиро дарбар гирифта бошад, дар соҳаи таъминоти сайёҳон бо ғизо намуди муассисаи

хизматрасонӣ, дараҷа ва усули хизматрасонӣ ва ғайра мебошанд,ки ба саноати хӯрокворӣ марбут буда наметавонанд [1].

Аслан, таъмини талаботи физиологии сайёҳ ба ғизо мебояд аз ҷониби ташкилкунандагони сайёру сайёҳат дар маҷмӯи хизматрасонӣ ворид бошад. Дар ин ҷода вобаста ба талабот, диду табъи сайёҳони ҳам дохилию ва ҳам хориҷӣ навъҳои гуногуни муассисаҳо, аз қабили тарабхона, қаҳвахона, ошхона, чойхона дараҷанокии хизматрасонӣ (люкс, олӣ, якум, бе категория ва ҳоказо) фарқ мекунанд. Алалхусус, дар таълимоти сайёҳ бо ғизои зарурӣ бештар ба таркиби хизматрасон- реҷаи хизматрасонӣ ва сатҳи одоби пешхизматҳо низ аҳамияти хоса мебозад. Муайян карда шудааст, ки аксарияти сайёҳони хориҷӣ аз хизматрасонии муассисаҳои хӯроки ҷудонашаванда (FAST FOOD) ба монанди Макдоналдс, Бургер, Кинд, питсериҳо ва амсоли онҳо дилбазан шудааанду ҳангоми сайёҳат ба кишвари дигар бештар ба хӯрокҳои маҳаллӣ ва таъомули миллии истеъмоли ғизо мароқ зоҳир менамоянд. Ҳатто сайёҳи дохилӣ низ дар соҳаи таъминоти худ бо ғизо хусусиятҳои хоса дорад, ки аз тавҷҷӯҳӣ омӯзиши хӯрокҳои маҳаллӣ дигар сарчашма мегирад. Масалан, оши палавро гарчанде бо истилоҳи «оши палови тоҷикӣ» ҳамчун арзиши ғайримоддии ҷаҳонӣ аз ҷониби ташкилоти бонуфузи ЮСЕСКО этироф шуда бошад ҳам, усулҳои хосаи омодасозӣ, пешниҳоди он ба миҷоз ва дигар хусусиятҳо ба мардуми шимоли Тоҷикистон хос асту барои сайёҳон аз минтақаҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаловатбаш аст. Инчунин, таъоми «қурутоб» ва «шакароб» дар таъомули аҳолии водии Зарафшон, Тоҷикистони Ҷанубӣ бештар ҷой гирифтаасту барои сайёҳони ҳам хориҷӣ ва ҳам минтақаҳои дигари кишвар боиси омӯзиш, қонеъ гардонидани диди зебоипарастӣ, шиносоӣ бо таъомули миллӣ ва ҳокзо мешавад.

Алҳол, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани «Соли 2018- соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «Солҳои 2019-2021 – солҳои рушди деҳот,сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», қабули ҳуҷҷатҳои муҳими давлатӣ – стратегияти давлатии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2030 – ум ва ғайра заминаи мусоиди ҳуқуқӣ барои рушди соҳаи сайёҳӣ, аз он ҷумла пешрафти соҳаи таъминоти сайёҳон бо ғизо фароҳам гардидааст. Дар натиҷаи ин тадбирҳо тадриҷан афзудани шумораи сайёҳони хориҷӣ ва маъмургардии сайру сайёҳат барои аҳолии кишвар ба қайд гирифта шуда истодааст. Масалан, мувофиқи маълумотҳои оморӣ соли 2019 теъдоди сайёҳони хориҷӣ бештар аз як миллион нафарро ташкил додааст [2]. Ин раванди мусбӣ бо сабаби пандимияи умумиҷаҳонӣ – паҳншавии бемории сироятии COVID – 19 гарчанд коҳиш ёфта бошад ҳам, баъд аз маҳви ин бемори аз нав авҷ хоҳад гирифт. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи имкониятҳои мавҷудаи ташкили соҳаи таъминоти ғизо барои сайёҳон яке аз масъалаи рӯзмараи замони муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Зеро, бо назардошти гуногунрангии табиати биҳиштосо дар минтақаҳои мухталифи кишвар шароитҳои ҳархелаи таъминоти сайёҳон бо ғизо мавҷуд мебошад, ки омӯзиши ҳамаҷонибаи онҳо барои рушди сайёҳӣ дар дурнамо мусоидат менамояд.

Мусаллам аст, ки дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи таъминоти сайёҳон бо ғизои мувофиқи диду табъи онҳо дар марҳилаи рӯй ба рушд майл дорад ва мебояд имкониятҳои мавҷуда ҷустуҷӯ ва дарёфт карда шаванд. Дар ин ҷода сохтмони комплексҳои фароғатӣ дар мавзеҳои назди кӯҳии дур аз маҳалҳои аҳолинишин мавқеи хоса дорад. Зеро, сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ дар як нуқтаи муайян метавонанд аз номгӯи таомҳои миллӣ, аврупоӣ хосаи маҳаллӣ ва ғайра тановул намуда, ҳамчунин бо раванди омода намудани хӯрокҳои миллӣ аз қабили оши палав, танӯркабоб, омоч ва дигар шинос шаванд. Хусусан, ба роҳ мондани таъминоти нуқтаҳои хӯрока бо маҳсулоти тару тозаи аз лиҳоли экологи мувофиқ имконпазир буда, ин ҷараён ба рушди иқтисодии аҳолии деҳот мусоид менамояд ва ҳам табиати биҳиштосои кишварро ба дигарон муаррифӣ менамояд. Бунёди муассисаҳои замонавии тановули хӯрок ва пешниҳоди номгӯи сершумори таомҳои миллӣ, аврупоӣ ва ғайра барои ҷалби сайёҳон ва таъминии онҳо бо ғизои хушсифат басанда нест. Дар ин раванд мавқеи муҳимро дараҷанокии ва реҷаи хизматрасонии «люкс ё олӣ» дар ошхонаю чойхонаҳо ғайриимкон буда, мебояд дар муассисаҳои дараҷаи тарабхона ташкил карда шавад. Ин намуди хизматрасонӣ дар соҳаи таъминоти сайёҳон бо ғизо хеле мураккабу гуногунҷабҳа буда барои шароити кунунии кишвар хизматрасонии нисбатан навтарин мебошад. Масалан, мавҷудияти нуқтаҳои сершумори таъминот бо ғизо дар қадд наздикии шоҳроҳи Душанбе – Чанақ, ки хатсайри маъмули сайёҳон ба шумор меравад, имконияти хизматрасонии навъҳои «люкс» ё «олӣ» – ро пешниҳод карда наметавонад. Ҳол он,ки талабот ба чунин навъи хизматрасонӣ мавҷуд асту то ҳол қонеъ гардонида нашудааст. Вале , бунёди бинои тарабхонаи замонавӣ дар ин мавзеъ танҳо қадами нахустин дар таъминоти сайёҳон бо ғизои

хушсифат мебошад. Оро додани тарҳи беруна ва дохилии бинои тарабхона бо нақшу нигори миллӣ, сохта шудани мизу курсиҳои шинам аз маводҳои маҳаллии табиӣ, муҷаҳҳазсозии қисми хӯрокпазӣ бо таҷҳизотҳои замонавӣ, аз он ҷумла ҳавокашакҳои тавоно бо қубури дудбарои баланд, харидории зарфҳои баландсифати чинӣ бо қошуқу корд ва дигар лавозимоти хӯрокхӯрӣ, ороиши болои миз бо дастурхони шинами нақшу нигори миллӣ дошта низ дар маркази диди сайёҳ қарор мегирад. Муҳайё намудани ҳамаи қисмҳои таркиби хизматрасонӣ дар тарабхона барои ҷалби сайёҳ басанда бошад ҳам, сатҳи мувофиқу муваффақи хизматрасонии пешхизматҳоро тақозо менамояд. Зеро, сайёҳи дорои диду завқ ба табъи баланд бояд аз пешхизмат оид ба таркиби таоми аз ғизонома (меню) интихобкардааш тарзи пухтани таом, ҳаҷму вазъи ҷузъҳои алоҳида ва дигар маълумотҳоро пурсон шуда, баъд аз гирифтани ҷавобҳои қаноаткунанда таомро фармоиш медиҳад. Дар бисёр ҳолатҳо мушоҳида мегардад, ки пешхизматҳо нафарони соҳибмаълумоти соҳаи хӯрокпазӣ набуда шахсони тасодуфӣ мебошанд ва либоси пешхизмат бояд шинам, барои хизматрасонӣ ва бо нақшу нигори миллӣ зеб дода ва ҳатман аз матои табиӣ бошад. Одатан, пешхизматҳо хоҳ зану хоҳ мард дар тарабхонаҳо бо сари луч хизмат мерасонанд, вале, пӯшидани тоқии миллӣ бо нақшу нигори хосаи маҳаллӣ мувофиқи мақсад мебошад. Зеро, сайёҳ аз ҷузъи махсуси умумии тарабхона будани пешхизмат бохабар мегардад. Ҳамаи пешхизматҳо ҳатман соҳиби тавсифот бошанд, ки дар он номи пешхизмат бо ҳарфҳои хонои алифбои кирилӣ ва ҳам англисӣ сабт ёбад.

Мебояд қайд кард, ки хизматрасонии сатҳи «люкс» ё «олӣ» дар тарабхона бештар ба фаолнокии маъмур вобастагии зич дорад. Зеро, маъмур сайёҳ ё мизоҷро аз даромадгоҳ бо чеҳраи кушод ва суханҳои лутфомез пешвоз гирифта ба сари мизи дилхоҳаш мешинонад ва пешхизматро бо онҳо муаррифӣ намуда баъдан аз назди сайёҳ дур меравад. Дар навъи хизматрасонии «люкс» ё «олӣ» ҳатто таъин нашудани шахси масъул барои ҷобаҷогузории воситаҳои нақлиёти сайёҳ дар ин қароргоҳи махсуси назди тарабхона мавқеи муҳимро дорост. Мавҷудияти нуқтаи нигоҳдории муваққатии либоси болоии мизоҷ ба яке аз ҷузъҳои ҳатмии хизматрасонӣ маҳсуб меёбад.

Дар вобастагии бо навъи муассисавӣ нуқтаҳои таъминоти сайёҳ бо ғизо, аз қабили ошхонаву чойхона ва ғайра мебояд, ҷузъҳои алоҳидаи хизматрасонӣ ба сайёҳ дар тарабхонаро ҷои муассисаи худ ба роҳ монанд, ки мавқею манзалати муассисаро баланд мебардорад, зеро,мушоҳида ва муайян карда шудааст, ки дар аксарияти муассисаҳои таъминоти сайёҳ бо ғизо нуқтаҳои дастшӯӣ ва қазои ҳоҷат дар шароити номувофиқ қарор доранд, ки боиси нороҳатии сайёҳ мешавад. Хусусан, мавҷудияти собун, воситаҳои яккаратаи гигиенӣ ва ғайра дар ин нуқтаҳо ҳатмӣ буда, хелҳои муҳими ҷараёни хизматрасонӣ дар таъминоти сайёҳ бо ғизоро ташкил медиҳад.

Хусусияти дигари ташкили соҳаи таъминоти сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондани таъмини мунтазами тарабхонаву ошхонаҳо бо маҳсулоти ширӣ – шир, ҷурғот, чакка ва дигарон аз аҳолии деҳоти атроф мебошад, ки бо сифат ва нав будани худ фарқ менамоянд. Чунин занҷири таъминоти муассисаҳо бо меваю сабзавоти тару тоза низ бояд ба роҳ монда шаванд, ки сайёҳ ё мизоҷро қонеъ карда тавонад ва аз номгӯи сершумор иборат бошад. Дар акси ҳол маҷбур мешавад, ки ё ҷиҳати дарёфти ин ё он меваю сабзавот дархост кунад ё худ, маводи заруриро пайдо накарда нороҳат шавад .

Дар натиҷа омӯзиши сатҳи ташкили таъминоти ғизоии сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон хулоса намуд, ки алҳол масъалаи мазкур характери ноустувори хаотикӣ дорад ва имкониятҳои сершумор ҷиҳати такомули он мавҷуд мебошад. Яке аз захираҳои мавҷудаи такомул дар ташкили тарабхонаи замонавии навъи хизматрасонии «люкс» ё «олӣ» мебошад, ки заминаи воқеии рушди сайёҳӣ дар кишвар шуда метавонад.

АДАБИЁТ

1. Александрова А.Ю: Международный туризм: Учеб. пособие для вузов.–М.,2001.
2. Браймер Роберт А. Основы управления в индустрии гостеприимства. –М., 1995.
3. Бухалков М.И. Внутрифирменное планирование: Учебник. 2-е изд., испр.Идоп.–М.,2000.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 декабри соли 2017//Муҳаррирон Раҳмон О.Э., Асадзода А. Масъули чоп Файзуллозода Қ..Б. – Душанбе: Шарқи озод, 2017. – 39 с.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 декабри соли 2018//Муҳаррирон Раҳмон О.Э., Асадзода А. Масъули чоп Файзуллозода Қ..Б. – Душанбе: Шарқи озод, 2018. – 39 с.
6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи давлатии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2030».

ПОТЕНЦИАЛЫ ОРГАНИЗАЦИИ ИНДУСТРИИ ПИТАНИЕ ЗАРУБЕЖНЫХ И ВНУТРЕННЫХ ТУРИСТОВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН И РЕСУРСЫ ИХ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ.

Вопросы продуктов питания туристов были рассмотрены и зарегистрированы институционализация, тип имущества, местоположение, еда, рейтинг и степень туризма. Он был идентифицирован в направлении туристов для обеспечения благоприятных условий для еды решающего положения и выбора внешнего вида большей национальной традиции туризма. В результате анализа местных ресурсов, возможность укрепления туристов, чтобы увидеть и обсудить возможности для обсуждения.

***Ключевые слово**: услуга, предприятие питания, формы услуг, меню и её виды, зарубежный турист, гостиницы, типы услуг, виды международных обозначенный, организация питание, протиесс совершенствование, организация питания*

POTENTIALS OF THE ORGANIZATION OF THE INDUSTRY IN THE COUNTRY OF FOREIGN AND INNER TOURISTS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND RESOURCES OF THEIR IMPROVEMENT.

Food issues of tourists were reviewed and registered institutionalization, property type, location, food, rating and tourism degree. It was identified in the direction of tourists to ensure favorable conditions for eating the decisive situation and choosing the appearance of a greater national tradition of tourism. As a result of analyzing local resources, the possibility of strengthening tourists to see and discuss opportunities for discussion.

***Keywords**: service, service, service, services, menu and its types, foreign tourist, hotels, types of services, types of international designated, organization food, Protskress Perfection, nutritional organization*

Сведение об авторах:

***Сангинов М.М.** - Докторская специализация качества и управление натуральным производством"Худжандский государственный университет имени Б. Гафурова»*

***Ҳайдарова М.М.**- Государственный университет Худжанда имени Бобуджон Гафуров.*

About the authors:

***Sanginov M.M**. - Doctoral specialization of quality and managing the natural production of «Khujand State University named after B. Gafurova»*

***Xydarova M.M**.- State University of Khujand named after Bobudjon Gafurov*

УСУЛҲОИ НАЗАРИЯВИИ НАТИҶАНОКӢ ВА САМАРАНОКИИ ИДОРАКУНӢ ДАР ТАШКИЛОТ

Усмонов И.У.,Ҳоҷиев А.С.,Ҷамолидинов С.Р.

Таджикский государственный университет коммерции

Дар шароити дигаргуниҳои сифатноки идоракунии иқтисодӣ ва ҷамъи муносибатҳои сохтори ҷомеавӣ муаммои самаранокии менеҷмент мавриднокии махсус пайдо менамояд [1]. Баҳодиҳӣ ба самаранокии идоракунӣ ба бисёр ҷанбаҳои менеҷмент аҳамияти аввалин дараҷа дорад, чунки бо ёрии вай дурустӣ, асосноқӣ, ҳаракатнокии кори роҳбар муайян карда мешавад[2]. Дар шароити рақобатпазири оиди рафти воқеъии рушди идоракунии иқтисодӣ дар ташкилот шарт гузошта мешавад, зеро баҳодиҳӣ ба фаъолияти он аз рӯи иҷрои амалиёт, рушди менеҷмент, натиҷанокӣ ва самаранокии идоракунии ҳайати кормандон гузаронида мешавад.

Натиҷанокӣ ва самаранокӣ дар ташкилот хеле муҳим мебошанд. Аммо ба ин нигоҳ накарда, пайдарҳамии муқарар ва ҳамалоқамандии ин мафҳумҳо ба назар мерасанд. Барои он, ки дар шароити рақобатпазирӣ фаъолияти ташкилот самаранок гардида, ташкилот зинда монад, ба даст овардани муваффақият, интихоби мақсади фаъолият дар мамлакат, ё ки дар ҷаҳон талаботи муқаррари истеъмолии харидорон барои истеҳсоли маҳсулот ва расонидани хидмат бояд мавҷуд бошад. Дар ин ҳолат, дараҷаи қонеъ гардонидани талаботи иқтисодиёт – мақсади умумӣ, ё ки ҳадафҳои асосии ҳаргуна ташкилот мебошад.

Натиҷанокии идоракунӣ, ин қобилияти сохтори идоракунӣ оидӣ таъмини ноил гаштани ба натиҷаҳои ниҳоӣ – мақсади гузошташуда, ки ба талаботи мушаххаси одам, ҷомеа, ва давлат мувофиқ буда, онро қонеъ мегардонад ва барои рушди устувори ташкилот бунёдкундаи шароит мебошад[2].

Идоракуниро натиҷанок шуморидан мумкин аст, агар:

- Ташкилот ба натиҷаҳои ниҳоӣ ноил гашта бошад, мақсади умумии вай иҷро шуда бошад (дараҷаи ноил гаштан);
- Ҳамандозагии натиҷаи ниҳоӣ ба талабот (дараҷаи қонегардони талабот);
- Муқаррар намудани иқтидори талабот дар натиҷаи фаъолияти ташкилот ҳамчун асос барои ташаккули ҳадафҳои нав ва бунёди шароити устувор барои рушди ташкилот (дараҷаи имконияти васеъ намудани истеҳсолот);
- Ба натиҷа ноил гаштани ҳар як намуди идоракунии аз рӯи амалиёти алоҳидаи менеҷмент (дараҷаи таъмин намудани мувофиқии натиҷаҳои амалиётӣ ба мақсадҳои онҳо).

Баҳодиҳии натиҷанокии идоракунӣ барои муайян намудани имконият ва самти рушди ташкилот, оиди зарурати бунёди талаботи нав барои истеҳсоли маҳсулоти нав, ё ки зарурати такмили маҳсулоти истеҳсолшаванда, оиди муаммоҳои иштирокчиёни ҷараёни истеҳсолот иттилоот медиҳад.

Мафҳуми «самаранокии идоракунӣ» дар бисёр мавридҳо бо мафҳуми «самаранокии фаъолияти истеҳсолии ташкилот» монанд мебошад. Дар забони лотини «**etfectivus»** ҳаракатнокӣ ва ҳосилнокии меҳнати муайяни самара диҳанда ифода мешавад ва он мафҳуми ҳаматарафа мебошад. Онро дар ҳама ҷабҳаҳои фаъолияти худ одамон истифода мебаранд.

Дар муносибати маъноӣ самаранокӣ бо натиҷанокии кор (ҳаракат) ва сарфакорӣ, яъне ҳаҷми ками хараҷот барои кори (ҳаракати) мазкур алоқаманд мебошад. Самаранокӣ ин дараҷаи натиҷанокӣ дар муқоиса бо хараҷотҳои истеҳсолӣ ифода мешавад. Ин мафҳумро дар муайян намудани самаранокии иқтисодиёт, соҳаҳои алоҳида, корхонаҳо, маблағгузорӣ, навоварӣ истифода мебаранд.

Самаранокии менеҷментро ҳамчун шакли нишон додани дараҷаи «самаранокӣ» дар фаъолияти идоракунӣ ифода кардан мумкин аст. Самаранокии идоракунӣ - ин тавсифи нисбии натиҷанокии фаъолияти сохтори идоракунии мушаххасест, ки дар нишондиҳандаҳои гуногун ҳамчун объекти идоракунӣ тасвир карда мешавад. Аслан он фаъолияти идоракунӣ (субъекти идоракунӣ) мебошад. Ин нишондиҳандаҳо тавсифи миқдорӣ ва сифатӣ доранд. Яъне, самаранокии фаъолияти сохтори идоракунанда дар охир ба воситаи нишондиҳандаҳои сохтори идорашаванда метавонад тавсифи хусусии худро пайдо намояд.

Дар ташкилот ҳаргуна тағйироти аз тарафи дастгоҳи идоракунӣ иҷрошаванда бояд ба мақсади муқарарии вай ҷавобгӯй бошад, чунки барои ноил гаштан ба мақсад лозим меояд, ки самаранокии ояндаи ташкилот пешакӣ муайан карда шавад. Дар алоқамандӣ ба он муайян намудани ҳамбастагии тарафайни мафҳуми **«муваффақият», «натиҷанокӣ», самаранокӣ»** низ зарур аст. Барои он, ки ташкилот ба муваффақият ноил гардад, мақсадҳо ва вазифаҳои қисматҳои вай ба воситаи тақсими уфуқӣ ва амудии меҳнатӣ бояд ба якдигар ҳамоҳанг бошанд. Идоракунӣ барои ташкилот ва қисмататҳои он фаъолияти муҳим ва таъминкунандаи муваффақият мебошад.

Самаранокии менеҷмент аз рӯи ҳамандозагии натиҷа ва истифодаи захираҳо, хароҷотҳои истеҳсолӣ муқарар карда мешавад. Дараҷаи самаранокии фаъолияти идоракунӣ дар бисёр мавридҳо аз рӯи дараҷаи ташкили оқилонаи сохтори идоракунанда ва ҷараёни идоракунӣ муқарар карда мешавад. Самаранокӣ дар нишондиҳандаҳои гуногун ҳамчун объекти идоракунӣ ва инчунин аслан ҳамчун фаъолияти идоракунӣ нишон дода мешавад.

Мафҳумҳои асосии самаранокии идоракунӣ чунинан:

- Самаранокии меҳнати кормандони дастгоҳи идоракунӣ;
- Самаранокии ҷараёни идоракунӣ (амалиёт, иртибот, таҳия ва иҷрои корорҳои идоракунӣ);
- Самаранокии сохтори идоракунӣ (ба назардошти дараҷаҳои идоракунӣ);
- Самаранокии механизми идоракунӣ (таркиби амалиётӣ, молиявӣ, истеҳсолӣ, маркетингӣ ва ғайраҳо).

Баҳодиҳи самаранокии идоракунӣ метавонад дар фосилаҳои вақти тақвимӣ иҷро карда шавад (моҳ, квартал, сол). Тағйирёбандагии ин нишондиҳандаҳо ва ин чунин муқоисаи онҳо ба маълумотҳои ташкилотҳои ҳаммонанде, ки дар шароити якхелаи иқлимию-ҷуғрофӣ ва шароити иқтисодӣ фаъолияткунада мебошанд, оиди самаранокии кори дасгоҳи идоракунӣ, барои хулоса баровардан имкон медиҳанд.

Меҳнати идоракунӣ ба намуди хеле мураккаби фаъолияти одам дохил мешавад. Бинобар ин, аз рӯи ҷой надоштани натиҷаҳои тасвиятшуда, баҳодиҳии миқдории намудҳои алоҳидаи кор гузаронида мешавад. Барои ҳамин дар муайян намудани самаранокии идоракуни дар бисёр мавридҳо усулҳои воситавӣ истифода бурда мешаванд.

Меъёри баҳодиҳии меҳнати идоракунӣ ин самаранокии меҳнати идоракунӣ мебошад:

Самара (натиҷа)Си =

Хароҷотҳои меҳнати идоракунӣ

Дар баробари ин дар хотир доштан зарур аст, ки натиҷаи меҳнати идоракунӣ нафақат бо самараи иқтисодӣ, балки ба самараи иҷтимоӣ ифода мегардад. Ҳама он чӣ, ки ба хароҷоти идоракунӣ дахл дорад, онҳо ҳамчун меҳнати зинда ва меҳнати дар мол таҷассумёфта тавсия мешаванд.

Дар амал, мафҳуми «самаранокии иқтисодии меҳнати идоракунӣ» мафҳуми хеле танг мебошад, чун ки вай фақат сарфи меҳнати зинда ва меҳнати дар мол таҷассумёфтаи идоракунии соҳаи истеҳсолотро дар бар мегирад ва ба роҳи мувафиқ намудан ва роҳбарии оқилона фаъолияти ташкилотро ташкил менамояд.

Меъёри баҳодиҳии самаранокии меҳнати идоракунии дастгоҳи идоракунӣ инчунин самаранокии иҷтимоӣ мебошад, ки аз рӯи набудани ченакҳои миқдорӣ ба воситаи нишондиҳандаҳои сифатӣ муқаррар карда мешавад.

Меъёри самаранокии иқтисодии меҳнати идоракунӣ барои миқдоран чен намудани самаранокии меҳнат дар дастгоҳи идоракунӣ имкон медиҳад ва он дар амал хеле зиёд истифода бурда мешавад.

Барои муқаррар намудани самаранокии меҳнати кормандони идоракунӣ гузоштани меъёр ва нишондиҳандаҳое, ки ба воситаи онҳо баҳо дода мешаванд зарур аст. Меъёр ин тавсифи умумии миқдории натиҷаи меҳнати идоракунӣ мебошад. Натиҷаи ҷудогонаи фаъолияти дасгоҳи идоракунӣ нишондиҳандаҳои меҳнати идоракунӣ мебошад. Онҳо нисбат ба меъёр тавсифи тобегӣ доранд ва дар муқарар намудани он асос мебошанд.

Меъёри самаранокӣ одатан ҳамчун афзоиши максималии натиҷаҳои иқтисодӣ нисбат ба сарфи захираҳое, ки ҳамчун хараҷоти минималӣ барои иҷрои ҳаҷми кории муқаррарӣ тавсия карда мешавад. Тасвири миқдории ин меъёр бо нишондиҳандаҳои гуногуни самаранокӣ метавонад тавсия шавад: муҳлати хараҷот бароии сармоягузорӣ бо самараи иқтисодии солона ва интегралӣ.

Барои муқаррар намудани самаранокии иқтисодии меҳнати идоракунӣ бузургиҳои гуногун истифода бурда мешаванд: нишондиҳандаҳои корхона; ташкил ва амалӣ намудани меҳнати кормандони идоракунӣ; ҳаҷми иттилооти таҳияшаванда, қарорҳои босифат ва бо сариваҳтии қабулшаванда; иҷрои амалиёт дар дараҷаҳои сохтори идоракунӣ.

Важнейшим признаком компетентностного подхода является способность обучающегося к самообучению в дальнейшем, а это невозможно без получения глубоких знаний.

Компетентностный подход – это принципиально новый подход в обучении. Однако идеи его не чужды отечественной педагогике, их можно рассматривать как логическим продолжением лучших педагогических идей: Концепция содержания образования И.Я. Лернера [5, 160 с.], В.В. Краевского [3, 180 с.] об образовании как о трансляции культуры, сконцентрированной в социальном опыте объяснения и осмысления явлений, эмоционального отношения к миру, практической и творческой деятельности; Концепция общеучебных умений и навыков, трактовка которых близка к трактовке некоторых ключевых компетенций; Идеи Ю.К. Бабанского об оптимизации учебного процесса и др.

Т.М.Ковалева [6, 250 с.] считает, что компетентностный подход дает ответы на запросы производственной сферы. Применительно к образованию его можно рассматривать лишь как один из возможных подходов.

И.Д.Фрумин [6, 250 с.] считает, что компетентностный подход проявляется как обновление содержания образования в ответ на изменяющуюся социально-экономическую реальность.

Что даёт компетентностный подход учителю и ученику?

Компетентностный подход позволяет: согласовать цели обучения, поставленные педагогами, с собственными целями учащихся; подготовить учеников к сознательному и ответственному обучению в вузе или колледже; подготовить учащихся к успеху в жизни, развивающейся по непредсказуемым законам; повысить степень мотивации учения, за счёт осознания его пользы для сегодняшней и последующей жизни учащихся; облегчить труд учителя за счёт постепенного повышения степени самостоятельности и ответственности учащихся в учении; обеспечить единство учебного и воспитательного процессов, когда одни и те же задачи разносторонней подготовки к жизни решаются различными средствами урочной и внеурочной деятельности.

Компетентностный подход в обучении учащихся школьному курсу химии реализуется учителем через использование методов проблемно-исследовательской деятельности и ИКТ. Формирование компетенций учебное занятие осуществляется по 4-м уровням: применение знаний в стандартной ситуации; применение знаний в нестандартной ситуации; осознание конкретного способа применения; осознание общего способа применения.

Образовательный процесс осуществляется через уроки, кружковые, факультативные, индивидуальные занятия и занятия с одарёнными детьми.

Компетенции формируются на учебном занятии деятельностного типа.

Структура учебного занятия на деятельностной (компетентностной) основе: самоопределение к деятельности; актуализация знаний и фиксация затруднений в деятельности; постановка учебной задачи, проблемной ситуации; построение проекта выхода из проблемной ситуации, затруднения; первичное закрепление учебного материала; самостоятельная работа; включение новых знаний в систему и повторение; рефлексия деятельности (итог урока).

При формировании компетенций учащихся, учебные занятия планируются таким образом, чтобы они способствовали приобретению учащимися навыков самостоятельного поиска ответов на поставленные вопросы, самостоятельное решение проблемных ситуаций, умений анализировать факты, обобщать и делать логические выводы. У учеников должны быть сформированы операции анализа, синтеза, абстрагирования, обобщения. Такие операции составляют основу компетентностного подхода в обучении.

Самостоятельно найденный ответ – маленькая победа ребенка в познании сложного мира природы, придающая уверенность в своих возможностях, создающая положительные эмоции, устраняющая неосознанное сопротивление процессу обучения.

Самостоятельное открытие малейшей крупицы знания учеником доставляет ему огромное удовольствие, позволяет ощутить свои возможности, возвышает его в собственных глазах. Ученик самоутверждается как личность. Эту положительную гамму эмоций школьник хранит в памяти, стремится пережить еще и еще раз. Так возникает интерес не просто к предмету, а что более ценно – к самому процессу познания – познавательный интерес, мотивация к знаниям.

Как это решается на учебном занятии? Мотивация учеников; самоопределение к деятельности; «Нет интереса – нет успеха!» Учебное занятие начинается с мотивации. Её приёмы:

Проблемный вопрос, проблемная ситуация. Противоречие фактов.

К теме «Кислород», химия 8 класс

Известно, что содержание кислорода в атмосфере по объему составляет 21%. Кроме того, установлено, что на любой высоте в воздухе процентное содержание кислорода одинаково. Но имеются сведения о том, что высоко в горах человек начинает задыхаться, ему не хватает кислорода. На вершине Эвереста были зафиксированы альпинисты, которые пользовались кислородными приборами. Объясните эти противоречия.

К теме «Получение CO_2», химия 9 класс

Несколько столетий функционирует в качестве постоянно действующего генератора CO_2 «Собачья пещера» вблизи города Неаполя в Италии. Они знамениты тем, что собаки в них не могут находиться, а человек может там пребывать в нормальном состоянии. В таком воздухе, где углекислого газа 14%, собаки (и другие животные, разумеется) дышать не могут, но стоящий на ногах взрослый человек не ощущает избытка углекислого газа в этой пещере. Почему?

К теме «Получение CO_2», химия 9 класс

Не так давно предприниматель купили овощную яму, которую когда-то уже использовали, и была она в достаточно запущенном состоянии: не проветривалась, на дне лежали полусгнивший картофель и капуста. Что могло бы произойти, если к теме «Щелочные металлы», химия 9 класс

3 января 1959 г. в небе появилась комета. Не обычная комета – искусственная: из летящей к Луне советской космической ракеты было выпущено облако паров щелочного металла. Яркое

свечение такой кометы позволило уточнить траекторию первого летательного аппарата, прошедшего по маршруту Земля – Луна. Объясните, пары какого металла использовали для кометы [7, 86 с.].

Мотивация позволяет акцентировать внимание детей к изучаемой теме, заинтересовать их.

Организация учебного процесса при компетентностном подходе. При формировании компетентностей учащихся учебные занятия планируются так, чтобы они способствовали приобретению учащимися навыков самостоятельного поиска ответов на поставленные вопросы, самостоятельное решение проблемных ситуаций, умений анализировать факты, обобщать и делать логические выводы. Самостоятельно найденный ответ – маленькая победа ребенка в познании сложного мира природы, придающая уверенность в своих возможностях, создающая положительные эмоции, устраняющая неосознанное сопротивление процессу обучения.

Таким образом, компетентностный подход является усилением прикладного, практического характера всего школьного образования (в том числе и предметного обучения). Это направление возникло из простых вопросов о том, какими результатами школьного образования школьник может воспользоваться вне школы. Ключевая мысль этого направления состоит в том, что для обеспечения «отдаленного эффекта» школьного образования все, что изучается, должно быть включено в процесс употребления, использования. Особенно это касается теоретических знаний; которые должны перестать быть мертвым багажом и стать практическим средством объяснения явлений и решения практических ситуаций и проблем.

Компетентностный подход предполагает не усвоение учеником отдельных друг от друга знаний и умений, а овладение ими в комплексе. В связи с этим меняется, точнее, по иному определяется система методов обучения. В основе отбора и конструирования методов обучения лежит структура соответствующих компетенций и функции, которые они выполняют в образовании.

ЛИТЕРАТУРА

1. Зимняя И.А. Ключевые компетенции – новая парадигма результата современного образования [Электронный ресурс] /И. А. Зимняя // Интернет-журнал «Эйдос». – [Режим доступа: http:// www.eidos.ru/journal/]
2. Зеер, Э., Сыманюк, Э. Компетснтностиый подход к модернизации профессиональною образования /Э.Зеер, Э.Сыманюк// Высшее образование в России. - 2005. - № 4. - С. 23 -30.
3. Краевского В.В. Теоретические основы содержания общего среднего образования / пол ред. В.В.Краевского, И.Я. Лернера. - М.: Педагогика, 1983. – 180 с.
4. Леонтьева, Л. А. Преемственность в реализации компетентностного подхода в обучении учеников средней общеобразовательной школы и студентов вуза / Л. А. Леонтьева // Психолого-педагогическое сопровождение образовательного процесса: теория и практика. - Елабуга: ЕГПУ, 2005. - Вып.2. - С. 13-23.
5. Лернер И.Я. Проблемное обучение / И.Я. Лернер. - М.: Знание, 1974. – 160 с.
6. Фрумин И.Д. Российское образование - 2020: модель образования для экономики, основанной на знаниях /под ред. Я. Кузьминова, И. Фрумина. - М.: Изд-во ГУ-ВШЭ, 2008. – 250 с.
7. Хакимходжаев С.Н. Модул 4. Технологияи проблемного обучения в преподавании химии / Хакимходжаев С.Н. и др.// Учебно-методическое пособие. МОН РТ, РИПКРНО, USAID программа качественного обучения (QLP).-Душанбе.-2008.-86 с.

РЕАЛИЗАЦИЯ КОМПЕТЕНТНОСТНОГО ПОДХОДА В ОБУЧЕНИИ ХИМИИ

Ведущая идея компетентностного подхода заключена в обеспечении «отдалённого эффекта» школьного образования, влияющего на дальнейшую жизнь для каждого учащегося, в котором особое место отводится умению самостоятельно мыслить, принимать решения и адекватно оценивать ситуацию.

Настоящая статья описывает достоинства компетентностного подхода при обучении химии, который помогает учащимся не только в усвоении суммы знаний, а и в том, что он содействует учащимся овладевать умениями, позволяет им ставить перед собой цели, принимать решения и действовать в типичных и нестандартных ситуациях.

При формировании компетентностей учащихся учебные занятия по химии планируются так и направлены на то, чтобы они, в первую очередь, способствовали развитию мотивации, что достигается учителем сообщением ученикам наиболее интересных фактов из учебного предмета. В дальнейшем у учащихся развивают навыки самостоятельного поиска ответов на поставленные вопросы, самостоятельного решения проблемных ситуаций, умение анализировать факты, обобщать и делать логические выводы.

Выбор соответствующей системы методов обучения при компетентностном подходе предоставляет возможность ученикам не только усвоить разрозненные знания и умения по химии, но и овладеть ими в комплексе, что и является главной целью обучения предмета.

Ключевые слова: *Компетентностный подход, компетенция, учебное заведение, занятия.*

THE IMPLEMENTATION OF A COMPETENCE APPROACH IN TEACHING CHEMISTRY

The leading idea of the competence approach is to provide the «long-term effect» of school education in future life for each student in which a special place is given ability to think independently, make decisions and adequately assess the situation.

This article describes the advantages of the competence approach when teaching chemistry, which helps students not only in mastering the amount of knowledge, and the fact that it helps students to master skills, allows them to set goals, make decisions and act in typical and unusual situations.

In the formation of students ' competence training sessions in chemistry, they are planned and aimed at ensuring that they are, first of all, contributed to the development of motivation, which is achieved by the teacher the message to pupils of the most interesting facts from a subject. In the future, students develop the skills of self-search answers on the raised questions, independent solution of problem situations, ability to analyze facts, generalize and draw logical conclusions.

Selection of the appropriate system of teaching methods in the competence approach provides an opportunity for students not only to learn disparate knowledge and skills in chemistry, but also to master them in a complex, which is the main purpose of the subject.

***Key words**: Competence-based approach, competence, educational institution, classes*

Сведение об авторах:

***Ибрагимов Х.** соискатель кафедры общей химии и методики её преподавания, ГОУ «ХГУ имени академика Бабаджана Гафурова» Б. Ғафуровский район, 992927841895, E-mail: ibrogimov1954@mail.ru*

***Ҳакимхоҷаева Ф.С.** соискатель кафедры общей химии и методики её преподавания, ГОУ «ХГУ имени академика Бабаджана Гафурова» город Худжанд, 992902800004 E-mail: farangischon@mail.ru*

***Бобизода Г.М.** профессор, академик, Президент Академии образования Республики Таджикистан, E-mail: bobievgm@rambler.ru*

About the authors:

***Ibrohimov H.**- Applicant of the Department of General Chemistry and Methods of its Teaching, State Educational Institution «KSU named after academician Babadzhan Gafurov» B. Khafurovsky district, 992927841895, E-mail: ibrogimov1954@mail.ru*

***Hakimkhogaeva F.S**. Applicant for the Department of General Chemistry and Methods of its Teaching, State Educational Institution «KSU named after academician B. Gafurov», Khujand city, 992902800004 E-mail: farangischon@mail.ru*

***Bobizoda G.M.** -Professor, Academician, President of the Academy of Education of the Republic of Tajikistan, E-mail: bobievgm@rambler.ru*

ТДУ 392.857

БА РОҲ МОНДАНИ КОРҲОИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЁН ЗИМНИ ОМӮЗИШИ МАВЗӮИ «ГИРДГАРДИШИ МОДДАҲО ДАР ҲУҶАЙРА» ВА НАТИҶАГИРИИ ОН АЗ РӮИ НКТ

Баротзода К.А.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Кори мустақилонаи донишҷӯ (КМД), ки барои омӯзиши мустақилонаи мавод пешбинӣ шудааст ва ичрои он аз рӯи силлабус, ки дар он мавзӯъҳое, ки барои омӯзиши мустақилона пешбинӣ шудаанд, бо адабиёти таълимию методӣ ва дастурҳои зарурӣ таъмин карда мешавад. Назорати татбиқи он аз ҷониби омӯзгор дар шакли қабули тестҳо, бозпурсиҳо, коллоквиумҳо, рефератҳо, эссе ва ҳисобот татбиқ гардида, вобаста ба сатҳи дониши донишҷӯ натиҷагирӣ карда мешавад.

Бинобар ин омӯзгоронро зарур аст, ки дар ҷараёни таълими низоми кредитии таҳсилот ба кори мустақилонаи донишҷӯён (КМД) диққати асосиро равона намоянд, чунки танҳо дуруст ва босамар гузаронидани машғулиятҳои семинарию мустақилона дараҷаи азхудкунии маводи таълимиро баланд мебардорад.

Мақсади кори мустақилонаи донишҷӯён ба низом даровардан ва мустаҳкам намудани донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалӣ, ташаккули малакаҳои кор бо адабиёти меъёрии ҳуқуқӣ, илмӣ, таълимӣ, методӣ ва махсус, рушди қобилиятҳои маънавию маърифатӣ, фаъолиятмандӣ, ташаббуси эҷодӣ, мустақилият, масъулиятнокӣ ва муташаккилона кор кардан, ташаккули мустақилона фикр карда тавонистан, қобилиятҳои худро инкишоф додан ва дар амал татбиқ карда тавонистан, худтакмилдиҳии малакаҳо, рушди малакаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва ғайраҳо мебошад.

Яке аз шаклҳои кори мустақилонаи донишҷӯ (КМД) навиштани рефератҳо, яъне мухтасаран навиштани мазмуни мавзӯи муайян оид ба ин ё он проблема дар асоси адабиёти илмию тахассусӣ ё таҳлили сарчашмаҳо ва тайёр намудани маърӯзаҳо, ки он моҳиятан ба реферат монанд буда мебошад[1.2.6 саҳ.4-5].

Кори мустақилона донишҷӯёнро водор менамояд, ки ҳамеша дар ҷустуҷӯи адабиёт бошанд ва аз шабакаи интернетӣ маълумотҳои навтаринро дастрас намоянд. Ҳамин тариқ, кори мустақилона барои баланд бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи омӯзгорӣ нақши басо калон дорад [6 саҳ.6.10].

Ҳоло дар поён як соат дарси КМД-ро дар мавзӯи «Гирдгардиши моддаҳо дар биосфера» пешниҳод менамоем, ки аз тарафи донишҷӯён ба шакли реферат навишта шуда, пешниҳоди омӯзгор мегардад.

Рустаниҳо, ҳайвонот ва микроорганизмҳо бо муҳити зисти худ доимо алоқаманд буда, бо ҳам дар доду гирифтанд. Барои мӯътадил вуҷуд доштани биосфера ҷараёнҳое, ки дар он ба амал меоянд, бояд дар ҳаракат бошанд то, ки гирдгардиши моддаҳои биологӣ амалӣ шавад. Ҷараёнҳои ҳосилшавӣ ва таҷзияи моддаҳои зинда дар сайёраи Замин яке аз дигаре ба амал намеояд ва танҳо дар мавҷуд будани ягонагии биологии гирдгардиши атомҳо амалӣ мешаванд.

Сарчашмаи энергетикии ҳаётии гирдгардиши биологӣ дар рӯи Замин ҷараёни фотосинтез мебошад, ки дар рафти он энергияи нури офтоб дар намуди энергияи химиявии моддаҳои органикӣ захира шуда, барои тамоми ҷараёнҳои дигари гирдгардиши биологӣ сарф мешаванд.

Гирдгардишҳои биологӣ сарбаста нестанд ва пурра барнамегарданд. Ҳар як давраи гардиши ин ё он элемент ё ки пайвастагӣ такрори амиқи пештараи худ шуда наметавонад. Дар рафти инкишофи биосфера қисми ҷараёнҳо тавсифи барнагарданда доранд, барои ҳамин ҳосилшавӣ ва ҷамъшавии таҳшини биогенӣ ба амал омада, миқдори оксигени атмосфера зиёд шуда, таносуби миқдори изотопҳои як қатор элементҳо тағйир ёфтаст.

Асоси даври гирдгардиши моддаҳоро дар биосфера гирдгардиши калони геологӣ ва гирдгардиши хурди биогенӣ ё ки биохимиявӣ ташкил медиҳад. Гирдгардиши биохимиявиро вобаста аз суръати гардиши моддаҳо дар биосфера ба гирдгардиши типи газӣ (N, O_2, CO_2, H_2O) ва типи таҳшинӣ (Y, Fe, Ca) ҷудо мекунанд.

Сипас гирдгардиши карбон, оксиген, сулфур, нитроген шарҳ дода мешавад.

Карбон яке аз элементҳҳои асосии химиявӣ мебошад, ки тамоми гуногунии моддаҳои органикӣ, ҷараёнҳои биохимиявӣ ва шаклҳои ҳаётии рӯи Заминро муайян мекунад. 45%-и вазни хушки организмҳои зинда аз карбон иборат аст. Дар ҷараёни фаъолияти ҳаётии организмҳои зиндаи биосфера пайвастагиҳои органикӣ беист ҳосил шуда, тағйир меёбанд ва аз нав таҷзия мешаванд. Ин система равандҳое, ки дар он тамоми организмҳои зиндаи сайёра иштирок доранд, гирдгардиши моддаҳои органикӣ ва тамоми карбон дар рӯи замин мебошад [4.6.7саҳ.91].

Гирдгардиши карбон бо туфайли фаъолияти рустаниҳои сабзи рӯизаминӣ ва фитопланктонҳо (обсабзҳо) амалӣ мешавад. Рустаниҳои сабзи хлорофиллдор энергияи нури рӯшноиро фурӯ бурда, онро ба пайвастагиҳои химиявӣ мубаддал мекунанд. Як қисми моддаҳои ҳосилшуда дар ҷараёни нафаскашии худи рустаниҳо сарф шуда, қисми дигари CO_2 ба атмосфера ҷудо мешавад. Қисми зиёди маҳсулоти аввалаи дар ҷараёни фотосинтез ҳосил шударо, ҳайвоноти алафхӯр истифода бурда, барои дигар консументҳои тартиби якум, дуюм, сеюм ва ғайраи занҷири ғизоӣ замина тайёр мекунанд. Ҳамаи онҳо энергияи дар моддаҳои организми тӯъма ё хӯҷаини худ бударо истифода карда, ба атмосфера CO_2-ро, ки дар ҷараёни нафаскашӣ ҳосил мешавад, берун мекунанд.

Тамоми организмҳое, ки дар муҳити хокӣ ҳаёт ба сар мебаранд, дар ҷараёнҳои фаъолияти ҳаётии худ CO_2 -ро ҷудо мекунанд ва ин амал ба рустаниҳо имконият медиҳад, ки шиддатнокии фотосинтезро баланд кунанд, чунки миқдори CO_2 дар қабатҳои наздизаминии атмосфера зиёд мешавад.

Дар баъзе ҳолатҳо пурра таҷзияшавӣ ва маъданшавии моддаҳои органикӣ ба амал намеояд. Дар хок пӯсидаҳои зиёде ҷамъ мешаванд, ки барои ҳосилхезии Замин аҳамияти калон доранд. Дарҷаи маъданшавӣ ва пӯсиши моддаҳои органикӣ аз як қатор омилҳо: намнокӣ, гармӣ, хосияти физикавии хок, таркиби боқимондаҳои химиявӣ ва ғайраҳо вобастагӣ дорад. Бо таъсири бактерияҳо ва занбӯруғҳо бошад, моддаҳои пӯсида то CO_2 ва пайвастагиҳои маъданӣ таҷзия мешаванд[5.7саҳ.94].

Гирдгардиши карбони уқёнуси ҷаҳонӣ аз гирдгардиши дар хушкӣ ба амал омада, фарқ мекунад. Чунки ин ба хусусияти муҳит ва организмҳои дар он сукунатдошта, вобаста аст. Организмҳои уқёнусӣ, фито- ва зоопланктонҳо давраи ҳаётии кӯтоҳ ва андозаи хурд доранд, барои ҳамин гардиши карбон дар ин занҷири ғизоӣ хеле босуръат гузашта, миқдори гази карбони ҷудошуда, басо зиёд мебошад.

Ҷолиби қайд аст, ки байни уқёнус ва атмосфера ҳама вақт мубодилаи гази карбон мегузарад, ки он бо чунин нақша амалӣ мешавад:

CO_2 –и

CO_2-и об H_2CO_3 $Ca(HCO_3)_2$ $CaCO_3$ $\rightleftarrows$ $\rightleftarrows$ $\rightleftarrows$

Дар уқёнусу баҳрҳо карбон дар намуди пайвастагиҳои CO_2, H_2CO_3 ва ионҳои онҳо (ҳар сол 3 млрд. т карбон аз гирдгардиш мебарояд), захира мешавад.

Миқдори CO_2 дар атмосфера $2{,}3\cdot10^{12}$ т, дар уқёнуси ҷаҳонӣ $1{,}3\cdot10^{14}$, дар литосфера 2.10^{14} т (дар намуди пайваст) ва дар таркиби моддаҳои зиндаи биосфера $1{,}5.10^{12}$ т-ро ташкил медиҳад. Барои қисми таркибии организмҳои зиндаи биосфера шудани CO_2-и атмосфера ва гидросфера 395 сол лозим аст.

Уқёнуси ҷаҳонӣ ба туфайли захираҳои обии зиёд ва қобилияти баланди ҳалкунӣ ва хусусияти буфери худ вазифаи идоракунии гази карбони атмосфераро иҷро мекунад.

Фаъолияти инсон дар гардиши карбони рӯи Замин тағйиротҳои ҷиддие ба амал овард. Намудҳои рустанӣ, биосенозҳо ва занҷири ғизоии онҳо, хушккунӣ ва обёркунии заминҳо, илова кардани ғизои маъданҳо ва пестисидҳо ба гирдгардиши биологии карбон дар рӯи Замин таъсир мерасонанд.

Таъсири фаъолияти инсон дар гирдгардиши биологии карбону оксиген аз он давра сар шуда буд, ки миқдори зиёди сӯзишвориҳои маъданиро истифода бурда, ба атмосфера гази карбонати зиёде баргардонда мешуд, ки организмҳои фотосинтетики онҳоро миллион сол пеш аз худ карда буданд. Маҳз ин буд, ки дар солҳои охир миқдори CO_2-и атмосфера 13-18 % зиёд шудааст.

Олимон пешгӯй мекунанд, ки агар миқдори гази карбонати атмосфера ду баробар (яъне ба 0,090% баробар шавад) зиёд шавад, ин ба баландшавии ҳарорати ҳаво дар рӯи Замин 3-4°С оварда мерасонад. Баландшавии ҳарорати ҳаво қобилияти ҳалкунии газҳои уқёнусро кам карда, зиёдшавии гази карбонати атмосфера ва ҳарорати ҳаворо босуръат афзунтар мекунад. Гармшавӣ бошад, обшавии яхҳоро зиёд карда, сатҳи уқёнусро то 50-60 м. баланд мекунад, ки қисми зиёди хушкиҳои як қатор давлатҳо ва шаҳрҳои наздисоҳилӣ зери об мемонанд.

Яке аз роҳҳои кам кардани миқдори CO_2 атмосфера ин зиёд кардани майдони зироатҳои кишоварзӣ ва ҷангалзорҳо мебошад.

Оксигени молекулавӣ сарчашмаи ҳаёт барои қисми зиёди организмҳои зинда буда, яке аз элементҳои барои ҳаёт муҳим мебошад. Тамоми оксигени атмосфера ва ҷинсҳои таҳшиншуда дар ҷараёни фотосинтез ҳосил шудаанд. Миқдори оксигени молекулавие, ки дар зери таъсири нурҳои ултрабунафш аз ҳисоби вайроншавии ғайрибиологии об дар қабатҳои атмосфера ба амал меояд, миқдори ночизеро ташкил мекунанд.

Олами рустаниҳои биосфера ҳар сол дар ҷараёни фотосинтез қариб 430-470 млрд. т оксиген ҳосил мекунанд (Юсупов,1996). Дар замони ҳозира тамоми оксигени атмосфера ба воситаи моддаҳои зинда дар давоми зиёда аз 2000 сол мегузарад. Гирдгардиши пурраи об, ки сарчашмаи оксиген дар ҷараёни фотосинтез мебошад, дар биосфера тахминан барои гардиши он 2 млн. сол аст[5.7саҳ.98].

Оксиген дар таркиби пайвастагиҳои зиёди ғайриорганикӣ (об, гази карбон, карбонатҳо ва ғ.) ва органикӣ мушоҳида мешавад. Аз рӯи ҳисоби вазни тар 70%-и массаи организмҳои зиндаро оксиген ташкил медиҳад, барои ҳамин гирдгардиши оксиген хеле мураккаб мегузарад. Оксигени молекулавӣ дар ҳосилшавии қабати озонӣ, ҷараёнҳои оксиду-барқароршавӣ, оксидшавии оксиди карбон, ҷамъшавии ҷинсҳои таҳшинӣ, сулфатҳо ва ғ. нақши муҳимро ишғол мекунад.

Инсон ҳар сол қариб $1\cdot10^{10}$ т оксигени молекулавиро истеъмол мекунад. Барои нигоҳ доштани таркиби оксигени ҳаво лозим меояд, ки майдонҳои рустаниҳои сабзро васеъ карда, фаъолияти фотосинтетикӣ ва ҳосилнокии онҳоро баланд бардорем.

Нитроген ба таркиби бисёр моддаҳои органикии биологии муҳим (сафедаҳо, кислотаҳои нуклеинӣ, липопротеидҳо, ферментҳо, хлорофиллҳо ва ғ.) дохил мешавад. Новобаста аз он, ки қариб 79 %-и таркиби атмосфераро гази нитроген ташкил медиҳад, дар бисёр ҳолатҳо барои рустаниҳои олӣ (баъзан рустаниҳои талломӣ) ва олами ҳайвонот дастнорас мебошад. Рустаниҳо нитрогенро аз хок дар намуди пайвастагиҳои аммоний ва нитратҳо истифода мекунанд. Дар атмосфера $3{,}8\cdot10^{15}$ т ва уқёнуси ҷаҳонӣ бошад, $2{,}0\cdot10^{13}$ т нитроген захира шудааст.

Ҷараёни ғайрибиологии азхудкунии нитроген (ҳосилшавии оксиди нитроген, аммиак ба воситаи боришот) хеле ночиз мебошад. Нитроген асосан дар биосфера бо ёрии организмҳои хок нитроген аз худкунандаи озоди дар хок сукунат дошта ва организмҳое, ки дар ҳамзистӣ (симбиоз) бо рустаниҳои олӣ умр ба сар мебаранд, бо роҳи биологӣ аз худ карда мешавад.

Бактерияҳои азхудкунандаи нитрогенӣ дар рафти фаъолияти худ дар як сол аз 0,2 то 2,5т нитрогенро аз худ карда, 1 км^2 хокро аз он бой мегардонанд. Бактерияҳои лундашакл дар кишти рустаниҳои лӯбиёгӣ то 150-400 кг нитрогенро дар як гектар аз худ мекунанд. Солҳои охир бактерияҳои лундашакли нитроген азхудкунандаро дар таркиби гурӯҳи дигари рустаниҳо (ангат, синҷит, роздор ва ғ.) мушоҳида кардаанд.

Ба гирдгардиши нитрогени атмосфера фаъолияти коркарди саноатии инсон дар азхудкунии нитроген ҳам аҳамияти калон дорад.

Рустаниҳо нитрогенро дар намуди пайвастагиҳои нитратӣ ва аммоний низ истифода мекунанд, ки дар навбати худ бо моддаҳои нитрогенӣ ҳайвонот ва одамонро таъмин мекунанд. Баъди фавти ҳайвонот ва боқимондаи рустаниҳо дар занҷири ғизоии мураккаб аз тарафи биоредусентҳо истеъмол мешаванд. Дар оянда моддаҳои нитрогенӣ боз ба хок баргашта, ҷизои микроорганизмҳо ё ки дар маъданноккунии хок иштирок мекунанд. Ҳар сол дарёҳо ба уқёнуси ҷаҳонӣ қариб 30 млн. т нитрогенро интиқол медиҳанд.

Инсоният бояд барои баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ меҳнат ба харҷ диҳад, ки мувозинаи гирдгардиши нитрогенро дар сайёраи мо нигоҳ дошта тавонад.

Карбон, оксиген, гидроген ва нитроген элементҳое мебошанд, ки дар рафти гирдгардиши биологии пайвастагиҳои газмонанд ҳосил мешаванд. Ба ҷайр аз сулфур гирдгардиши дигар моддаҳо асосан дар намуди ионҳо ва молекулаҳои дар об ҳалшуда амалӣ мешаванд.

Фосфор аз тарафи рустаниҳо дар намуди ионҳои туршии ортофосфат (PO_4^{3-}) аз худ карда мешавад. Фосфор дар таркиби АДФ, АСФ, КДН ва КРН ва як қатор дигар пайвастагиҳои муҳими биологӣ дохил мешавад.

Гирдгардиши фосфор дар биосфера сарбаста нест. Рустаниҳои рӯизаминӣ фосфорро аз худ карда, бо занҷири ғизоӣ организмҳо дохил мекунанд. Дар охир баъди маъданкунонии пайвастагиҳои узвӣ аз тарафи биоредусентҳо боз дар намуди фосфатҳо ба хок дохил мешавад. Дар уқёнуси ҷаҳонӣ дар раванди гирдгардиши биологӣ фосфор қисман талаф меёбад. Бо туфайли он, ки фосфор аз литосфера ба гидросфера бо ёрии об интиқол меёбад, қисман ба литосфера баргаштани он бо роҳи биологӣ ба амал меояд ва чун далели он истифодабарии парандаҳо моҳиҳоро ба сифати ғизо, истифодабарии обсабзҳои бентосӣ ва орди моҳӣ ба сифати поруи маъданӣ ва ғайраҳо шуда метавонанд.

Сулфур дар таркиби кислотаҳои аминии сулфурдор (систин, систеин ва метионин) ва дигар молекулаҳои биологии муҳим мушоҳида мешавад[5.7]..

Сулфурро рустаниҳо танҳо дар шакли оксидшудаи он дар намуди ионҳои SO_4^{2-} фурӯ мебаранд. Дар рустаниҳо сулфури барқароршуда, ба таркибикислотаҳои аминӣ, дар намуди гурӯҳҳои гидрогенсулфид (-SH) ва дисулфиди (-S-S-) дохил мешавад. Олами ҳайвонот танҳо сулфури барқароршударо, ки дар таркиби моддаҳои органикианд, истифода мебаранд. Баъди фавти рустаниҳо ва ҳайвонҳо, сулфур боз аз сари нав ба хок бармегардад ва дар натиҷаи фаъолияти микроорганизмҳо ба мубаддалшавиҳо дучор мешавад. Дар шароити аэроби гурӯҳи муайяни микроорганизмҳо сулфури организмроро то сулфатҳо оксид мекунанд.

Ионҳои сулфатҳоро решаи рустанӣ фурӯ бурда, аз нав сулфур ба гирдгардиши биологӣ дохил мешавад.

Таҷзияшавии пайвастагиҳои сулфурдор дар шароитҳои анаэробӣ ба ҳосилшавии гидрогенсулфид (H_2S) оварда мерасонад. Мавҷуд будани сулфатҳо ва моддаҳои органикӣ дар муҳити беоксигенӣ, фаъолияти бактерияҳои сулфатредуксиякунандаро фаъол мекунанд ва оксигени сулфатҳоро барои оксид кардани моддаҳои органикӣ истифода мебаранд ва бо ин роҳ барои худ энергия ҳосил мекунанд.

$2CH_2O+2H+SO^-_4 H_2S+2CO_2+H_2O+$ энергия

Дар гирдгардиши сулфур аҳамияти микроорганизмҳо назаррас аст (бактерияҳои сулфурӣ, фотосинтезкунанда ва ғайраҳо).

Уқёнуси ҷаҳонӣ ҷамъкунандаи асосии сулфур мебошад, чунки ҳама вақт аз хок ионҳои сулфат ба уқёнус интиқол дода мешаванд. Як қисми он ба воситаи хушкӣ ба атмосфера бармегардад. Гидрогенсулфид ба таркиби ҳаво дохил шуда, то дуоксиди сулфур оксид мешавад. Дуоксиди сулфур дар оби боришот ҳал шуда, кислотаи сулфат ва сулфатҳоро ҳосил мекунад ва бо ҳамин роҳ сулфурро бо боришоти атмосферавӣ ба қабати хокии замин бармегардонад [4.5.7 саҳ.102].

Фаъолияти инсон гирдгардиши сулфурро дар биосфера метезонад. Одамон аз литосфера ва гидросфера миқдори зиёди сулфатҳоро барои коркарди маҳсулоти соҳаи саноат ва кишоварзӣ истифода мебаранд. Дар ҷараёни коркарди сулфур, сӯхтани ангиштсанг ва маҳсулотҳои нафтӣ ба атмосфера миқдори зиёди оксиди сулфур хориҷ мешавад. Зиёдшавии SO_2 дар атмосфера ба олами рустаниҳо ва ҳайвонот зарари ҷиддӣ расонида, ба саломатии одамон таъсири манфӣ мерасонад.

Тамоми гирдгардиши моддаҳоро дар биосфера мушоҳида кардан басо мураккаб аст. Бар замми ин баъзе зинаҳои механизми гирдгардиши моддаҳо дар биосфера то кунун пурра омӯхта нашудаанд. Кулли гирдгардишҳои моддаҳои зиндаи биосфера бо ҳам алоқаманд буда, як системаи мураккаби ягонаи биологии гирдгардиши моддаҳои рӯи заминро ташкил мекунанд. Ин гирдгардиши ягонаи биологӣ тамоми биосфераро дар бар мегирад ва дар баъзе ҳолатҳо аз ҳудуди он баромада, дар қисматҳои атмосфера ва литосфера қарор мегирад.

АДАБИЁТ

1. Абдыгаппарова С.Б., Ахметова Г. К. и др. Основы кредитной системы обучения в Казахстане. – Алматы: «Казак университеты», 2004.
2. Балакирева Э.В., Богданова Р.У. и др. Организация самостоятельной работы студентов по педагогическим дисциплинам: Учебно-методическое пособие для преподавателей высшей школы. Часть I. – СПб., 2008.
3. Воронин А.С. Самостоятельная работа студентов. Учебно-методическое пособие для студентов. – Екатеринбург, 2005.
4. Верзилин М.Н. и др. Биосфера, ее настоящее, прошлое и будущее. М., 1976.
5. Вернадский В.И. Биосфера. М., 1967.
6. Зубайдов У.З., Ҳалимов С. Тавсияҳои методӣ оид ба ташкили корҳои мустақилонаи беруназаудитории донишҷӯён. - Душанбе, 2014
7. Забиров Р.Ғ. ва диг. Микробиология. Душанбе. 2008, 235с
8. Рубочкин В..А. Методические рекомендации по самостоятельной работе студентов. – М., 1998.
9. Усова А.А., Вологодская З.А. Самостоятельная работа учащихся по физике в средней школы. – М.: «Просвещение», 1981.
10. Сангинов Н.С., Салимов Н.С. Кредитная система образования «Ирфон», Душанбе, 2005, 200с.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ СТУДЕНТОВ НА УРОКАХ БИОЛОГИИ И ЕЕ РЕЗУЛЬТАТЫ

Самостоятельная работа студента (СДС), предусмотренная для самостоятельного изучения материала, не входит в нагрузку преподавателя. Самостоятельная работа студента по программе, в которой предусмотрены темы для самостоятельного изучения, обеспечивается необходимой учебно-методической литературой и пособиями. Контроль за ее выполнением осуществляется преподавателем в виде тестов, анкет, коллоквиумов, рефератов, рефератов и отчетов, которые суммируются в зависимости от уровня знаний обучающегося.

Поэтому в процессе обучения по кредитной системе обучения основной упор делается на самостоятельную работу обучающихся (СДС), и только правильное и эффективное проведение семинаров и самостоятельное обучение повысит уровень усвоения учебных материалов.

Целью самостоятельной работы студентов является систематизация и закрепление теоретических знаний и практических навыков, развитие навыков работы с юридической, научной, учебной, методической и специальной литературой, развитие духовных и познавательных способностей, активности, творчества, ответственности, самостоятельности, самостоятельности. уметь мыслить независимо, развивать и применять на практике свои способности, улучшать свои навыки, развивать исследовательские навыки и так далее.

При самостоятельной работе необходимо соблюдение требований учебного плана, содержания самостоятельной работы, возможности самостоятельной работы студентом, принципа сознательной самостоятельной работы и систематической организации самостоятельной работы.

Каждый преподаватель, используя различные подходы, должен стремиться к повышению качества и результативности самостоятельной работы учащихся (ДСС) для достижения значительных успехов в кредитной системе обучения.

Одним из способов повышения качества самостоятельного обучения в кредитной системе обучения является наличие учебных комплексов, в том числе учебных пособий и учебников.

Ключевые слова: *самостоятельная работа, кредит, кредитная система обучения, преподаватель, студенты, самостоятельная работа студентов, самостоятельная работа студента с руководством преподавателя.*

THE USE OF STUDENTS» INDEPENDENT WORK IN BIOLOGY LESSONS AND ITS RESULTS

Student independent work (SDS) is provided for independent study of the material, does not include the teacher's workload. Independent student work in the program, which provides topics for independent study, provides the necessary educational and methodological literature and manuals. Control over its implementation is carried out by the teacher in the form of tests, questionnaires, colloquia, essays, abstracts and reports, which are summed up depending on the level of knowledge of the student.

Therefore, in the process of training on the credit system of education, the main emphasis is on the independent work of students (SDS), and only the correct and effective conduct of seminars and self-study will increase the level of mastering of educational materials.

The goal of students» independent work is to systematize and consolidate theoretical knowledge and practical skills, develop skills in working with legal, scientific, educational, methodological and special literature, develop spiritual and cognitive abilities, activity, creativity, responsibility, independence, independence. be able to think independently, develop and put into practice their abilities, improve their skills, develop research skills and so on.

In case of independent work, it is necessary to comply with the requirements of the curriculum, the content of independent work, the possibility of independent work by the student, the principle of conscious independent work and the systematic organization of independent work.

Each teacher, using different approaches, should strive to improve the quality and effectiveness of student independent work (DSS) in order to achieve significant success in the credit education system.

One of the ways to improve the quality of self-study in the credit education system is the availability of educational complexes, including teaching aids and textbooks.

Key words: *Independent work, credit, credit system of education, teacher, students, independent work of students, and independent work of a student with the guidance of a teacher.*

Сведениеяоб авторе:

Баротзода Камолиддин Ашур *– доцент Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (+992) 934050446.*

About the author:

Barotzoda Kamoliddin Ashur *– Associate Professor of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel: (+992) 934050446.*

УДК 546.07.07

ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ТАДҚИҚОТИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ХИМИЯИ СИНФИ 8-УМИ МАКТАБИ МИЁНА

Ахмедова З.С., Алимов С.Ш., Алимова М.А.

Муассисаи таълимии давлатии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғ. Ғафуров»

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2012 «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2012, №334) - ро ба таъб расонид, ки тибқи он мазмуни таҳсилот дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим таҳия гардида, гузариши он давра ба давра то соли таҳсили 2019-2020 дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар амалӣ гардид. Мақсади асосии гузариш ба таълими босалоҳият, ташаккули шахсият, мутобиқ гардидан ба шароити нав, рушди худташаккулдиҳӣ, худомӯзӣ, мустақилият, ташаккули маҳорати паси сар намудани мушкилот, маҳорати баромадан аз вазъиятҳои маъмулӣ ва ғайримаъмулӣ ва дигар омилҳо арзёбӣ мегардад, ки муҳтавои он рушди шахсияти комил маҳсуб меёбад.

Дар шароити имрӯза дар сиёсати миллии соҳаи маориф ва таълим тағйиротҳои куллӣ дида мешавад. Гузаштан ба раванди муносибати босалоҳият дар таълим ва ташаккули заминаҳои меъёрию ҳуқуқии мамлакат дар раванди инноватсионӣ, ихтироот, таъсис ва баланд бардоштани сатҳи технологӣ аз ҷумлаи ислоҳотест, ки мо дар ҷараёни он қарор дорем. Ташаккули салоҳиятҳо ҳамчун натиҷаи таълим шинохта шуда, дар раванди таълим ҳар як фан рушд меёбад. Бинобар ин, дар тамоили салоҳиятнокӣ ҳар фанни таълимӣ барои ташаккул ва инкишофи гурӯҳи муайяни салоҳиятҳои хоси худ равона шудааст.

Муносибати салоҳиятнок дар таълими фанҳо ба ҳукми анъана даромадааст. Аммо муаммои асоси дар таълими фанҳои таълими дар он аст, ки омӯзгорони фанни химия муносибати салоҳиятнокро дар доираи ин фанҳо чӣ гуна бояд ба роҳ монанд [1,с. 132-134 ;2, с. 167-168].

Раванди таълим дар асоси дониш, малака ва маҳорати базавӣ (асосӣ)-и хонанда ба роҳ монда шуда, бояд талаботи маърифатии ӯро қонеъ намояд. Қобилияти хонандагон дар иҷрои фаъолиятҳои таълимӣ ва дар заминаи он такмил додани малакаву маҳорати онҳо бояд ба эътибор гирифта шавад. Ҳар як хонанда ба дарс бо дараҷаҳои гуногуни салоҳият меояд. Аз ин лиҳоз, омӯзгор бояд қобилияти муайян кардани сатҳи салоҳиятнокии хонандаро дошта бошад. Омӯзгор барои ташаккули натиҷаҳои таълимии ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ низ масъул мебошад [3, с. 67-68].

Самаранокии усули салоҳиятнокии хонандагон дар баланд бардоштани сатҳи таълим ба омилҳои хусусияти объективӣ дошта вобастагии зиёд дорад.

Дар иртибот ба ин таълим ҳамеша самаранок мегардад, агар хонандагон:

- дар заминаи дониш ва малакаи базавиашон таълим гиранд;
- мақсаду вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк кунанд ва онҳоро иҷро карда тавонанд;
-раванди азхудкунии маводи таълим барои онҳо шавқовар ва ҷолиб бошад;
-барои азхудкунии маводи нави таълим ё малакаи ба хонандагон имконияти мувофиқ машқ кардан дода шавад;
-ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъул бошанд;
-омӯзгорон усулҳои гуногуни таълимро ба мақсади таълим ва мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;

-ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ дода шавад;

-раванди таълим ба «чӣ тавр фикр кардан» равона гардад, на ба «оид ба чӣ фикр кардан»;

-хама оид ба ҷиҳатҳои суст ва қавии донишу малакаашонро дошта бошанд;

-нокомӣ дар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад.

Таълими босалоҳият шакли махсуси ташаккули маърифатии хонанда буда, фаъолият, усули донистан, ки дар шакли фаъолияти муштарак, дар байни омӯзгор ва хонандагон вуҷуд дорад, дар бар мегирад. Хонандагон байни ҳамдигар муносибат намуда, маълумот, ҳамкорӣ барои ҳалли мушкилот, ҳолатҳои стимулятсионӣ ва рафтори худро дар фазои воқеии тиҷоратӣ фаро гирифта, амалҳоро якҷоя арзёбӣ мекунанд [4, с. 78; 5, с.164-168].

Дар робита ба гуфтаҳои болозикр метавон худи мафҳуми салоҳиятро бо шеваҳои мухталиф таъриф намуд.

Салоҳият - қобилияти истифодаи дониш, малака, сифатҳои шахсӣ ва таҷрибаи амалӣ барои фаъолияти бомуваффақият дар минтақаи мушаххас ба ҳисоб меравад.

Салоҳият маҷмӯи сифатҳои ба ҳам алоқаманд (дониш, қобилиятҳо, малакаҳо, роҳҳои фаъолият), ки нисбат ба муайян муқаррар карда шудаанд доираи ашё ва равандҳо ва барои самаранокии баландсифат заруранд фаъолият нисбат ба онҳо дар бар мегирад.

Салоҳият - маҷмӯи динамикии дониш, қобилият, малака, арзишҳое, ки барои фаъолияти самарабахши касбӣ ва иҷтимоӣ заруранд ва барои рушди шахсии хатмкунандагон, ки онҳо вазифадоранд, ки онро азхуд намоянд ва пас аз ба итмом расонидани як қисм ё тамоми барномаи таълимӣ дониши азхуд намудаашонро нишон дода тавонад.

Салоҳият ин маҷмӯи дониш ва малакаи касбӣ мебошад, ки роҳҳои иҷрои фаъолияти касбӣ, доштани баъзе аз салоҳиятро доро мебошад.

Усули салоҳиятнок дар ташкили раванди таълим аз муаллим талаб мекунад, ки раванди таълимро тағйир диҳад: сохтори он, шаклҳои ташкили фаъолият, принсипҳои ҳамкории субъектҳо. Ва ин маънои онро дорад, ки дар кори муаллим афзалият ба усулҳои муколамаи муошират, ҷустуҷӯҳои муштараки ҳақиқат ва фаъолияти гуногуни эҷодӣ дода мешавад.

Ҳамаи ин тавассути истифодаи усулҳои босалоҳияти таълим амалӣ мегардад. Раванди таълим бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки тақрибан ҳамаи хонандагон ба раванди таълим ҷалб гарданд, онҳо имконият доранд, ки чизҳои донисташуда ва фикрҳои худро фаҳманд ва инъикос кунанд.

Усулҳои босалоҳият метавонад дар навбати худ хусусиятҳои хоси худро дошта бошад. Хусусияти усулҳои босалоҳият сатҳи баланди фаъолияти ба ҳамдигар нигаронидашудаи субъектҳои ҳамкорӣ, ягонагии эмотсионалӣ ва маънавии иштирокчиён маҳсуб мебошад. Дар таълими босалоҳият дар муқоиса бо шаклҳои анъанавии таълим, ҳамкории муаллим ва хонанда тағйир меёбад: фаъолияти муаллим метавонад фаъолияти хонандагонро ҷойгузин намояд ва вазифаи муаллим дар ин сурат фароҳам овардани шароит барои ташаббуси онҳост. Дар ҷараёни таълими босалоҳият тафаккури танқидӣ, ҳалли мушкилоти мураккабро дар асоси таҳлили ҳолатҳо ва маълумоти мувофиқ, тарозуи андешаҳои алтернативӣ, қарорҳои мулоҳизакорона, иштирок дар мубоҳисаҳо, муошират бо одамони дигарро меомӯзанд. Барои ин дар синф корҳои ҷуфтӣ ва гурӯҳӣ ташкил карда мешаванд, лоиҳаҳои тадқиқотӣ, бозиҳои нақшофарӣ истифода мешаванд, кор бо ҳуҷҷатҳо ва манбаъҳои гуногуни иттилоот, корҳои эҷодӣ истифода мешавад. Хонандагон иштирокчии комилҳуқуқи раванди таълим мегардад, таҷрибаи ӯ манбаи асосии дониши тарбиявӣ мебошад. Муаллим дониши тайёр намедиҳад, балки иштирокчиёнро ба мустақилона ҷустуҷӯ кардан ташвиқот мекунад ва дар кори худ ҳамчун ёрдамчӣ баромад мекунад [6, с. 112; 7, с. 64-66].

Усули босалоҳият анвоъ ва ашколи мухталифи хешро метавонад дар раванди таълими салоҳиятнок вобаста ба шароити раванди таълим зоҳир намояд. Дар иртибот ба ин шаклҳои босалоҳияти гузаронидани дарсҳо метавонанд дар хонандагон имкониятҳои зеринро фароҳам созанд:

• шавқи хонандагонро бедор мекунад;
• ташвиқи иштироки фаъолонаи хонандагон дар раванди таълим;
• ба ҳиссиёти ҳар як омӯзанда муроҷиат кунед;
• ба азхудкунии самараноки маводи таълимӣ мусоидат намояд;
• ба хонандагон таъсири гуногунҷабҳа доранд;
• пешниҳоди алоқа (посухи шунавандагон);
• андеша ва муносибати хонандагонро ташаккул диҳад;
• ташаккул додани малакаҳои зиндагӣ;
• таблиғи тағир додани рафтор.

Ба ҳамин тартиб бо дарназардошти гуфтаҳои болозикр намунаи дарси босалоҳиятро барои хонандагони синфи 8-ум дар мавзӯи «Кислотаҳо» мавриди таҳқиқ қарор медиҳем [8, с. 108-112].

1. Кислотаҳо-1 соат

➢ мафҳумҳои тавсифдиҳандаи «Кислотаҳо»-ро шарҳ диҳанд;
➢ ҳангоми шарҳи кислотаҳо мафҳумҳои мувофиқро истифода карда тавонанд;
➢ бо истифодаи мафҳумҳои тавсифдиҳандаи «кислотаҳо» навъҳои гуногуни масъалаҳои химиявиро ҳал кунанд;
➢ принсипи амали асбобҳоро шарҳ дода, баъзеи онҳоро истифода карда тавонанд;
➢ озмоиш гузаронида тавонанд.
✓ мафҳуми кислотаро ҳамчун як моддаҳои мураккаб шарҳ диҳанд;
✓ формула ва валентнокии кислотаҳоро тавсиф дода тавонанд ;
✓ хосияти физикавии кислотаҳоро дониста ба қоидаи техникаи бехатарӣ риоя карда тавонанд.
✓ хосияти химиявии кислотаҳоро дониста, муодилаи реаксияҳои химиявиро тартиб дода тавонанд;
✓ роҳҳои истеҳсоли кислотаро дар лаборатория ва саноат дониста, онро дар кадом соҳаҳои хоҷагии халқ истифода бурда мешавад бояд донанд

6. Санҷиши дониш (пурсиши вазифаи хонагӣ). Саволу ҷавоб тавассути блитс-пурсиш (пурсиши кӯтоҳи интихобӣ):

- Ҳаҷми молярӣ чист?
- Кадом шароитро шароити мӯътадил меноманд?
- Массаи молярии газ чист?

***2.* Моддаҳои мураккабе, ки аз як ё якчанд атоми гидроген ва боқимондаи кислотагӣ иборат буда, атомҳои гидрогени онҳо қобилияти бо металл ивазшавиро доранд, кислота номида мешаванд.**

I. Масъалагузорӣ. Бо мақсади хотиррасон кардани донишҳои пешинаи хонандагон ва ба вуҷуд овардани вазъияти ҷустуҷӯи дар синф ба хонандагон бо саволҳои зерин муроҷиат кардан тавсия дода мешавад.

1. Кислота чист?
2. Мафҳуми индикаторро шарҳ диҳед.
3. Қатори электрохимиявии шиддати металлҳоро кадом олим муайян кардааст?
4. Моҳияти қатори электрохимиявии шиддати металлҳоро шарҳ диҳед.

II. Проблемагузорӣ. Ба хонандагон проблемаро гузошта, натиҷаи онро бо блитс-пурсиш (пурсиши кӯтоҳи интихобӣ) ҷамъбаст кардан, тавсия карда мешавад.

Ба чор пробирка каме маҳлули кислотаи хлорид мерезем. Ба пробиркаи якум каме магний, ба дуюмаш каме рух, ба сеюмаш каме оҳан ва ба чорумаш каме мис меандозем. ***Чӣ ҳодиса рӯй медиҳад?***

IV. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ. Лексияи хурд. Хонандагонро ба тариқи сӯҳбат бо мазмуни маълумот оид ба кислотаҳо шинос кардан, тавсия дода мешавад.

Дар ҷараёни суҳбат омӯзгор саволҳои таъсири кислота бо металлҳоро муҳокима карда, таҷрибаҳоро доир ба таъсири кислота бо металлҳоро мисол меорад. Сипас, таҷрибаҳо, инчунин ҷадвали 6 аз китоби химияи мактаби миёна тасвирёфтаро шарҳ медиҳад.

Ба ҳамин тартиб дар қадами баъди барои шиносоии мафҳуми кислота ва хосиятҳои онҳо таърифоти кислотаҳоро ба хонандагон дар миён гузошта, хонандагонро ба муҳокимаронӣҳо водор месозанд.

Моддаҳои мураккабе, ки аз як ё якчанд атоми гидроген ва боқимондаи кислотагӣ иборат буда, атомҳои гидрогени онҳо қобилияти бо металл ивазшавиро доранд, кислота номида мешаванд.

Баъдан тавассути муҳокимаронӣҳо хонандагонро ба хулосае меоранд, ки оиди муодилаҳоӣ химиявӣ, бетағйир мондани боқимондаи кислотагӣ дар муодилаҳои химиявӣ ва аз як пайвастагӣ ба дигараш бетағйир гузаштани боқимондаи кислотагиро, валенти боқимондаи кислотагӣ ба адади атомҳои гидроген баробар буданро хулосабарорӣ намоянд.

Ҷанбаи дигари проблемагузорӣ ин хусусияти умумии бештар хоси маҳлулҳои обии кислотаҳо маҳсуб меёбад. Аз ин лиҳоз дар қадами аввал бояд:

Таъсири кислотаҳо ба маҳлулҳои индикаторҳо (аз калимаи лотини Indicator - нишондиҳанда)-ро бояд хонандагон ба таври озод амалан мушоҳида намоянд.

Дар қадами дуввум моҳияти индикаторҳоро дар зеҳни хонандагон эҳё намоянд.

Моддаҳое, ки таҳти таъсири маҳлули кислотаҳо ва ишқорҳо ранги худро тағйир медиҳанд, индикаторҳо ном доранд.

Дар қадами дуввум хусусиятҳои хоси воситаҳои муайянкунандаи муҳити маҳлулҳоро бояд дар зеҳни хонандагон инъикос намуд. Ба онҳо бояд фаҳмонд, ки лакмус, метилоранҷ, фенофталеин ва баъзе дигар моддаҳо таалуқ доранд ё маҳлули кислотаҳо лакмусро сурх, метилоранҷро гулобӣ ва фенофталеинро беранг мегардонанд ва ғайраҳоро.

2. Ҷанбаи дигари масъалагузорӣ ин омӯзиши хусусияти хоси кислотаҳо, таъсири мутақобилаи онҳо бо металлҳо мебошад. Барои муайян кардани он ки кислотаҳо ба металлҳои мухталиф чӣ гуна таъсир мекунанд, таҷриба мегузаронанд.

Ҳангоми ба 8 г омехтаи хокаи хром ва нуқра таъсир намудани маҳлули кислотаи хлорид, намаки хлориди хром ва 0,15 мол ҳидроген хориҷ шуд. Ҳиссаи массаи нуқраро ба ҳисоби фоиз дар омехта муайян кунед.

Ҷавоби хонандагонро доир ба супориши боло муҳокима карда, хулосаи дуруст баровардан тарзи самарабахши ташаккул додани мафҳуми кислота мебошад.

Дар дарси оянда тайёр намудани мавзӯи «Намакҳо, таркиб, хосият ва хелҳои он»

Арзёбӣ. Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Хулоса. Бояд гӯем, ки низоми таълими босалоҳият алакай дар бисёр давлатҳо амалӣ карда шудааст ва натиҷаҳои назаррас ҳам ба даст омадааст. Танҳо истифодаи дурусти роҳу равишҳои он ва ба хонандогон возеҳ фаҳмонидани талаботи таълими босалоҳият имконияти самараи хуб гирифтанро ба вуҷуд меорад. Яке аз воситаҳои асосӣ дар ин ҷода усулҳои муосири таълимро дар асоси низоми босалоҳият истифода бурдан аст, ки боиси шавқовартар гузаштани дарс мегардад. Истифода бурдани воситаҳои аудиоию видеоӣ, гузаронидани таҷрибаҳои шавқовар дар дарси химия диққати хонандагонро бештар ҷалб месозад ва хонандагон кӯшиш менамояд, ки ҳар як маводҳои барои дарс заруриро аз худ намояд.

Мо, омӯзгоронро лозим аст, ки аз низом дуруст истифода барем ва шаклҳои таълими онро дар ҷараёни дарсҳо татбиқ намоем. Бахусус, омӯзгорони фанҳои дақиқро мебояд, ки хонандагонро бештар озод гузоранд, то малакаву маҳораташонро тавонанд дар дарс нишон диҳанд.

АДАБИЁТ

1. Махмутов М.И. Проблемное обучение. Основные вопросы теории. - М.: Педагогика, 1995. - 230 с.
2. Бабанский Ю.К. Проблемное обучение как средство повышения эффективности учения школьников. - Ростов-на-Дону,1970. - 300 с.
3. Брушлинский А.В. Психология мышления и проблемное обучение. - М.: «Знание», 1983. - 96 с.
4. Лернер И.Я. Проблемное обучение. - М.: «Знание», 1974. - 64 с.
5. Максимова В.Н. Проблемный подход к обучению в школе: Методическое пособие по спецкурсу. - Л., 1973. - 234 с.
6. Махмутов М.И. Организация проблемного обучения в школе. Книга для учителей. - М.: «Просвещение», 1977. - 240 с.
7. Оконь В. Основы проблемного обучения / Пер. с польск. - М.: «Просвещение», 1968. - 208 с.
8. У. Зубайдов, Ҳ. Иброҳимов, А., Тошев, А.Азизов, Ҳакимхоҷаев С., Иброҳимов Ҳ. ва дигарон. Китоби дарси барои синфи 8. Химия, Душанбе, «Маориф» 2015, 263.с.

ФОРМИРОВАНИЕ НАУЧНО-ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ УЧЕНИКОВ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЕ ХИМИИ В 8-ЫХ КЛАССАХ СРЕДНЫХ ШКОЛ

В статье обобщена полезная информация для студентов и молодых преподавателей о преподавании химии в средней школе. В статье показано использование метод компетенции обучения в 8-ом классе и эффективность этого метода. Выяснилось, что правильное использование этого метода и четкое разъяснение требований компетентность обучения учащимся позволяет добиться хороших результатов. Было показано, что одним из основных средств обучения в этой области являются современные методы, основанные на эффективном использовании грамотной системы, делающей урок более интересным.

Использование аудио- и видеоаппаратуры, интересные эксперименты на уроках химии привлекают внимание учеников и мотивируют их усвоить все необходимые материалы для урока.

Ключевые слова: *метод компетений, компетентные формы, решение задач, кислоты, индикатор, фенолфталеин, электрохимический ряд напряжений.*

THE FORMATION OF RESEARCH COMPETENCE OF STUDENTS IN THE PROCESS OF LEARNING CHEMISTRY IN THE 8th GRADE OF SECONDARY SCHOOLS

The article shows the use of competent teaching methods in grade 8 and the effectiveness of this method. It turned out that the correct use of the methodology of this method and a clear explanation of the requirements of competent teaching students can achieve good results. It has been shown that one of the main tools in this area is modern teaching methods based on the effective use of a competent system that makes the lesson more interesting. The use of audio and video equipment, interesting experiments in chemistry lessons attract the attention of students and motivate them to learn all the necessary materials of the lesson.

Key words: *method of competencies, competent forms, problem solving, acids, indicator, phenolphthalein, electrochemical series of stresses.*

Сведение об авторах:

Ахмедова Замира Сангинбаевна *- Государственное образовательное учреждение «Худжандский государственный университет имени Бобаджана Гафурова», доцент кафедры общей химии и методики её преподавания. E-mail: amirjon-73@mail.ru, Телефон: +992 927614459.*

Алимов Сироҷиддин Шералиевич *- Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни, доцент кафедры методики преподавания химии. Телефон: +992 900011216*

Алимова Мохира Абдухакимовна *- Государственное образовательное учреждение «Худжандский государственный университет имени Бобаджона Гафурова», преподаватель кафедры общей химии и методики её преподавания. Телефон: +992 92 7016016.*

About the authors:

Akhmedova Zamira Sanginbaevna *- Associate Professor of the Department of General Chemistry and its Teaching, State Educational Institution «Khujand State University named after B. Gafurov» .E-mail: amirjon-73@mail.ru, Tel. +992 927614459.*

Alimov Sirogiddin Sheralievich *- Associate Professor of the Department of Methods of Teaching Chemistry, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini. Phone: +992 900011216*

Alimova Mohira Abdukhakimovna *- Teacher of the Department of General Chemistry and its Teaching, State Educational Institution «Khujand State University named after B. Gafurov». Tel: +992 927016016.*

ТДУ 372.854+372.857

ИСТИФОДАИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ХИМИЯВӢ ДАР ДАРСҲОИ БИОЛОГИЯ

Баротзода К.А.

Донишгоҳи давлатии омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Робитаи байнифаннӣ дар таълими биология, яке аз қисмҳои асосии таълиму тарбия буда, он дар пешравии омӯзиши фанни мазкур аҳамияти калон дорад. Муаллими биология дар рафти машғулиятҳои дарсӣ бояд ба робитаи байнифаннӣ диққати махсус дода, дониши донишҷӯёнро ба ҳисоб гирад. Бо ёрии робитаи байнифаннӣ муаллими биология дар ҳамкорӣ бо омӯзгорони дигар метавонад дар баланд бардоштани таълиму тарбия ҳиссаи сазовори худро гузорад. Робитаи байнифаннӣ дар таълими биология, он вақт амалӣ гардонида мешавад, ки агар муаллими дарсдиҳанда оид ба робитаи байнифаннӣ маълумоти пурра дошта бошад.

Робитаи биологияро бо химия зимни омӯзиши нақши биологии элементҳои химиявӣ, таъсири биологии моддаҳо, инчунин робитаи зичи моддаҳои органикӣ бо объектҳои биологӣ, табиат, истифодаи ҳалли масъалаҳои химиявӣ дар дарсҳои биология, муҳофизати муҳити зист ва ғайраҳо ба роҳ мондан қулай аст [1.2].

Зимни омӯзиши мавзӯи «Мубодилаи моддаҳо ва табдили энергия дар ҳуҷайра» ба донишҷӯён оид ба марҳалаҳои мубодилаи моддаҳо ва табдили энергия дар ҳуҷайра маълумот дода, сипас бо истифодаи ҳалли масъалаҳои химиявӣ мавзӯъ пурра ва амалӣ омӯзонида мешавад.

Ба донишҷӯён қайд намудан лозим аст, ки раванде, ки муқобили синтез аст, катаболизм-маҷмӯи реаксияҳои таҷзия мебошад. Зимни таҷзия шудани пайвастгиҳои калонмолекула энергия хориҷ мешавад, ки барои синтези биологӣ зарур аст. Энергияе, ки зимни таҷзия шудани моддаҳои органикӣ ҷудо мешавад, пай дар пай аз тарафи ҳуҷайра истифода бурда шуда, он дар намуди пайвастагии баландэнергия-АТФ (аденозинтрифосфат) захира мешавад. Синтези АТФ дар митохондрия ба амал меояд. Аз рӯи табиати химиявӣ АТФ ба мононуклеотидҳо тааллуқ дорад ва аз асоси нитрогении аденин, карбогидратҳои рибоза ва се боқимондаи кислотаи фосфат иборат мебошад [9 саҳ 304-305.10].

Молекулаи АТФ ноустувор буда, зери фишори ферментҳои махсус ба осонӣ гидролиз шуда, пайдарпай то АДФ (аденозиндифосфат), АМФ (аденозинмонофосфат) ва ҷузъҳои сохторӣ таҷзия мешаванд, ки чунин навишта мешавад:

АТФ+H_2O АДФ + H_3PO_4+40кҶ

АДФ+H_2O АМФ+H_3PO_4+40кҶ

АМФ+H_2O Аденин+рибоза+H_3PO_4+Q_3

Аз ҳисоби кандашавии ҳар як аз ду банди макроэнергӣ тақрибан 30,6 кҶ| энергия (Q_1 ва Q_2) ҳосил мешавад. Таҷзияи охири фосфатии АТФ ба ҷои 12 кҶ, ки ҳангоми кандашавии банди оддии химиявӣ ҷудо мешавад, ба хориҷшавии 40 кҶ мегузарад. Энергияи хориҷшавандаи гидролизи АТФ барои ба охир расонидани тамоми намудҳои фаъолияти организм истифода мешавад, вале миқдори

зиёди энергия барои синтези маводҳои биологӣ сарф мешавад. АТФ сарчашмаи ҳаматарафаи таъмини нерӯи ҳуҷайра ҳисоб меёбад.

Қайд намуд, ки мубодилаи моддаҳоро ба се марҳила ҷудо мекунанд.

Марҳилаи аввал-тайёрӣ буда, аз таҷзиякунии ферментии моддаҳои органикии мураккаб ба моддаҳои нисбатан содда, яъне сафедаҳо ба аминокислотаҳо, чарбҳо ба глитсерин ва кислотаҳои чарбӣ, полисахаридхо ба моносаҳаридхо, кислотаҳои нуклеинӣ ба нуклеотидҳо иборат аст. Ин марҳила дар системаи ҳозима гузашта, миқдори энергия кам хорич шуда, дар намуди гармӣ пароканда мешавад.

Марҳилаи дуюм – марҳалаи беоксигенӣ ё турршшавии нопурра буда, бевосита дар ситоплазмаи ҳуҷайра амалӣ мешавад. Сарчашмаи асосии энергия дар ҳуҷайра глюкоза ба шумор рафта, таҷзияи нопурраи беоксигении глюкозаро гликолиз меноманд. Дар натиҷаи гликолиз молекулаҳои шаш оксигенаи глюкозаҳо ба ду молекулаи кислотаи пироангурӣ (Сз) тақсим мешавад. Дар ин маврид аз ҳар молекулаи глюкоза чор атоми гидроген ҷудо шуда ду молекулаи АТФ ҳосил мешавад. Атомҳои гидроген ба интиқолдиҳандаи НАД (никотинамидадениндинуклеотид), ки ба барқароркунии намуди худ НАДН+Н+ (НАД хеле бо НАДФ монанд аст, яъне бо интиқолдиҳандаи атомҳои гидроген ҳангоми фотосинтез) мегузарад, пайваст мешавад.Зимни беоксиген таҷзия шудани глюкоза дар молекулаи АТФ ба намуди банди химиявӣ 40%; энергия нигоҳ дошта шуда, боқимондааш ба намуди гармӣ пароканда мешавад. Натиҷаи ояндаи моддаҳои гликолиз- пируват ва гидроген дар намуди НАДН - метавонад гуногун бошад. Дар хамиртуруш ё дар ҳуҷайраҳои рустани хангоми норасоии оксиген турршшавии спиртӣ ба амал омада, ПВК то спирти этил барқарор мегардад.

$CH_3COCOOH \rightarrow CO_2+CH_3COH$

ПВК Алдегиди атсетат

$CH_3COH+НАД^{x}H \rightarrow C_2H_5OH+НАД^{+}$

Алдегиди Спирти

атсетат этил

Дар ҳуҷайраҳои ҳайвонот ва одам зимни иҷроиши машқҳои ҷисмонӣ норасоии оксиген эҳсос мешавад. Дар баъзе ҳайвонот турршшавии бактерияхои ширтурӯшкунанда ба амал омада, ПВК то кислотаи шир баркарор мешавад.

$CH_3COCOOH+2НАДН \rightarrow C_3H_6O_3+2НАД$+Марҳалаи сеюм-марҳилаи нафаскашии аэробӣ ё таҷзияи оксигенӣ мебошад. Ин марҳила дар митохондрия мегузарад ва иштироки оксиген ҳатмист.

Муодилаи умумии реаксияи нафаскашии аэробиро бо тариқи зайл навиштан мумкин аст:$C_6H_{12}O_6+6O_2+38H_3PO_4+38АДФ=6CO_2+44H_2O+38АТФ$

Масъалаи 1. Дар ҷараёни диссимилятсия 7 мол глюкоза таҷзия шуд, ки аз ин 2 мол глюкоза пурра ба таври оксигенӣ таҷзия шуд. Ҳисоб намоед, ки дар ин ҷараён чанд мол кислотаи шир ва чанд мол дуоксиди карбон ҳосил шудааст? А) Чанд мол АТФ дар ин вақт синтез мешавад? Б)Чанд мол оксиген барои оксидшавии глюкоза сарф мешавад? [1.4.8саҳ 41].

$C_6H_{12}O_6+2H_3PO_4+2АДФ=2C_3H_6O_3+2АТФ+2H_2O$

$X=\frac{5\cdot 2}{1}=10$ мол (кислотаи шир)

Аз рӯи муодилаи реаксияи пурраи таҷзияи глюкоза (2мол) миқдори CO_2-ро меёбем.

2мол х мол

$C_6H_{12}O_6+6O_2+38H_3PO_4+38АДФ=6CO_2+38АТФ+44H_2O$

1мол (С

$X=\frac{6\cdot 2}{1}=12$мол (CO_2)

Мувофиқи муодила ҳангоми таҷзияи пурра 2 мол АТФ ва таҷзияи пурра 38 мол АТФ ҳосил мешавад.

Аз муодилаи якум ва дуюм истифода бурда, миқдори АТФ-ро барои 7 мол (5+2) ($C_6H_{12}O_6$) глюкоза меёбем.

$5\cdot 2+2\cdot 38=86$ мол АТФ

Миқдори АТФ барои таҷзияшавии 5 мол глюкоза ба роҳи нопурра ва 2 мол глюкоза ба роҳи пурра ё оксигенӣ ба 86 мол баробар аст.

Маълум аст,ки ҳангоми таҷзияи 1 мол АТФ 40 КҶ энергия хорич мешавад. Аз рӯи таносуб, миқдори энергия барои 86 мол АТФ чунин мешавад:

1 мол АТФ----------40 КҶ

86 мол АТФ $X=\frac{86\cdot 40}{1}=3440$ КҶ

Аз рӯи муодила миқдори оксигенро меёбем.

2мол хмол

$C_6H_{12}O_6+60_2+38H_3PO_4+38АТФ = 6CO_2+38АТФ+44H_2O$
1 мол (
$X = \frac{6 \cdot 2}{1} =$ 12 мол (O_2)

Масъалаи 2. Зимни диссимилятсия дар ҳучайра 5мол кислотаи шир ва 27 мол CO_2 ҳосил шуд. Ҳисоб кунед, ки чанд мол глюкоза ба роҳи пурра ва чанд мол ба роҳи нопурра таҷзия шудааст? Б) Дар ин ҳол чӣ қадар АТФ ҳосил мешавад? В) Чанд мол оксиген сарф мешавад? [1.8 саҳ. 43].

Ҳалли масъала

Аз рӯи муодилаи реаксия миқдори глюкозаро меёбем:
Хмол 5мол
$1.C_6H_{12}O_6+2H_3PO_4+2АДФ = 2C_3H_6O_3+ 2АТФ + 2H_2O$
1 мол(глюкоза) -------
$X = \frac{1 \cdot 5}{2} =$ 2,5 мол (глюкоза)
Х мол 27 мол
$C_6H_{12}O_6+6O_2+38H_3PO_4+38АДФ = 6CO_2+38АТФ+44H_2O$
1 мол (г
$X = \frac{1 \cdot 27}{6} =$ 4,5 мол (глюкоза)

Аз рӯи муодилаи якум ва дуюм истифода бурда, суммаи глюкозаро меёбем:
2,5 мол+4,5 мол= 7 мол глюкоза

Аз натиҷаи муодилаи якум ва дуюм истифода бурда, миқдори марҳилаи таҷзияшавии нопурра ва 4,5 мол глюкозаи марҳилаи таҷзияшавии пурраро ҳисоб мекунем.
2,5 · 2 + 4,5 · 38= 176 мол АТФ

Сипас, аз рӯи муодилаи дуюм миқдори оксигенро меёбем:
1 мол (глюкоза) ---------- 6 мол (O_2)
4,5 м
$X = \frac{4,5 \cdot 6}{1} =$ 27 мол (оксиген)

Ҷавоб. Барои дар ҳучайраи ҳосилшавии 5 мол кислотаи шир ва 27 мол CO_2 ҳангоми диссимилятсия 7 мол глюкоза сарф шуда, 176 мол энергия ба шакли АТФ ҷамъ мешавад ва 27 мол оксиген хорич мешавад.

Масъалаи 3. Организми инсон барои пурра таҷзияшавии 250г глюкоза, чӣ қадар оксиген (дар ш.о.) истифода мебарад ва миқдори CO_2-и хорич шуда ба чӣ қадар (дар ш.о.) мерасад? [1.8саҳ. 43].

Муодилаи реаксияро навишта, онро ҳисоб менамоем:
250 Хл
$C_6H_{12}O_6+6O_2+38АДФ+38H_3PO_4 = 6CO_2+38АТФ+44H_2O$
180 (глюкоза) --
$X = \frac{250 \cdot 134,4}{180} =$ 186,7=187 л (O_2)

Ҷавоб. Барои таҷзияшавии 250 г глюкоза дар организми одам 187 л оксиген лозим буда, 187 л CO_2 хорич мешавад.

Масъалаи 4. Ҳангоми таҷзияшавии як молекулаи глюкоза ($C_6H_{12}O_6$) дар ҷараёни нафаскашӣ 38 молекулаи АТФ ҷудо мешавад, ки дар таркиби ҳар кадоми онҳо ба миқдори 75,64 ккал энергия мавҷуд мебошад. Ҳисоб намоед, ки дар таркиби чанд молекулаи АТФ миқдори энергияи сарфшуда, ба 1891 ккал баробар аст? [8саҳ.39].

Ҳамин тариқ истифодаи ҳалли масъалаҳо дар таълими биология аз як тараф боиси истифодаи робитаи байнифаннӣ бошад, аз тарафи дигар шавқу ҳаваси донишҷӯёнро ба фан зиёд намуда, дар онҳо зиракӣ ва ҳушёриро бедор менамояд.

АДАБИЁТ

1. Голдфард Я. Л., Ходаков Ю.Б., Додонов Ю.Б. Маҷмӯаи масъала ва машқҳои химия. Нашриёти «Просвещение», 1987.
2. Конюшко В.С., Радкевич В.А.. Тетрад для самостоятельных работ по зоологии. Минск: Народная асвета 1972.
3. Лункиевич В.С. Занимательная биология.-М . Наука, 1963
4. Муртазин Г.М. Задачи и упражнения по общей биологии. -М.: Просвещение, 1988.
5. Молис С.С., Молис С.А. Активные формы и методы обучения биологии.-М.: Просвещение, 1988.
6. Жукова Т.И. Часы занимательной зоологии.-М. Просвещение,1962
7. Савлатов С., Баротов К.А. Генетика. –Д.; 2010
8. Савлатов С., Баротзода К.А. Ҳалли масъалаҳои биологӣ.-Д.;2006, 2020

9. Ғиёсов Т.Ҷ. Биологияи умумӣ. Д.: 2011, саҳ 135.
10. Холбеков М.Ё. Биология. Д.:2014, саҳ.455

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ РЕШЕНИЯ ХИМИЧЕСКИХ ЗАДАЧ НА УРОКАХ БИОЛОГИИ

Автор подчеркивает, что междисциплинарное общение в преподавании биологии является одной из основных частей обучения и имеет большое значение в развитии изучения этого предмета. Учитель биологии должен уделять особое внимание междисциплинарному общению и учитывать знания учеников во время уроков. С помощью междисциплинарного общения учитель биологии в сотрудничестве с другими учителями может внести достойный вклад в улучшение образования. Междисциплинарное общение в биологическом образовании осуществляется только в том случае, если учитель обладает полными знаниями междисциплинарного общения.

Связь биологии с химией легко изучить при изучении биологической роли химических элементов, биологического действия веществ, а также тесной связи органического вещества с биологическими объектами, природой, использования химических задач на уроках биологии, окружающей среды. защита и так далее.

Во время изучения темы «Метаболизм и преобразование энергии в клетке» студенты информируются об этапах обмена веществ, а затем тема изучается полностью и на практике с использованием решения химических задач.

Ключевые слова: *междисциплинарное общение, решение химических задач, биология, химия, студент, метаболизм, стадия.*

THE USE OF THE SOLUTION OF CHEMICAL PROBLEMS IN THE LESSONS OF BIOLOGY

The author emphasizes that interdisciplinary communication in teaching biology is one of the main parts of teaching and is of great importance in the development of the study of this subject. The biology teacher should pay special attention to interdisciplinary communication and take into account the knowledge of the students during the lessons. Through interdisciplinary communication, a biology teacher, in collaboration with other teachers, can make a worthy contribution to improving education. Interdisciplinary communication in biology education is carried out only if the teacher has full knowledge of interdisciplinary communication.

The connection between biology and chemistry is easy to study when studying the biological role of chemical elements, the biological action of substances, as well as the close connection of organic matter with biological objects, nature, the use of chemical problems in biology lessons, the environment. protection and so on.

During the study of the topic «Metabolism and energy conversion in the cell», students are informed about the stages of metabolism, and then the topic is studied fully and in practice using the solution of chemical problems.

Key words*: interdisciplinary communication, solving chemical problems, biology, chemistry, student, metabolism, stage*

Сведения об авторе*:*

Баротзода Камолиддин Ашур *– доцент Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (+992) 934050446.*

About the author:

Barotzoda Kamoliddin Ashur *– Associate Professor of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel: (+992) 934050446*

УДК 546

ИСТИФОДАБАРИИ МАВОДҲОИ ЭКОЛОГӢ ДАР ДАРСҲОИ ХИМИЯ

Зоирова З.Т.
Донишгоҳи Аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур

Аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон шудани «20-солаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ барои солҳои 2020-2040» ҳар як омӯзгорро водор месозад, ки оиди ин пешниҳод ҳаматарафа кушиш намуда, барои амалӣ гардонидани он саҳм гузорад.|1|

Лекин дар баробари азхуд намудани ин фанҳо ба хонандагон оиди тарбияи истифодабарии самаранок ва сарфаҷӯёнаи маводҳои табиӣ ё истеҳсолшаванда сухан гуфтан айни муддао буда, яъне диққати асосиро боз ба тарбияи экологии хонандагон додан лозим аст.

Нақши асосиро дар таълими экологӣ дар мактабҳо фанни химия мебозад, зеро асоси ҳамаи протсессҳое, ки дар организми зинда ва муҳити зист мегузаранд, реаксияҳои химиявӣ мебошанд. Муаллими химия дар дарсҳои химия метавонад ба хонандагон оид ба фаъолияти корхонаҳо, партовҳои саноатӣ ва роҳу усулҳои тоза кардани онҳо ва дигар масъалаҳои ба муҳити зист алоқаманд маълумот диҳад. Ба донишҷӯён дар дарсҳои химия дар бораи гардиши моддаҳо дар

табиат, таъсири онҳо ба организми инсон, эффекти гулхонаӣ, вайроншавии қабати озонӣ, боронҳои захролуд ва масъалаҳои дигари экологӣ маълумот дода шавад.

Чанде аз масъалаҳои дар боло зикр ёфта дар мавзӯъҳои фанҳои дигар, аз ҷумла, биология, география, физика ва ғайра низ омӯхта мешаванд. Ин ба хонандагон имкон медиҳад, ки ҳар як масъаларо беҳтар омӯзанд ва оид ба усулҳои ҳалли онҳо омода бошанд.

Баъзе масъалаҳои экологие, ки ба мавзӯъҳои фаннӣ алоқаманданд, бояд мавриди баррасӣ қарор гиранд. Чунин мавзӯҳо дар фанни химия кам нестанд. Аз ҷумла, ифлосшавии муҳити атроф ва усулҳои бартараф кардани он, коркарди партовҳо, масъалаҳои экологии хоҷагии қишлоқ ва ғайра.

Омӯзиши масъалаҳои экологӣ аз нигоҳи химиявӣ дар мактаб имконият медиҳад, ки моҳияти масъалаҳои ҳалталаб дарк ва роҳҳои дурусти ҳалли онҳо ҷустуҷӯ карда шаванд. Ворид намудани донишҳои экологӣ ба нақшаи фанни химия пеш аз ҳама барои он лозим аст, ки ба хонанда дарсҳои химияро чуқур аз худ намуда, дар асоси дониши ба даст овардааш ҳолатҳои экологии имрӯза, сабабҳои ба вуҷуд омадан ва ба хусусияти раванди истеҳсолоти ҳозиразамон вобаста будани онҳоро дарк карда тавонад.

Таҳлили барномаҳои мактабии химия нишон медиҳанд, ки омӯзиши масъалаҳои экологӣ дар онҳо тафриқавӣ дода шудаанд. Омӯзиши маҳсулот ва маводи химиявие, ки корхонаҳои саноатӣ истеҳсол менамоянд ва таъсири онҳо ба одамон аз он далолат медиҳад, ки дар таълими химия масъалаҳои экологиро дохил намоем. Натиҷаҳои таҳлили саволномаҳое, ки оид ба элементҳои экологӣ дар мактабҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз химия барои хонандагони синфҳои 8-ум тартиб дода шудаанд нишон дод, ки худи омӯзгорон ба дараҷаи зарурӣ дониш ва малакаи кории экологиро надоранд ва аксари дарсҳои химия бе истифодаи маводҳои экологӣ мегузаранд.|6|

Маълум аст, ки 64,2% - дарсҳои химия бе истифодаи маводҳои экологӣ гузаронида мешавад, дар 27,4%- и он маводҳои экологӣ қисман ва дар 8,4%-и он дар дарсҳо маводҳои экологӣ пурра истифода мешаванд.

Бинобар ин, мо дар фаъолияти худ барномаҳои экологиро тартиб додем ва онҳоро барои омӯзгорони дигар тавсия кардем. Омӯзгорон бо истифодаи он барномаҳо ба хонандагон зарурати омӯзиши масъалаҳои экологиро бояд шарҳ диҳанд. Омӯзгор метавонад қайд намояд, ки имрӯз сарфакорона истифода бурдан ва ҳифз намудани захираҳои табиӣ вазифаи ҳар як фарди ҷомеа мебошад. Чунончи, дар Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 44 омадааст: «Ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ вазифаи ҳар як шахс аст».|2|

Дар ҳар дарс омӯзгор метавонад, чунин маълумотҳоеро истифода намояд, ки ба ҳолати имрӯзаи экологии Тоҷикистон ва ҷаҳонӣ вобаста бошанд. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарини сектори иқтисодии Тоҷикистон мебошад, ки дар он 67% қувваи кори аҳолии кишвар фаъолият доранд, 11% маҳсулоти содиротӣ истеҳсол карда мешавад. Аз ҳад зиёд обёри кардан, истифода ва нигоҳ доштани маводҳои химиявӣ масъалаҳои экологии зиёдеро, ба мисли эрозия ва ифлосшавии хок, обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ, инчунин дигар қисмҳои таркибии муҳити табииро ба миён меоранд.

Ҳангоми парвариши пахта аз ҳад зиёд маводҳои химиявии гуногун, аз ҷумла, маводҳо барои муҳофизати растаниҳо (худи пестисидҳо то 80%) масалан, алдрин, гексахлорбензол, гепахлордилдрин, ДДТ (дихлордифенилтрихлорметилметан), таксофен, хлорден, эндрин, маводҳои фосфорорганикӣ ва ғайра, истифода мешаванд.

Бисёр маводҳои захрӣ мачуданд, ки истеҳсоли онҳо маҳдуд ё манъ карда шудаанд, онҳо то ҳол дар Тоҷикистон истифода мешаванд. Дар натиҷаи гузаронидани инвентаризатсия 17,55 тонна ДДТ ёфт гардид, ки 17 тоннаи он бо таври рустӣ солҳои 2005-2006 ба вилояти Суғд, боқимонда 0,55 тоннаи он ба ду хоҷагии ноҳияи Ҳисор ворид гаштаанд.

Ба саноатҳои асосии муҳити атрофро ифлоскунанда корхонаҳои саноати сабук, истеҳсолоти химиявӣ, металлургияи ранга, коркарди металлҳои вазнин ва корхонаҳои соҳаи сохтмон дохил мешаванд. Вобаста ба маълумотҳое, ки аз Кумитаи омор мерасанд дар солҳои 2003, 2004 ва 2005 аз тарафи корхонаҳои саноатӣ мутаносибан - 120,8 ҳазор тонна, 10,5 млн.м^3 ва 16,3млн. м^3 гази табиӣ истифода шудааст. Корхонаҳои моддаҳои зараррасонро ба ҳаво сар медодагӣ дар ҷумҳурӣ истеҳсолоти металлҳои ранга ва сиёҳ мебошанд.

Дар ҷараёни омӯзиши фанни химия, истифода бурдани мисолҳо оид ба ҳолатҳои экологӣ дар хонандагон ҳисси ҷавобгарӣ, нисбат ба ҳифзи табиатро ба вуҷуд меорад.

Барои мисол аз химияи органикӣ дарси мавзӯи «Нефт ва маҳсулотҳои нефт» -иро дида мебароем.|2,4,5| Дар дарси мазкур хонандагон ба коллексияи нефт, ки дар кабинетҳои химияи мактабҳо мавҷуд аст, шинос мешаванд. Сипас омӯзгор доир ба нефт, конҳои калонтарини нефт, коркарди нефт, маҳсулотҳое, ки аз нефт ҳосил мекунанд (бензин, карасин, лигроин, равғанҳои молиданӣ ва ғайра) ва аҳамияти онҳо маълумоти мухтасар медиҳад. Дар охир муаллим дар бораи вайрон карда шудани системаи экологии табиӣ аз тарафи худи инсон нақл мекунад. Инсоният аз вақте, ки бо нефт ва истифодабарии он сару кордор шуд, хусусан дар асри XX тақрибан ба 70%

ҳамаи системаҳои экологии табиат зарар овард. Ба қисми зиёди соҳилҳои баҳру укёнусҳо аз қубурҳои нефту нефткашонҳо нефт рехта он ҷойҳоро ифлосу заҳролуд кардааст. Шаш фоизи чунин ифлосшавӣ ба худи одамон вобастагӣ дорад. Онҳо маҳсулоти нефтиро бевосита ба обу замин мерезанд. Ба оби баҳру укёнусҳо ҳар сол то 6 млн тонна нефт мерезад. Дарёҳо 1,8 млн тонна маҳсулоти нефтиро мебаранд. Ба фикри мо хонанда баъди шунидани чунин нақл нисбати экологияи табиӣ бетараф намемонад. Ӯ ба экологияи табиат шавқ пайдо намуда, барои тозагии он кӯшиш мекунад.

Омӯзгор дар ҳар як мавзӯъҳои дарсӣ аз фанни химия ҳолати ба миён омадаи экологиро истифода бурда, ба хонанада зарурияти омӯзиши проблемаҳои экологиро шарҳ медиҳад. Заводҳои химиявӣ ва корхонаҳои истеҳсоли маводҳои химиявиро мисол оварда, метавонад қайд намояд, ки онҳо ҳар сол ҳазорҳо тонна партовҳоро ба муҳити атроф мепартоянд ё ба воситаҳои гуногун ба ҳаво, об ва хок паҳн менамоянд, ки боиси ифлосшавии муҳити зист мегардад.|3,7|

Дар рафти омӯзиш фанни химия омӯзгорон ӯҳдадоранд, ки ба хонандагон дар бораи партовҳои саноатӣ ҳамчун ашёи хом маълумот диҳанд ва роҳҳои самаранок истифода бурдани онҳоро, аз адабиётҳо пайдо намуда пешкаш кунанд. Қайд намоянд, ки имрӯз коркарди комплексии ашёи хом ва партовҳои саноатӣ яке аз масъалаҳои муҳими ҷомеъа мебошад. Омӯзгорро зарур аст, ки ба хонандагон дар бораи системаи технологияи ҳозиразамони бепартов, ё истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳитро аз ҳар гуна омилҳои номусоид, аз ҷумла, партовҳои саноатӣ маълумот диҳад.

Таҳқиқоти мо нишон дод, ки роҳи асосии таълим ва тарбияи экологии хонандагон– ин ҷараёни таълим, дарс аст. Танҳо ҷараёни дарс имконият медиҳад, ки маҳорат, малака ва дониши хонандагонро афзун гардонида, қобилияти таҳлилнамоӣ, ҷамъбасткунӣ ва натиҷабарории онҳоро ривоҷ диҳад ва асосҳои психилогию педагогии ташккулёбии муносибати экологии хонандагонро нисбат ба муҳит ба вуҷуд оварад.|8|

Истифода бурдани сурат, расм ва намоиши филмҳо бо ёрии дискҳо дар компютер (ноутбук) бахшида ба мавзӯъи табиат ва ҳифзи он, гузаронидани бозиҳои дидактикӣ, иҷро кардани корҳои фардӣ ва мустақилона имконият медиҳанд, ки таълим ва тарбияи экологӣ самаранок гузарад.

Аз ин тадқиқотҳо маълум мегардад, ки вазифаи асосии таълими химия дар мактаби миёна ба насли наврас додани дониши химиявии мукаммал мебошад. Ҳал кардани масъалаҳои экологӣ дар дарсҳои химия ин ҷиҳати муҳимтарини азхудкунии илми химия ба ҳисоб меравад. Барои дохил кардани тарбияи экологӣ дар ҷараёни таълим баъзе принсипҳои дидактикии омӯзиши илми химия сафарбар карда мешаванд. Барои бомуваффақият гузаронидани дарсҳои химия, ҳатман принсипҳои дидактикии омӯзиш, тарбия ва тарғибро дуруст ба роҳ мондан лозим аст.

АДАБИЁТ:

1. Конституцсияи ҶумҳуриитТоҷикистон.Душанбе: Ирфон, 1994-моддаи 44.
2. Алексеев, С.В. и др. Практикум по экологии. - М.: АО МДС, 1996.- 192с. саҳ 46-48
3. Биоиндикация загрязнений наземных экосистем / Под ред. Р. Шуберта.- М.: Мир, 1988. –350 с.саҳ 111-115.
4. Бобиев, Ғ.М. ва дигарон. Китоби дарсӣ барои синфи XI, Душанбе 2007.саҳ248-253
5. Зубайдов, У, З. Холназаров, С. Методикаи таълими химия. Душанбе, 2011.саҳ 23-25.
6. Саидов, М., Давлатов, А., Исоев, К., Барномаи таълимӣ аз фанни экология. Душанбе 2016
7. Жданов, Н.В. Качество пыльцы как показатель загрязнения среды. Экология родного края / Под ред. Т.Я. Ашихминой.- Киров: Вятка, 1996. - С. 193. саҳ-87
8. Кузнецов, М. А. И др. Полевой практикум по экологии. М.: 1994.саҳ 65-70.
9. Школьный экологический мониторинг. Уч.- метод. Пособие. /Под ред. Т.Я. Ашихминой. М.: Агар, 2000. - 386 с. Саҳ 167-170.
10. Маълумотнома оиди идоракунии ҳифзи мӯҳити зист. М.2005 с. Саҳ 95-100

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ЭКОЛОГИЧЕСКИХ МАТЕРИАЛОВ В УРОКАХ ХИМИИ

В статье обсуждается вопрос предоставления студентам информации о метаболизме химических веществ в природе, их влиянии на человеческий организм, парниковом эффекте, истощении озонового слоя, токсичных осадках и других проблемах окружающей среды на уроках химии. Следует учитывать экологические вопросы, связанные с техническими проблемами, такие как загрязнение окружающей среды и методы его устранения, управление отходами, экологические проблемы сельского хозяйства и т. д.

Включение экологических знаний в учебную программу по химии необходимо, прежде всего, для того, чтобы глубоко усвоить полученные студентом знания о текущей экологической ситуации, причинах их появления и характере современного производственного процесса.

На протяжении своей карьеры автором разрабатывана эко-программа, которая рекомендована их для использования на уроках химии, связанных с охраной окружающей среды, путем разъяснения экологических проблем. Опыт показывает, что главная цель успешного

преподавания химии - правильная реализация дидактических принципов преподавания и обучения в различных ее областьях.

Ключевые слова: *студент, экологические знания, деградация окружающей среды, дидактические принципы, химическое производство.*

THE USE OF ECOLOGICAL MATERIALS IN THE LESSONS OF CHEMISTRY

The article discusses the issue of providing students with information on the metabolism of chemicals in nature, their effect on the human body, the greenhouse effect, ozone depletion, toxic fallout and other environmental problems in chemistry lessons. Consideration should be given to environmental issues related to technical issues such as environmental pollution and methods for its elimination, waste management, agricultural environmental issues, etc.

The inclusion of environmental knowledge in the curriculum in chemistry is necessary, first of all, in order to deeply assimilate the student's knowledge about the current environmental situation, the reasons for their appearance and the nature of the modern production process.

Throughout his career, the author has developed an eco-program that recommended them for use in chemistry lessons related to environmental protection, by explaining environmental issues. Experience shows that the main goal of successful teaching of chemistry is the correct implementation of the didactic principles of teaching and learning in its various fields.

Key words: *student, ecological knowledge, environmental degradation, didactic principles, chemical production.*

Сведения об авторе:

Зоирова Зулайхо Тоировна *– муаллимаи калони кафедраи химияи Донишгоҳи Аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур. (+992) 555556492, E-mail: tolibshoh@mail.ru*

About the author:

Zoirova Zulaikho Toirovna *- Senior Lecturer of the Department of Chemistry, Tajik State Agrarian University named after Sh. Shohtemur. (+992) 555556492, E-mail: tolibshoh@mail.ru.*

ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГИЮ ДИДАКТИКИИ ТАЪЛИМИ БИОЛОГИЯ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Шарипов М., Ваҳобов А., Миразоров К.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Дар пешрафти илму техника нақши мактаб ва маориф ниҳоят муҳим мебошад. Ислоҳот дар соҳаи маориф дар қабули барномаҳои нави таълимӣ ба инкишофи ҷомеа, ки асоси онро принсипҳои гуманизм ва демократия ташкил медиҳанд, зарур аст. Инкишофи муносибатҳои байнихамдигарии инсон, ҷомеа ва табиат дар ҳалли проблемаҳои иҷтимоию иқтисоди ва экологӣ тасаввур кардан мумкин нест. Пешрафти илм ва техника, аз як ҷониб, ба ҳаёти инсон беҳбудиҳои муайян меорад, ҳолати моддии зиндагиро беҳтар мекунад, ба пешрафти фарҳанг кӯмак мерасонад, аз ҷониби дигар тараққиёти илм техника ба ифлосшавии муҳити атроф ва кам гаштани шумораи олами набототу ҳайвонот мусоидат менамояд.

Дар замони муосир, ки илму техника ба дараҷаи баланд тараққӣ кардааст дар ҳамаи ҷабҳаҳо татбиқ шудааст, тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ автоматию электриконида шудаанд ва интернет ба таври васеъ истифода шудааст, аз ҳамаи шахсиятҳо талаб карда мешавад, ки асосҳои илми биология ва техникаро аз худ карда, дониши фаровон ҳосил кунанд ва ин донишҳои худро дар амал татбиқ намоянд [9].

Мазмуни маҷмӯи донишҳое, ки хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ меомӯзанд, дар барнома [2] ва нақшаҳои таълим ифода ёфтаанд. Дар китобҳои дарсӣ, маҷмӯи масъалаҳо ва дигар маводи ёрирасон, маҷмӯи дониш, маҳорат ва малакаҳое, ки хонандагон бояд ҳосил кунанд, муайян карда шудааст.

Пас, дар муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ хонандагон тавассути омӯзиши фан ба масъалаи ягонагии пайдоиши олами наботот, ҳайвонот ва алалхусус одам ошно мегарданд. Тафовут, монандӣ ва хешигарии гурӯҳҳои мухталифи организмҳои зиндаро фаҳмида мегиранд.

Ба воситаи омӯзиши биология талабагон оид ба аҳамияти ин фан дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии қишлоқ, тиб, саноат, олами зебоипарастӣ, инсондӯстӣ ва ғайра тасаввурот ҳосил мекунанд. Инчунин хонандагон ба масъалаи ҳифзи муҳити зист, мавқеи одам дар ин муҳит ва оқилона истифода бурдани сарватҳои зиндаи табиӣ маълумоти лозима касб мекунанд.

Азхудкунии мазмуни маҷмӯи донишҳо ва инкишофи қобилияти дарккунию эҷодии хонандагон ва ташаккулёбии қобилияти зеҳнии онҳо зимни ҷараёни таълим, дар раванди дарс ба амал меояд. Дар айни ҳол доир ба фаъол гардонидани ҷараёни таълим ва қобилияти дарккунии талабагон баҳсу

мунозираҳои зиёде вуҷуд дорад. Як гуруҳ олимон таъкид мекунанд, ки фикркуниро ба талабагон ёд додан лозим аст. Ин зарур ҳам ҳаст.

Гурӯҳи дигар, дар он ақидаанд, ки диққати хонандагонро бояд ба он ҷалб кард, ки онҳо малакаҳои зеҳнӣ пайдо кунанд. Онҳоро омӯзонидан лозим аст, ки аз ӯҳдаи муқоисакунӣ, ҷамъбаст кардан ва хулосабарорӣ бароянд.

Чизи муҳими дигар он аст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва омӯзгорон бояд хонандагонро чунон омода намоянд, ки онҳо дар бораи олам, ҷамъият ва қонунҳои тараққиёти он донишҳои навро на танҳо бо ёрии омӯзгор, балки худашон мустақилона ҷустучӯ ва аз худ карда тавонанд.

Ҷараёни таълимро таҳлил карда, бо боварии том гуфта метавонем, ки дар дарс нақли омӯзгор мавқеи асосиро ишғол мекунад, лекин омӯзгор маводи таълимиро фақат нақл карда, ба ташаккули ҳамаи навъҳо маҳорату малакаҳои умумитаълимии хонандагон қариб эътибор намедиҳад.

Ғайр аз ин, нақли маводи таълимӣ аз ҷониби омӯзгор бо ҳифз кардан ва дар хотир нигоҳ доштани хонандагон хотима меёбад. Бинобар ин аз ҷониби хонандагон низ он маводе, ки омӯзгор дар дарс нақл кардааст ё дар китоб дода шудааст, ҳамонро нақл мекунанд.

Ҳамин тариқ, ҳамаи кӯшиш ба он равона карда мешавад, ки хонандагон ҳарчи бештар маводро дар хотир нигоҳ дорад ва дар мавриди пурсиш, дарҳол он донишҳоро ба хотир оварда, нақл кунанд. Чунин навъи таълим аз нав нақлкунӣ репродуктивӣ ҳисоб меёбад.

Алабатта, чунин усули таълим аз рӯйи мазмуни худ ба фаъолияти афзояндаи маърифатии хонандагон ҳамоҳанг шуда наметавонад, чунки фақат фаъолияти маърифатии репродуктивиро истифода намудани омӯзгор ба монандшавии хотираи хонандагон, азхудкунии донишҳои формалӣ ва суст тараққӣ кардани фаъолнокии онҳо оварда мерасонад. Ҳамаи ин ба инъкишофи маънавӣ, ташаккулёбии шахсият ба пешрафти фаъолнокии хонандагон, мустақилият ва пешрафти эҷодии онҳо халал мерасонад. Чунин тарзи таълим ба талаботи объективии замони муосир ва талаботи тараққиёти пешрафти илму техника мухолифат мекунад.

Пас, вақти он расидааст, ки дар бораи ҷустучӯи шаклҳои нав, усул ва методҳои нави таълим, таълими инкишофдиҳӣ, яъне таълиме, ки ҳаматарафа инкишофдиҳии хонандаро таъмин менамояд, фикр кунем. Яке аз равоншиносони намоён В.С. Виготский қонуни таълими инкишофдиҳиро пешниҳод карда, онро чунин таъриф додааст: «Танҳо ҳамон таълим хуб аст, ки он аз тараққиёт пеш мегузарад».

Педагог – олими намоёни собиқ шӯрави М.А. Данилов таълими инкишофдиҳиро чунин маънидод намудааст: «Мантиқан таълими инкишофдиҳӣ ҳамеша дар назди хонандагон ин ё он вазифаи навро мегузарад, ки ба хонандагон фаҳмо буда, онро қабул мекунанд ва ба каме фикркунӣ ин вазифа аз тарафи онҳо иҷро карда мешавад».

Мувофиқи ақидаи Г.П. Ясинов «таълими инкишофдиҳӣ – ин роҳи донишомӯзии мустақилона мебошад, ки бо ин восита хонандагон бо диалектикаи чизҳо шинос мешавад, зеро қонунҳои ҳастӣ ва қонунҳои тафаккур ягонаанд».

Дар ҷараёни таълим на танҳо он донишҳои аз тарафи инсоният ҷамъшуда ба насли наврас омӯзонида мешавад, инчунин хонандагон ин донишҳоро худашон низ мустақилона азхуд мекунанд.

Азхуд кардани дониш – ин фаъолияти махсуси дарккунӣ мебошад. Азхудкунӣ ҳамчун раванди маърифати илмӣ, воқеъиятро инъикос менамояд [11].

Дар ҷараёни таълим, ҳамчун раванди маърифатӣ хонандагон аз номаълум ба маълум, аз дониши ноппура ба донишҳои пурра мегузаранд.

Фаҳмидани асрори олами объективӣ, дар ҷараёни таълим, ба воситаи ҳиссиёт, тафаккури абстрактӣ ва тавассути таҷрибаи дар амал санҷидашуда, ба амал меояд.

Маърифати илмӣ аз маърифати таълимӣ бо он фарқ мекунад, ки дар ҷараёни таълим танҳо далелҳои тавсиф, далелҳои дар илм маълум, баҳснoталаб омӯхта мешаванд. Ҷараёни маърифати илмӣ, ҷараёни дуру дароз буда, дар он ҳодисаю қонунҳои ҳоло дар илм номаълуми олами объективӣ, ошкор карда мешаванд.

Проблемаи инкишофи қобилияти фикрии хонандаро ҳар як омӯзгор бояд ба нақша гирифта, баҳри ҳалли он кӯшиш намояд. Ба ақидаи психологҳо меъёрҳои инкишофи тафаккур аз ҷузъҳои зайли иборат аст:

- ✓ ҳарчи тезтар омӯхтани маводи таълим ё босуръат ба пеш ҳаракат кардан;
- ✓ бо мулоҳиза фикр кардан, ки дар амал аз рӯйи миқдори зиёди мулоҳизаронихо, ки мувофиқи он ҳар як хонанда барои худ ягон қонуниятро кашф мекунад;
- ✓ савияи азхудкунии фаъолияти аналитикӣ – синтетикии ҳар як хонандаро инкишоф додан;
- ✓ гузариши амалиёти дарккуниро аз як усул ба усули дигар таъмин намудан ва дар мисолҳои мушаххасу мухтасар ифода карданд ва дар яке аз объектҳо татбиқ карда тавонистан. Масалан усули муайян кардани қимати як тақсимоти шкалаи хаткашаки тақсимотдор ва ё мензурка, барои муайян кардани як тақсимоти шкалаи динамометр, амперметр ва волтметр татбиқ карда тавонистан;

✓ маҳорати мустақилонаи ба тартиб даровардан ва ҷамъбаст намудани донишҳои омӯхташуда [16].

Омӯзиши кадом фанни таълимие, ки набошад, аз ҷумла биологияро низ бояд чунин ташкил кард, ки он қобилияти максималии дарккунии ханандагонро инкишоф диҳад. Бо ибораи дигар маҳорат ва малакаҳои умумитаълимии хонандагонро бояд ташаккул диҳад.

Ҷараёни омӯзиши биологияро ба роҳ монда, пеш аз ҳама зарурати ҷиҳатҳои асосии психологии онро донистан шарт ва зарур аст, ки яке аз онҳо мазмун ва мундариҷаи фанни таълимиро муайян кардан мебошад. Бо эҳсоси пурра фаҳмидани объекти омӯхташавандаро аз ҳар як хонанда иҷрои амалиёти фикрӣ, хусусан, таҷрид кардан, сохтани амсилаи (модели) идеалӣ ва иҷрошавию гузаштан аз як навъи абстраксия ба дигарашро талаб менамояд. Ҳамаи ин амалиёт хусусиятҳои асосии тафаккури илмии биологӣ мебошад.

Ин амалиёти фикрӣ тавассути омӯзиш дар ҷараёни таълим ташаккул ёфта, вобаста дар сину соли хонанда инкишоф меёбад.

Ҷиҳати дуюми хусусиятҳои психологии ҷараёни омӯзиши биология чунин аст: ҳангоми омӯзиши биология назар ба дигар фанҳои таълимӣ қонунҳо, ишораҳо ва аломатҳои зиёде ба таври васеъ истифода мешаванд, ки аз хонандагон татбиқи маҳоратҳои гузаштан аз як ишоратҳои шартӣ ба объекти реалӣ ва баръакс, аз нав дарк кардани объекти реалӣ ва сохтани тамсилаи идеалӣ аломатҳои тасвирёфтаро талаб менамояд.

Ҷиҳати сеюми хусусияти психологии ҷараёни омӯзиши биология - ин дараҷаи баланди пуртаъсир будани он тавассути истифодаи намоиш, призентасия, видиороликҳо, таҷриба, ташкил намудани мушоҳидаи хонандагон ва мустақилона иҷро кардани корҳои амалӣ мебошад.

Ин хусусиятҳои асосии психологӣ бояд дар ташаккул ва хуб дарк намудани маводи таълимии навъҳои гуногундошта, асосан аз фаъолияти омӯзгор оид ба ташаккул додани амалиёти фикрӣ (таҳлилкунӣ, муқоисакунӣ, ҷамъбасткунӣ, ҷобаҷогузорӣ, хулосаҳои умумӣ, хусусӣ ва махсусро ба назар нагирифтану хулосаҳо худро баровардан ва ғ.) вобаста буда, дар ҳар як хонанда ин амалиётро то қадри имкон инкишоф додан ба манфиати кор аст.

Дар ҳар як марҳилаи омӯзиши физика захираҳои амалиёти физикие, ки хонандагон дар аввали марҳила доштанд, бояд ба назар гирифта, ташаккулёбии амалиёти нави дарккунӣ, ҳангоми омӯхтани маводи нави таълимӣ, дар ҷараёни дарс пешакӣ муайян карда мешавад.

Дар ин марҳилаи омӯзиши биология маҳоратҳои мушоҳида намудан, мустақилона таҷриба гузаронидан, аз донишҳои ҳосилшуда хулосаҳои зарурӣ баровардан, ҳодисаро шарҳ додану онро пешгирӣ намудан, маҳорати аз нақшаи умумӣ истифода карда, ҳодиса, қонун ва назарияро (на танҳо аз биология, балки аз фанҳои дигар низ) шарҳ дода тавонистани хонандагон ба амал меояд.

Психологҳо муқаррар кардаанд, ки назарияи хуб на танҳо воситаи фаҳмидани ҳодиса, балки воситаи аз нав ба вуҷудоварӣ (барқароркунӣ) дар шуур низ мебошад.

Хусусиятҳои психологию дидактикии таълими биологияро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳлилу баррасӣ намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои баланд бардоштани сифату самаранокии таълими биология, омӯзгор бояд пеш аз ҳама маҳорат ва малакаҳои умумитаълимии хонандагонро бояд ташаккул диҳад.

Акнун мафҳумҳои дониш ва маҳорату малакаро баррасӣ менамоем.

Дониш - маҳсул ва натиҷаи фаъолияти маърифатии инсон, ки аз фарогирии маънавӣ ва тасвири идеалии олам дар тафаккур иборат аст. Ҷузъҳои таркибии дониш далелҳои илмӣ, мафҳумҳо, принсипҳо, методҳои таҳқиқот, инчунин манзараи илмии олам мебошад. Дар асоси дониш, эътиқод, ақидаҳо, маҳорату малакаи амалӣ пайдо мешаванд, қобилияти маърифатии хонандагон инкишоф меёбад. Азхуд кардани дониш омӯхтани мафҳумҳое, ки дар онҳо аломатҳои мушаххаси мавҷудияти предмету ҳодисаҳо ифода меёбанд ва ниҳоят омӯхтани қонуниятҳо, мавҷудият ва зарурати робитаи байниҳамдигарии ҳодисаҳои табиату ҷамъият ва ғ. мебошанд.

Маҳорат - ин фаъолияти дар амал татбиқ карда тавонистани дониш буда, он фаъолияти фикрӣ мебошад. Ба низом овардан ва татбиқ кардани дониш, ҳал карда тавонистани машқу масъалаҳо, гузаронидани таҷриба ва ғ. Маҳоратҳое мебошад, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ташаккул дода мешаванд.

Маҳорат кору амали бошуурона аст, ки дар асоси дониш ва таҷрибаҳо рӯзгори ҷамъиятӣ ба амал меояд.

Малака - тарзу усулҳои устувору мустаҳкамгардида (автоматӣ)-и иҷрои амал аст, ки дар натиҷаи машқу такрори зиёд ҳосил мешавад. Малака - маҳорати такрорёфта, яъне донишҳои борҳо дар таҷриба озмудашуда, ба маҳорати устувори доимоамалкунанда табдил меёбад, ки ин малака мебошад.

Ҳосил кардани малака, пеш аз ҳама аз бошоуурона омӯхтани ҷузъҳои дониш ва дар амал татбиқ кардани онҳо сар мешавад. Аҳамияти ҳаётӣ ва таҷрибавии малака хеле калон аст, он зуд ва босифат иҷро кардани корро таъмин мекунад [11].

АДАБИЁТ

1. Шарипов М., Тошев А. Омӯзиши маводҳои маҳал дар дарсҳои кимиё. Аз фишурдаи маърӯзаҳо оид ба «Истифодаи оқилона ва ҳифзӣ сарватҳои табии манотиқҳои куҳӣ». Д. 23-25 апрели соли 1997, саҳ. 184-185.
2. Шарипов М., Тошев А. Истифодабарии маводҳои маҳал дар дарсҳои химия (на таджикском языке). Методическое пособия для 8-9 классах. Изд. «Маъориф», Душанбе, 1997, 42стр.
3. Шарипов М., Абдуллозода Х. Проблема экологическое культуры в Таджикистане (на таджикском языке). Тезисы научно-практической конференции «Вода для жизни», ТГПУ, Душанбе, 2005, с.55-57.
4. Шарипов М., Абдуллозода Х. Уголок живой природы и биологиеские экскурсии (на таджикском языке). Методическое пособия для студентов и учителей биологии. Изд. ТГПУ им. К. Джураева, Душанбе, 2005.20 стр.
5. Шарипов М., Абдуллозода Х. Экологический проблемы современного общества (Вазорати ҳифзи табиат). Аз фишурдаи маърӯзаҳо аз конференсияи илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявии «Ҳолати экологии растаниҳои шифобахш дар ҷумҳурии Тоҷикистон» 2006, саҳ. 42-47.
6. Шарипов М., Абдуллозода Х. Корҳои берун аз дарсӣ дар таълими биология. «Вестник» ТГПУ им. К. Джураева, Душанбе, 2007, №2, с.46-51.
7. Шарипов М., Абдуллозода Х. Омӯзиши растаниҳои шифобахши Тоҷикистон дар дарсҳои биология. Конференсияи илмӣ-амалӣ оид ба «Ваъзи кунунӣ, проблема ва истифодаи сарватҳои табиӣ» ба муносибати 100 солагии собиқ ректори донишгоҳи ДДОТ О. Шукуров, 24.06.2008, стр. 16-17.
8. Шарипов М. Трудовое воспитание основной фактор комплексного воспитания молодого поколения. Тзисы научно – праектический конференции, ТГПУ им. С. Айни, Д. 2009, стр. 82-87.
9. Шарипов М. Роҳҳои беҳбудии сифати таълим дар омӯзиши биология. Конференсияи илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявии «Проблемаи таълими тафриқавӣ» ба муносибати 70 солагии корманди шоистаи Тоҷикистон, академики академияи илмҳои педагогӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Убайд Зубайдов, 04.03.2009, стр. 163-164.
10. Шарипов М., Абдуллозода Х. Маводи дидактикӣ дар таълими биология. Методическое пособия для студентов и учителей биологии. Изд. ТГПУ им. К. Джураева, Душанбе, 2010, 76стр.
11. Баротов К., Шарипов М. Истифодабарии бозиои дидактики дар таълими биология (2011). Методическое пособия для студентов и учителей биологии. Изд. ТГПУ им. К. Джураева, Душанбе, 2011, 40стр.
12. Шарипов М. ва Абдуллозодаи Х. Педагогикаи умумӣ (маҷмуаи таълимӣ). Дастури таълимӣ барои донишҷуёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ. Нашриёти «Ирфон», Душанбе, 2013. 198 саҳ.
13. Баротов К., Шарипов М. Корҳои берун аз синфӣ аз биология. Методическое пособия для студентов и учителей биологии. Изд. ТГПУ им. К. Джураева, Душанбе, 2014, 147 стр.
14. Баротов К., Шарипов М. Маҷмӯи тарзи нави худбаҳодиҳи бо дониш аз фанни ботаника барои синфҳои 5-6. Методическое пособия для студентов и учителей биологии. Изд. ТГПУ имС. Айнӣ, Душанбе, 2016, 135 стр.
15. Абдуллозода Ҳ., Зубайдов У., Баротов К., Шарипов М. ., Сатторов Т., Методикаи таълими биология Учебное пособия для студентов и учителей биологии. Изд. ТГПУ им С. Айни, Душанбе, 2018, 291 стр.
16. Баротов К., Шарипов М. Барномаҳои таълимӣ аз биологияи умумӣ, Ситология, Гистология, Корҳои берун аз синфӣ ва ҳалли масъалаҳои биологӣ. ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2018, 51саҳ.

ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ И ДИСЛЕКСИЧЕСКИЕ ХАРАКТЕРИСТИКИ БИОЛОГИЧЕСКОГО ОБРАЗОВАНИЯ В ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

В настоящей статье рассматривается изучение одним из методов получения первичной информации на ранних стадиях психолого-педагогического исследования для предварительного знакомства с объектом является изучение литературы, документов и результатов деятельности человека.

Литературные источники служат основанием для анализа истории и современного состояния проблемы, дают возможность рассматривать мало разработанные и дискуссионные положения, различные точки зрения, создавать первичное представление о проблеме и путях ее решения.

Источником фактического материала для исследований слу¬жат документы. Различают текстовые /компьютерные, печатные, машинописные, рукописные), иконографические (кино-, видео-, фотодокументы и т. д.), фонетические документы (магнитофонные записи, компакт-диски).

Для психолого-педагогических исследований источником информации служит текущая документация школ и других учреждений образования, контрольные и проверочные работы учащихся, сочинения, рисунки и поделки детей, протоколы педагогических советов и т. д.

Ключевые слова: *метод, информации, автор, источников, исследование, роль, факт, проблемы, документы, образования.*

THE PSYCHOLOGICAL AND DISLEXIC CHARACTERISTICS OF BIOLOGICAL EDUCATION IN GENERAL EDUCATIONAL INSTITUTIONS

This article examines the study of one of the methods of obtaining primary information in the early stages of psychological and pedagogical research for a preliminary acquaintance with the object is the study of literature, documents and the results of human activities.

Literary sources serve as a basis for the analysis of the history and current state of the problem, provide an opportunity to consider little developed and controversial provisions, different points of view, to create a primary understanding of the problem and the ways to solve it.

The source of the actual material for research is documents. Distinguish text / computer, printed, typewritten, handwritten), iconographic (film, video, photo documents, etc.), phonetic documents (tape recordings, compact discs).

For psychological and pedagogical studies, the source of information is the current documentation of schools and other educational institutions, control and verification works of students, essays, drawings and handicrafts of children, protocols of pedagogical councils, etc.

***Key words**: method, information, author, sources, role, fact, problems, documents, education.*

Сведение об авторах:

***Шарипов Мирзобек** – кандидат педагогических наук, доцент Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айнӣ, тел: (992) 985-56-21-13;*

***Вахобов Аличон** – кандидат биологических наук, доцент Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айнӣ, тел: (992) 985-65-84-43;*

